**КОНСЕРВАТОРИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ ТАЛАБХӮҶА САТТОРОВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 78.01+786.2 (575.3)

**УБАЙДЗОДА БАХТИЁР АҲРОРӢ**

# ҲАЛЛИ КОМПОЗИТСИОНӢ ДАР БУЗУРГСИЛСИЛАИ ПОЛИФОНИИ ФИРӮЗ БАҲОР: 24 ПРЕЛЮДИЯ ВА ФУГА БАРОИ ФОРТЕПИАНО «НАҚШИ ПАРАНД»

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор
Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА


**МУҚАДДИМА** ............................................................ 4

**БОБИ 1. РУШДИ ЖАНРИ СИЛСИЛАИ ПОЛИФОНӢ ДАР МУСИҚИИ КОМПОЗИТОРИИ ҶАҲОН ВА ТОҶИКИСТОН – ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ БУЗУРГСИЛСИЛА**

1.1. Хусусиятҳои ташаккули жанри бузургсилсила дар асрҳои XVIII-XXI ............10

1.2. Таҳаввули жанрҳои полифонӣ дар мусиқии композитории тоҷик.....................24

**БОБИ 2. СИЛСИЛАҲОИ ХУРДИ НАВЪИ АКАДЕМӢ ДАР БУЗУРГСИЛСИЛАИ 24 ПРЕЛЮДИЯ ВА ФУГА «НАҚШИ ПАРАНД»: ҲАЛЛИ КОМПОЗИТСИОНӢ-ДРАМАТУРГӢ**

2.1. Силсилаҳои хурди навъи классикӣ ............................................46

2.2. Силсилаҳои хурд бо фугаи навъи ғайриклассикӣ.................................64

2.3. Силсилаҳои хурди импровизатсионӣ.............................................67

2.4. Силсилаҳои хурд бо баёни импровизатсионӣ дар прелюдия .............................72

2.5. Силсилаҳои хурд бо фугаи ҷазӣ ..............................................74

2.6. Силсилаҳои хурди дорои техникаи авангардӣ......................................78

2.7. Силсилаҳои хурди портретӣ

2.7.1. Силсилаи хурд бо дороии фугаи сароҳанг-туғро.................................. 87

2.7.2. Силсилаҳои хурди портретӣ бо фугаҳои бидуни сароҳанг-туғро................ 104

**БОБИ 3. ТАРКИБОТИ ЖАНРӢ ВА ҲАЛЛИ КОМПОЗИТСИОНӢ-ДРАМАТУРГӢ ДАР СИЛСИЛАҲОИ ХУРДИ НАВЪИ МИЛЛӢ**

3.1. Силсилаҳои хурд бар асоси мусиқии суннатии тоҷик .....................................110

3.2. Силсилаҳои хурд бо асоси мусиқии халқҳои дигар ..........................................123

3.3. Силсилаҳои хурди навъи декламатсионӣ-импровизатсионӣ ............................129

3.4. Силсилаҳои хурди портретӣ ..................................................144

**ХУЛОСА** ........................................................................................................ 156
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ**.................................................................................................. 161
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ..................................................................................... 163

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мусиқии бисёрасраи суннатии касбии тоҷик дар услуби монодӣ асос меёбад. Аз ин ҷост, ки дар заминаи он дар бораи полифония сухан гуфтан имконнопазир аст. Мусиқии полифонии тоҷик зодаи эҷодиёти композиторони тоҷик дар асри XX мебошад. Ташаккули фаъолияти композиторӣ дар заминаи анъанаҳои мусиқии академӣ, ки дар Тоҷикистон ба солҳои 30-40-уми асри XX рост меояд, оғози азхудкунии табиати мусиқии полифонӣ дар фарҳанги мусиқии тоҷик маҳсуб меёбад.

Бузургсилсилаи полифонии 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд»-и Фирӯз Баҳор ҳамчун фатҳи яке аз қуллаҳои азхудкунии полифония дар мусиқии фортепианоии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Аммо дар мусиқишиносии тоҷик то ҳол ба он ягон тадқиқоти хосса бахшида нашудааст.

Бо сабаби он, ки «Нақши паранд» ягона асари композитори Тоҷикистон дар ин жанри мураккаби полифонӣ аст, он иқтидор пайдо мекунад, ки диди композитори тоҷикро ба ин жанри полифонӣ нишон бидиҳад. Ва таҳқиқи ин дид ҳам барои мусиқишиносӣ муҳим аст. Ин дид мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро зиёдтар мегардонад. Ва ниҳоят, Баҳор – яке аз устодон-полифонистони шинохта дар мусиқии тоҷик аст. Вале ин паҳлуи фаъолияти эҷодии композитор дар мусиқишиносӣ таҳқиқ нашудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ** бо се тадқиқоти диссертатсионӣ доир ба нақши полифония дар мусиқии композиторӣи тоҷик, маҳдуд аст [10; 27; 39]. Аммо ба андешаи мо, ки дар поён иброз мегардад, тадқиқотҳои ҷойдошта, ҳатто тадқиқоте (П. Тончук), ки номи бузургасари Фирӯз Баҳорро ба сарлавҳааш баровардааст, моҳияти бузургсилсиларо кушода нашудааст. Бинобар ин, новобаста аз ҷо доштани кори диссертатсионии унвонӣ, доир ба бузургсилсилаи полифонии мазкур дар илми мусиқишиносӣ ҷойи холӣ боқӣ мемонад. Аз ин ҷост равоии интихоби мавзуи кори диссертатсионӣ бахшида ба асари 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд»-и Фирӯз Баҳор.

**Алоқамандии тадқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар доираи **барномаи давлатӣ** ва **лоиҳаҳои хоссаи** он «Коркарди илмӣ ва танзими масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ ва методологияи санъати мусиқии касбии Тоҷикистон (барои солҳои 2016-2020)» ва «Мукаммалгардонии илмӣ ва методологии ҷараёни таълими мусиқӣ дар Тоҷикистон (барои солҳои 2021-2025)», ки Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов амалӣ кардааст, иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади асосии кори диссертатсионии мазкур таҳқиқи ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд»-и Фирӯз Баҳор мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** бо муайян кардани дид ва услуби талқини композитор жанри бузургсилсилаи полифониро аз ҷиҳати ҳалли композитсионӣ, аз ҷумла,

- радабандии жанрии силсилаҳои хурди бузургасар;
- хусусиятҳои силсилаҳои хурди академӣ дар шохаҳои жанрии он;
- хусусиятҳои силсилаҳои хурд бо асоси миллӣ;
- таҳқиқи силсилаҳои хурд аз ҷиҳати рабти онҳо бо услуб ва жанрҳои таърихии полифонӣ;
- таҳқиқи техникаи сабкҳои полифонӣ;
- таҳлили асоси жанрии силсилаи хурд;
- муайян кардани унсурҳои мусиқии суннатиии тоҷик дар силсилаҳои хурд;
- навгониҳо дар жанри бузургсилсилаи Баҳор;
- муайян кардани услуби полифонии композитор Фирӯз Баҳор дар умум;
- муайян кардани мавқеъи бузургсилсила дар мусиқии композитории Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** мусиқии полифонии композитори тоҷик Фирӯз Баҳор мебошад.

**Мавзуъ (предмет)-и таҳқиқот** – бузургсилсилаи полифонии 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд»-и Фирӯз Баҳор аст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов дар муддати солҳои 2018 то 2026 иҷро шудааст.

**Асоси назариявии таҳқиқот** дар коркарду консепсияҳои полифонии мусиқишиносии ватанӣ ва хориҷӣ (1), коркардҳои навини фаннӣ, ки ба полифонияи муосир тааллуқ доранд (2), инчунин корҳои муҳаққиқони осиёимарказӣ (3) қарор гирифтааст.

Ба ҳайси **асосҳои методологии кори диссертатсионӣ** назарияи мусиқишиносон-полифонистон С. Танеев, Э. Курт, Т. Мюллер, В. Протопопов, В. Осипова, С. Скребков, В. Фраёнов, С. Григорйев, Ю. Евдокимова, Т. Дубравская, А. Милка, М. Ройтерштейн, А. Степанов, А. Чугаев, С. Павлюченко, И. Кузнетсов ва диг. истифода шудаанд [96; 38; 19; 29; 32; 30; 35; 41; 7; 12; 11; 111; 34; 138; 31].

Дар диссертатсияи мусиқишинос «М.Н. Дрожжина “Полифония дар асарҳои созии композиторони Тоҷикистон” услубҳои рушди истифодаи полифония дар осори композиторони тоҷик» [10] ба маънои умумӣ дар се давраи рушд: «... солҳои 1930-1940-ум – давраи якум, солҳои 1950-1960-ум – давраи дуюм ва солҳои 1970-1980-ум – давраи сеюм... » [10] дида баромада мешавад. Мусиқишинос кӯшидааст таҳаввули тадриҷии полифонияро дар эҷодиёти композиторони тоҷик аз нуқтаи назари истифодаи услубҳои полифонӣ натиҷагирӣ намуда, «дар боби охирин (боби 4 – “Шаклҳои полифонӣ”) ба жанрҳои фуга ва вариатсияҳои остинатӣ таваҷҷуҳи хоссаи хешро ҷалб мекунад. Вале ин ҷо фуга танҳо зери як нуқтаи назар – истифодаи унсурҳои миллӣ дар жанри фуга дида баромада шудааст. Ба ҳайси хулосаи асосии тадқиқот ҳам

мусиқишинос истифодаи унсурҳои мусиқии суннатии тоҷикро дар жанрҳои полифонӣ қайд кардааст» [10].

Силсилабузурги полифонии Фирӯз Баҳор дар диссертатсияи П. Тончук «Фуга ҳамчун диди бадеии универсалӣ (дар мисоли силсилаи «Нақши паранд»-и Фирӯз Баҳор)» ба таври хосса интихоб гардидааст. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки «нуқтаи назари синтези навъҳои санъат дар фуга ҳамеша дар доираи мушоҳидаи композиторон аст» [39]. Манзури мусиқишинос он аст, ки чунин нуқтаи назар ба композиторони Шарқ мансуб аст. Ба ҳайси мисол «композитори чинӣ Ван Лисанро бо силсилаи “Тян-Шан” (1981) иборат аз “Панҷ прелюдия ва фуга” дар асоси лаҳнҳои қадими чинӣ ва яке аз силсилаҳои хурди ин асар “Нақш” меоварад» [56, с. 111-116]. Ба гуфтаи мусиқишинос П. Тончук «дар эҷодиёти композитори узбекистонӣ Г. Мушел ин дид дар натиҷаи шавқмандии шахсии ӯ дар баробари мусиқӣ ба санъати тасвирӣ мушоҳида карда мешавад. Маълум аст, ки композитор муаллифи 150 мусаввара мебошад» [39]. Дар таҳқиқоти П. Тончук бевосита ба силсилаи «Нақши паранд» гуфтаҳои зиёд ҷо надорад, таҳлили муфассали асарҳо ба амал оварда нашудааст. Ҳарчанд ки унвони ин рисолаи илмиро ӯ бо унвони асари Фирӯз Баҳор пайвастааст. Таҳлили шахсии мусиқишинос умуман ҷо надорад. Ӯ танҳо иқтибосҳоро аз китоби Э. Гейзер оварда, хулосабарорӣ намудааст [6]. Ба андешаи мо таҳлили мавзуи «24 прелюдия ва фуга»-и Фирӯз Баҳор дар ин кори диссертатсионӣ хеле маҳдуд монда, асари бузургсилсиларо ба мусиқишиносӣ муаррифӣ карда натавонистааст.

**Заминаву пойгоҳи кори таҳқиқотӣ**. Диссертант ҳанӯз аз соли 2014 дар эҷодиёти композиторӣи хеш ба истифодаи унсурҳои полифонӣ ва таълифи асарҳо дар жанрҳои полифонӣ, аз ҷумла фуга оғоз намудааст. Шавқу завқ нисбат ба полифония аз он сар зада, ба хоҳиши пажуҳиш ва аз худ кардани полифония овард. Ниҳоят, ба ӯҳда гирифтани як қисми дарсҳои фанни

«Полифония» дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов барои омӯзиши мустақими полифония мусоидат намуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он дида мешавад, ки услуби полифонии Фирӯз Баҳор дар илми мусиқии муосир нахуст талқини худро меёбад (1); асари бузургсилсилаи «Нақши паранд» нахустин бор зери таҳлили муфассали мусиқишиносӣ қарор гирифта, ба илми мусиқишиносӣ ворид мегардад (2); дар мисоли ин асар талқини жанри полифонии бузургсилсила аз тарафи композитори тоҷик ба мусиқишиносӣ ворид мешавад (3).

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия**:

1. нахустин бор асари 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд»-и Фирӯз Баҳор дар илми мусиқӣ таҳлили мусиқишиносии худро меёбад ва он фароварди омехташавии полифония бо фалак, умуман мусиқии суннатии тоҷик, мусиқии халқҳои дигар, сабки полифонии як қатор саҳифаҳои таърихӣ мебошад;
2. силсилаи хурди полифонӣ бо ду шакли сохтори композитсионӣ – «кушода» ва «пӯшида» пешниҳод гардидааст;
3. Фирӯз Баҳор дар мусиқии композитории тоҷик офарандаи навъҳои сершумори фуга – фуга-мутақориб, фуга-равона, фуга-рапо, фуга-бепарвофалак, фугаи ҷазӣ, фугаи портретӣ, фугаи орнитологӣ навъҳои зиёди фугаи авангардӣ, аз ҷумла, додекафонӣ, алеаторӣ, пуантилистӣ, сонорӣ мебошад;
4. талқини асоси лаҳнӣ дар бузургсилсила рамзӣ аст; феълан дар он дар баробари системаи мажорӣ-минорӣ, лаҳнҳои табиӣ ва фалакӣ (чормуқом) истифода бурда шудаанд; дар бузургсилсила ҳатто асарҳои атоналӣ ҷой доранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ** дар он аст, ки нахустин тадқиқотест дар равияи равшанӣ андохтан ба тафаккури полифонии композитори тоҷик дар умум. Таҳқиқи илмии асари полифонии Баҳор ҳамчун

намунаи ин тафаккур пешниҳод мегардад. Кори диссертатсионӣ асари мураккаби полифониро бо таҳлили пурраи мусиқишиносӣ ба илм ворид месозад. Истифодаи ин натиҷаҳо дар пажуҳиш ва омӯзиши полифонияи тоҷик минбаъд хеле судманд мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот** дар он дида мешавад, ки кори диссертатсионии мазкур – нахустин тадқиқест доир ба бузургсилсила ва умуман услуби полифонии композитор Фирӯз Баҳор дар мусиқишиносӣ.

Диссертатсия пурра **ба шиносномаи** ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) **мутобиқ аст**.

**Саҳми шахсии диссертант** бо омӯзиш ва таҳқиқи услуби полифонии композитор Фирӯз Баҳор (дар солҳои 2018-2026) ва татбиқи тадриҷӣ-амалии он дар дарсҳои фанни «Полифония» дар мактаби олӣ вобаста аст.

Дар ин муддат **амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 2018, 2019, 2020, 2021, 2022, 2023, 2024, 2025), форуми байналмиллалӣ (Душанбе, 2024), озмунҳои байналмиллалӣ (Санкт-Петербург, 2020, Москва, 2021, 2022), озмунҳои ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 2019, 2020, 2022) корбаст шудаанд.

Аз рӯйи **мавзуи диссертатсия интишорот** иборат аз 9 мақола, ки чаҳортои он дар маҷалаҳои рӯйхати КОА-и ҶТ, як маҷмуаи нотавӣ «Асарҳои полифонӣ, сонатинаҳо ва вариатсияҳо барои фортепиано» интишор гардидаанд.

Диссертатсия дар ҳаҷми 183 саҳифа навишта шуда, муқаддима, се боб, ки дар 13 фаслу 2 зерфасл баён гардидаанд, хулоса ва рӯйхати адабиётро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. РУШДИ ЖАНРИ СИЛСИЛАИ ПОЛИФОНӢ ДАР МУСИҚИИ КОМПОЗИТОРИИ ҶАҲОН ВА ТОҶИКИСТОН – ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ БУЗУРГСИЛСИЛА

## 1.1. Хусусиятҳои ташаккули жанри бузургсилсила дар асрҳои XVIII-XXI

Яке аз зуҳуроти дарёфтҳои мусиқии академӣ[1] жанри полифонии силсилавии *прелюдия ва фуга* мебошад. Ин силсила дар ду шакл зоҳир гардидааст: як прелюдия ва фуга (1) ва якчанд прелюдия ва фуга (2). Дар илми мусиқӣ ин силсилаҳои полифониро бо «унвонҳои "силсилаи хурд" ва "силсилаи бузург" (Т. Ливанова)» [101, с. 41; 102], «фавқуссилсила ("сверхцикл" – Т. Франтова)» [149, с. 37], «абарсилсила ("суперцикл" – И. Кузнецов)» [96, с. 137] ном мегиранд. Зери мафҳуми «силсилаи хурд» – силсилаи *прелюдия ва фуга* ва зери «бузургсилсила» – силсилаи иборат аз *якчанд прелюдия ва фуга* фаҳмида мешавад. Дар диссертатсияи мазкур истилоҳоти мусиқишинос Т. Ливанова бар асос гирифта шудааст.

Дар мусиқии академӣ эҷоди бузургсилсила ба анъанаи қавӣ табдил ёфт ва талқиноти гуногунро пайдо кардааст. Дар ин ҷараён меъёрҳои силсилабандӣ дар дохили бузургсилсила гуногунранг пешниҳод гардидаанд. Навовариҳо ин ҷо ба силсилаи хурди полифонӣ тааллуқ доранд. Тибқи суннат силсилаи хурди полифонӣ «прелюдия» ва «фуга»-ро дар бар мегирад. Вале композиторон прелюдияро бо жанрҳои дигар, аз ҷумла, фантазия (Макс Ригер), речитатив (Арам Хачатурян), интерлюдия (Паул Хиндемит) ва дигар иваз кардаанд. Онҳо жанри фугаро жанри асосии силсилаи хурд ҳисобида, додани функсияи прелюдияро ба жанрҳои дигар раво дидаанд. Дар диссертатсияи мазкур барои корбарии возеҳ барои ифодаи силсилаи хурд иборат аз «прелюдия» ва «фуга»

[1] Зери мафҳуми «мусиқии академӣ» дар рисолаи мазкур мусиқии классикаи ҷаҳонӣ ва мусиқии композитории тоҷик дар назар дошта мешавад. Таърифи ин мафҳумибораро мусиқишинос Ф.А. Азизӣ хеле амиқ овардааст [1, с. 11].

истилоҳи «силсилаи хурди суннатӣ» (инчунин «бузургсилсилаи суннатӣ») ва барои таркиботи дигари он – «силсилаи хурди ғайрисуннатӣ» («бузургсилсилаи ғайрисуннатӣ») шартан қабул шудааст.

Жанри бузургсилсилаи полифонӣ тадриҷан ташаккул ёфтааст ва он ҳамеша бо рушди фаҳмишу талқини фуга алоқаманд буд. Табиист, ки унсури асосии полифонӣ дар силсилаи хурд бештар бо жанри фуга алоқаманд аст. Бинобар ин дар аввал дар бораи таҳаввули фаҳмиши фуга дар илми мусиқишиносӣ гуфтан мантиқ дорад.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсияи мазкур дар назарияи муосири фуга коркардҳои хуби илмӣ ҷо доранд. Ва қабл аз таҳлили бевоситаи бузургсилсилаи 24 Прелюдия ва фуга «Нақши паранд»-и Фирӯз Баҳор шиносоӣ бо онҳо зарур аст. Зеро ки маҳз навтарин гуфтаҳоро дар кори диссертатсионии мазкур мебоист мавриди баррасӣ қарор дод.

Мусиқишинос К.В. Дискин таҳқиқот зери унвони «“Таҳаввулоти таълимоти фуга дар анъанаи австро-немисии асри XVIII: аз И.Й. Фукс то И.Г. Албрехтсбергер”-ро ба “падида”-и фуга бахшидааст» [168]. Дар роҳи рушди фуга муаллиф якчанд давраро ҷудо мекунад, ки он давраҳо аз ивазшавии ин падида (1) ва ивазшавии фаҳмиши он дар илму амалияи мусиқӣ (2) шаҳодат медиҳанд. Мусиқишинос қайд мекунад, ки « .. асри XVIII дар таърихи омӯзиши фуга давраи мустақилро ташкил медиҳад» [168]. Баъди таҳлилу таҳқиқи се сарчашмаи асосии асри XVIII (*Gradus ad Parnassum / Қадамҳо ба Парнас* (1725) И.И. Фукс, *A-handlung von der Fuge / Рисолаи фуга (*1753-1754) Ф.В. Марпург ва *Grundliche Anweisung zur Composition / Дастури муфассал оид ба таълиф* (1790) И.Г. Альбрехтсбергер) ӯ чунин меҳисобад, ки « .. фаҳмиши фуга ҳамчун канон, имитатсия ва техникаи контрапункти имитатсионӣ тадриҷан, ба туфайли мусиқишиносон ба фаҳмиши нави он: фуга – пйесаи мукаммал овард ... » [168]. Ва идома медиҳад, ки « .. ҳар яке аз ин се манбаъ ба дараҷаи муайян ҷамъбасти як раванди дохилии рушди фуга мебошад. Агар якумӣ анъанаи педагогикаи

асри XVII-ро натиҷагирӣ намояд, дуюмӣ – хулосаи донишро дар бораи фуга дар давраи барокко бо таъкид ба давраи охирини эҷодиёти И.С. Бах, ва сеюмӣ, – вазъи илми фугаро дар чаҳоряки охирини асри XVIII дар бар мегирад. Ин аст, ки дар натиҷа онҳо вазъи мушаххаси илми фугаро дар ин аср фаро гирифтаанд» [168].

Давраи дигарро дар таҳаввули талқину фаҳмиши фуга муҳаққиқ К.В. Дискин ба асри дигарӣ, асри XIX тааллуқ медонад: « .. муҳаққиқон Ф.Ж. Фетис (1824) ва А. Рейх (1826) – дар рисолаҳои мактаби фаронсавӣ ва китоби дарсии композитсияи А.Б. Маркс (1838) – дар мактаби немисӣ омӯзиши фугаро бо эҳтиёҷоти таълимоти нав – таълимоти академӣ, мепайванданд» [168]. Ҳамин тариқ, мусиқишиноси муосир баъди пажуҳиши инъикоси роҳи рушди полифония дар таҳқиқотҳои мусиқишиносӣ аз *услуби қатъӣ* (асари «Gradus ad Parnassum»-и И.И. Фукс) то консепсияҳои созии охири аср, ба хулосае меояд, ки ин аср (асри XVIII – Б.У.) таҳаввули фугаро аз фаҳмиши вокалӣ-полифонӣ ба созӣ овардааст ва дар он рабти омӯзиши контрапункт ва назарияи композитсия ҷой мегирад. Ва амалияи мусиқӣ, хусусан таҳқиқотҳои назариявии асри XVIII-ро хеле мушаххас баҳогузорӣ менамояд: « ... онҳо калидҳо ва олоти таҳлилиро барои фаҳмиши фуга аз асри XVII то аввали асри XIX дар худ доранд ... » [168]. Хусусияти дигари таҳаввули фугаро мусиқишинос дар он мебинад, ки ин рушдро на як, балки ҳамҷо ду мактаб – Австрия ва Германия ба амал оварданд. Аз тарафи дигар, маълум аст, ки асри XVIII дар мусиқишиносӣ ҳамчун давраи ташаккули услуби муосири омӯзиши композитсия мақбул шудааст. «Ин раванд дар навсозии забони мусиқӣ: температсияи муназзам, системаи тоналии дугунаии лаҳнӣ, назарияи гармонияи функсионалӣ, пайдошавии унсурҳои нави оҳангӣ вобаста ба ташаккули рабт бо услуби гомофонӣ-гармонӣ зоҳир гардидааст. Ва дар охири аср меъёри шакли мусиқӣ ва дастгоҳи фаҳмишии назарияи мусиқӣ мураттаб гардидаанд» [86; 168]. Омӯзиши фуга низ зери нуфузи ин ҷараён қарор мегирад.

Мусиқишинос К.В. Дискин муайян кардани рушди тадриҷии дохилии ин равандро ба зимма гирифта, дар он амалҳои даврабандӣ (1), мушаххассиёти иштироки ду мактабу консепсияҳои муҳаққиқони онҳо (2), нақши калидии таҳқиқотои асри XVIII барои рушди баъдии илми полифония, аз ҷумла, фуга (3)-ро таъкид кардааст.

Хулосаҳои ин муҳаққиқ дақиқу аёнанд. Аввало, ба гуфтаи ӯ «назарияи австро-немисии фуга мутааллиқ ба асри XVIII таҷассумгар ва натиҷагири даврахои таҳаввули ин шакли мусиқӣ дар даврахои барокко ва класситсизм мебошад» [168].

Дуюмӣ он, ки маҳз дар ҳамин аср «консепсияи имрӯзаи фуга ташаккул ёфт ва онро аз талқиноти зиёдатии унсурӣ (канон, имитатсия, пйесаи полифонӣ) ҷудо кард ва фаҳмиши имрӯзаи фугаро пайдо намуд. Ва сеюмӣ, равандҳои марбут ба дигаргуншавии фаҳмиши системаи мусиқӣ дар фуга инъикос гардиданд» [168].

Баъди мутолиаи таҳқиқоти К.В. Дискин муаллифи кори диссертатсионии мазкур ҳамфикрии худро бо хулосаи ӯ дар бораи аҳаммияти таҳкурсӣ доштани консепсияи назарии асри XVIII ба дастовардҳои амалии И.С. Бах иброз менамояд.

Бо вуҷуди ин, муҳаққиқон, аз ҷумла С. Скребков, таъкид мекунад, ки «Навгонии услуби фугаи И.С. Бах ба маънои аслӣ ҳамаҷониба аст. Ҳама нав мешавад: ҳам композитсияи умумӣ, ҳам забони мусиқӣ, ҳам худи сароҳанги фуга бо моҳияти нав ва нақши нав дар асар. Ва ин навоварӣ беҳудуд аст ... » [134, с. 158]. Зеро ки воқеан композитори маъруф «И.С. Бах ба жанри бузургсилсилаи полифонӣ дар асри XVIII хеле мақсаднок рӯ овард» [90, с. 158-173; 134, с. 158-173]. Маълум аст, ки «то давраи И.С. Бах эҷоди асарҳо бо якчанд лаҳну тоналност маҳдуд буд» [127, с. 50-118]. Инчунин, майли композиторон ба «тоналностҳои бемолӣ нисбат ба тоналностҳои диезӣ бештар зоҳир мегардид» [112, с. 19]. Композитор «И.С. Бах бо мақсади нишон додани

иқтидори лаҳнӣ-тоналии ҳар як тоналност ба таълифи бузургсилсилаи худ шуруъ намуд» [160, с. 17-36]. Имрӯз ба мусиқишиносӣ маълум аст, ки ӯ бузургсилсилаи полифонии «48 прелюдия ва фуга»-и худро дар ду ҷилд бо фарқияти замонии 22 сол (1722, 1744) офарида бошад ҳам, офаридани ин асари бузург аз тарафи ӯ ҳадафнок ва номгузории он огаҳона аст. Зеро И.С. Бах бо ин асар баробарҳуқуқии тоналиро исбот кардааст. Номи силсила (*Das Wohltemperierte Clavier*) меъёри асосии силсиласозиро таъкид кардааст. Ин асари И.С. Бах дар ҳақиқат нишон дод, ки «ҳамаи тоналностҳо, новобаста ба теъдоди аломатҳо, баробарҳуқуқанд» [74; 32, с. 187; 91]. Оид ба чунин амали И.С. Бах композитори венгерӣ Б. Барток гуфтааст «*Бах бе ташвиш дар ҳама тоналностҳо қадам мезанад*» [112, с. 19]. Идомадиҳандагони бузургсилсилаи полифонии суннатӣ, ки ба талқиноти И.С. Бах пайравӣ кардаанд, дар мусиқии композиторӣ начандон зиёданд[1].

Ғояи офаридани бузургсилсила қабл аз И.С. Бах бо ранги дигар ҷо дошт[2]. Навгониҳои И.С. Бах ба ташаккули полифонӣ ҳам аз ҷиҳати лаҳнӣ ва ҳам аз ҷиҳати жанрӣ ба амал оварда шудаанд. Маълум аст, ки «дар эҷодиёти И.С. Бах жанрҳои полифонии инвенсия ва фуга ба жанри марказӣ табдил гардидаанд» [33, с. 41]. Диди И.С. Бах дар полифония ҳамчун консепсияи нав пазируфта шуд, вале пайравони ӯ низ ин консепсияро бо таври эҷодии худ қабул карда, дигаргунӣ ба принсипи асосии пайиҳамии силсилаҳои хурд даровarданд: Карл

---

[1] «48 прелюдия ва фуга»-и К. Черни (1830), «24 прелюдия ва фуга»-и В.П. Задератский (1937), «24 прелюдия ва фуга»-и Д. Шостакович (1951), «24 прелюдия ва фуга»-и Р. Шедрин (1964), «24 прелюдия ва фуга»-и И. Елчёва (1970), «34 прелюдия и фуга»-и В. Бибик (1973), «24 прелюдия ва фуга»-и Г. Мушел (1975), «24 прелюдия ва фуга»-и К. Сорокин (1977), «7 прелюдия ва фуга»-и Л. Бобилёв (1987), «24 прелюдия ва фуга»-и Ю. Гансов (1989), «24 прелюдия ва фуга»-и А. Флярковский (1992), «24 прелюдия ва фуга»-и С. Слонимский (1994), «24 прелюдия ва фуга»-и Н. Капустин (1996), «4 прелюдия ва фуга»-и А. Бpененг (1999).

[2] Композиторони асри XVII Иоганн Фробергер «Кансонаҳои полифонӣ» (қариб дар ҳамаи тоналностҳои ҳамон давра), Иоганн Пахелбел «Сюитаҳои клавирӣ» (бо фарогирии 17 тоналност), Иоганн Каспар Фердинанд Фишер «20 прелюдия ва фуга (дар 20 тоналност) ва композитори асри XVIII Иоганн Маттесон маҷмуаи полифонии «Баси генералӣ» (дар 24 тоналност) навиштаанд.

Черни (1791-1857) дар «48 прелюдия ва фуга» тартиби тоналии силсиласозии давраи квинтоии поёнраванда, В. Задератский (1891-1953), Д. Шостакович (1906-1975) ва Родион Шедрин (16.12.1932)[1] дар «“24 прелюдия ва фуга” давраи квинтоии болораванда» [21], И. Елчёва (1986-2013) дар ду дафтар[2] «24 прелюдия ва фугаро бо тартиби хроматикӣ» [13], В. Бибик (1940-2003) «34 прелюдия ва фуга»-ро дар 3 дафтар: «Андеша» («Размышление»), «Шиддат» («Напряжение») ва «Равшанӣ» («Просветление»), Г. Мушел (1303-1389) «“24 прелюдия ва фуга”-ро дар тартиби давраи квинтоии поёнраванда» [28], К. Сорокин (1948-2013) «“24 прелюдия ва фуга”-ро дар тартиби хроматикӣ» [136], Л. Бобилёв (15.10.1949) «“Полифонияи диатоникӣ”[3]-ро дар тартиби шастиҳои сафеди фортепиано» [61, с. 57; 60, с. 65-68], Ю. Гонсов (03.03.1946) силсилаи «24 прелюдия ва фуга»-ро дар тартиби хроматикӣ, А. Флярковский (1931-2014) «“24 прелюдия ва фуга”-ро бо тартиби давраи квинтоии болораванда» [40], С. Слонимский (1932-2020) «“24 прелюдия ва фуга”-ро бо тартиби хроматикӣ» [36], Н. Капустин (1937-2020) «“24 прелюдия ва фуга” дар принсипи афзоиши бемол дар гаммаҳои бемолӣ ва камшавии диез дар гаммаҳои диезӣ»[4] [16] ва А. Бренeнг (1924-2001) дар «“4 прелюдия ва фуга” аббревиатураи “Бах”, яъне B-dur, A-dur, c-moll, h-moll» [61, с. 58] эҷод кардаанд.

Яке аз тамоюли наве, ки дар доираи жанри бузургсилсила дар асри XX ба амал омад, пайдоиши жанри нави фуга – «“фуга-ҷаз” ё “фугаи ҷазӣ”» [161, с.

---

[1] Ҷилди якум 12 тоналности диезӣ (1966) ва ҷилди дуюм (1971) – 12 тоналности бемолӣ иборат мебошад. Чунон ки мусиқишинос И. Лихачева мегӯяд: «Барои Р. Шедрин полифония – тафаккури муқаррарист» [21, с. 3]. Замони эҷоди силсила 5 солро дар бар мегирад (1965-1970).

[2] Ҳар як дафтар (1972, 1974) иборат аз 12 прелюдия ва фуга.

[3] Ҳафт силсилаи прелюдия ва фуга дар лаҳнҳои гуногун: №1 – до-ионӣ, №2 – ре-дорӣ, №3 – ми-фригӣ, №4 – фа-лидӣ, №5 – сол-миксолидӣ, №6 – ля-эолӣ ва №7 – си-локрӣ навишта шудааст.

[4] Ҷолиб аст, ки дар таносубияти тоналии ҳар як ҷузъи силсилаи хурди полифонӣ – прелюдия ва фуга, ӯ фосилаи квартои костаи поёнравандаро интихоб намудааст: C-dur – gis-moll, F-dur – cis-moll, B-dur – fis-moll, Es-dur – h-moll ва ҳоказо.

214; 156, с. 90] мебошад[1]. Таърихи «фугаи ҷазӣ» ҳамагӣ як асрро дар бар мегирад, зеро ки пайдоиши он бевосита бо пайдоиши жанри мусиқии ҷаз дар умум алоқаманд аст[2]. Дар пайдоиши он хусусан саҳми композитори фаронсавӣ Дариус Мийо (1892-1974)-ро бо навиштани қисми дуюми балети «Офариниши ҷаҳон» дар жанри фуга-ҷаз мепайванданд[3]. Сипас, дар ин жанр композиторони асри XX Карл Хартман «Ҷаз-токката ва фуга» барои фортепиано ва Ҷордж Гершвин «Фугаи бозиҳои расво» дар операи «Порги ва Бесс» эҷод карданд[4].

Дар умум, муаллифи ҷаз-фуга ҳам ҷазмен, ҳам иҷрокунанда, ҳам композитори академӣ ва ҳам навозандаи академӣ буда метавонад. Вале аксарияти композиторone, ки дар нимаи дуюми асри XX ҷаз-фугаро офаридаанд, дорои ду тахассуси мусиқӣ – композитор ва пианинонавоз буданд.

Дар мусиқии асрҳои XX-XXI рушди фуга-ҷаз бо се гуна зоҳир гардид:

1. асари мустақил;
2. бештар дар асоси асарҳои И.С. Бах ва дигар намояндагони давраи барокко (охири асри XVI – миёнаи XVIII);
3. дар бузургсилсилаи полифонӣ.

Фугаи ҷазӣ дар бузургсилсилаи полифонӣ ба ду навъ вомехӯрад: ҷаз-фуга дар силсилаи бузурги полифонӣ (1) ва бузургсилсилаи полифонӣ дар услуби ҷаз (2). Агар дар навъи якум услуби ҷазӣ қисман, танҳо дар якчанд силсилаи хурд истифода шавад, дар навъи дуюм – ҷазз бузургсилсиларо пурра фаро мегирад.

---

[1] Албатта дар мусиқии академӣ ҷаз яку якбора дар фуга зоҳир нагардид. Ин робита дар ибтидо дар жанрҳои дигар – пйеса, соната, сюита ва ғайра оғоз гардида буд. Истилоҳи «фуга-ҷаз» («Jazz fugues»)-ро аввалин маротиба мусиқишинос Уинтроп Сарджент (1903-1986) таҳти унвони «Jazz: Hot and Hybrid» [161, с. 214] ба кор бурдааст.

[2] Ба хотир меоварем, ки аввалин асари жанри ҷаз соли 1905 дар эҷодиёти Джелли Мортон (1885-1941) дар ИМА дар штати Орлеани Нав қайд шудааст. «Мортон ҳамчун импровизатор ва пианинонавоз дар 17-солагӣ (1902) зуд машҳур шуда, расман ҳамчун «бунёдкори ҷаз» пазируфта шудааст» [64, с. 377].

[3] Дертар асари худро композитор Д. Мийо дар алоҳидагӣ ҳамчун «консерт-симфония» муаррифӣ кард [155, с. 124].

[4] Баъдан онро ҳамчун асари мустақил зери унвони «Саҳнаи беадолатӣ» («The scene of Injustice» [155, с. 126]) пешниҳод намуд.

Мисоли навъи якум дар силсилаи «6 прелюдия ва фуга»-и К. Скорик (№6), «24 прелюдия ва фуга»-и Р. Шедрин (№5), «24 прелюдия ва фугаи» Н. Капустин (№7) ва мисоли навъи дуюм дар «24 фугаи ҷазӣ»-и Ю. Маркин, «24 свингтайм ва фуга»-и Г. Бахлунд (2010-2011); «Fugal Dreams»-и Р. Беллак (1977), «Фугаҳои амрикоӣ»-и Ҷ.А. Арнолд (2017) ва дигарон дида мешавад.

Ҳамин тавр, фугаи ҷазӣ дар муддати кӯтоҳ симои устувори худро пайдо кардааст. Дар роҳи таърихии худ жанри бузургсилсилаи полифонӣ ҳамеша бо ду симо зоҳир гардидааст: «аз як тараф – бо таҷассум кардани анъанаҳо ва аз тарафи дигар – бо ихтирооти нави мусиқӣ» [88].

Яке аз навъҳое, ки дар мусиқии композитории тоҷик ба туфайли композитор Баҳор маълум аст, фугаи ҷазӣ мебошад. Муҳаққиқ В.С. Чувилкин дар ин мавзуъ тадқиқоте зери унвони «Фугаи ҷазӣ зимни равобити мусиқии академӣ ва ҷазии асри XX – аввали XXI иҷро намудааст» [174]. «Андешаронии ӯ чунин аст, ки дар мусиқии серҷабҳаи муосир рушди он чунин қарор гирифтааст, ки ҳатто принсипҳои сохтории ниҳоӣ ташаккулёфта, ки тайи асрҳо устувор ба назар мерасиданд, дар заминаи таҳаввулоти худ сифатҳои нав пайдо мекунанд» [184]. Бо пайдоиши ҷаз дар миёнаи асри XX, албатта, композиторон, аз ҷумла, композиторони Тоҷикистон ба ин равия аҳаммият додаанд. Ин раванди муқаррарие буд, ки дар асри XX рух дод. Ба гуфтаи мусиқишинос Чувилкин В.С. «Саъйи наздикшавии классикаи воло бо ҷаз дар соҳаҳои гуногуни амали эҷодӣ зоҳир мегардид. Омили он на танҳо бо ҷаз, балки бо ҷаҳони дигари садоӣ вобаста буд. Яке аз ҳадафҳои композиторони аврупоӣ нав кардани асоси оҳангӣ буд. Муносибат дар ҷаз ҳам чунин қарор гирифт. Ба гуфтаи мусиқишинос В.С. Чувилкин он ҷараёне буд, ки аз як тараф композиторони касбӣ тез-тез аз доираи василаҳои ифодавии муқаррарӣ “берун мебаромаданд” ва дар фарҳангҳои ғайриаврупоӣ майлу хоҳиши худро қонеъ мегардониданд» [184]. Дар он ҷаз яке аз он имконоти баромадани онҳо маҳсуб меёфт. Ва «хоҳиш»-и наздикшавиро тарафи дигар ҳам зоҳир мекард. Аз ин ҷост,

ки муҳаққиқ он қайд кардааст: «мусиқачиёни ҷаз ҳам ҳамеша дар роҳи ҷустуҷуи наздикшавӣ ба мусиқии классикӣ буданд» [184].

Ба ин роҳи рушди нав композиторони Тоҷикистон низ ҳамроҳ шуданд. Дар он пайраҳае дар равияи синтези ҷаз ва полифония ба вуҷуд омад. Дар ин пайраҳа муҳаққиқ Чувилкин В.С. ду жанрро ном мегирад – вариатсия бар basso ostinato ва фуга. Андешарониро дар ин самт идома дода, мусиқишинос ба сатҳи василаҳои ифода гузашта, дар он намудҳои василаҳои ифодаи ҷаз ва полифонияро, ки дар асарҳои композиторон зоҳир гардидаанд, ном мегирад. Байни онҳо, аз ҷумла, «ҳамҷояшавии тафаккури контрапунктӣ дар доираи композитсияи ҷазӣ, ба ҷойи "саунд" истифода бурдани полифонияи имитатсионӣ, қиёс намудани унсурҳои мусиқии академӣ ва ҷазӣ аз рӯи принсипи "амудӣ – уфуқӣ", ки дар натиҷа ба полистилистика меоварад» [184]. Ба гуфтаи ҳамин муҳаққиқ имрӯз дар ҷаҳон қариб дусад асар дар фугаи ҷазӣ навишта шудааст. Муҳим он аст, ки ин асарҳои композиторони гуногунмиллат ва гуногунфарҳанг мебошанд. Ба андешаи муаллифи кори диссертатсионии мазкур ин вазъ аз ондалолат медиҳад, ки падидаи ҷаз аз ҷиҳати василаҳои мусиқавӣ манбаи ғановатмандест. Ин аст, ки он илҳомбахшандаи эҷодист.

Вале то ҳол дар мусиқишиносон ба истилоҳи «фугаи ҷазӣ» бо шубҳа менигаранд, яъне он ба мафҳуми универсалӣ табдил наёфтааст. «Дар таҳлили фугаҳои ҷазӣ баъзе мусиқишиносон мекӯшанд онро бо қоидаҳои асосии мусиқии академӣ шарҳ бидиҳанд. Ва онро ҳатто ҳамчун як гунаи гетерофония маҳсуб менамоянд ва онро ба полифония тааллуқ медонанд» [85]. Зеро ки мусиқишинос З.Б. Карташева ҷазро аз нуқтаи назари бисёровозагӣ тадқиқ кардааст. Бинобар ин, «унсурҳои полифониро ҳамчун яке аз василаҳои забони мусиқии ҷаз» баҳогузорӣ кардааст» [85]. Дар чунин фаҳмиши мусиқишинос зуҳуроти полифония дар ҷаз зимни баёни импровизатсионӣ (1) ва хусусияти зарбӣ (2) зоҳир мегардад. Ин ақидаи З.Б. Карташева диди пайвастагии полифония ва ҷазро дар илми мусиқӣ хеле тезонид. Мусиқишинос дар бораи

«ҳамрангии унсурҳои ҷазии “свинг” ва идиомаҳои ҷазӣ дар полифония равшанӣ андохт. Ва фарқияти импровизатсияро дар полифония ва ҷаз таҳлил карда, ба хулосае меояд, ки дар ҷаз он на ба воситаи пешакӣ ғунҷонидани он дар контрапункт, балки дар раванди иҷро ба вуҷуд меояд. Ва амали зеринро дар давраҳои ибтидоии полифония ҳамчун услуби “диксиленд” (“импровизатсияи гурӯҳӣ”) муайян менамояд» [85]. Бо вуҷуди ҳамаи чунин мушахассиёти аёнкарда, ин муҳаққиқ аз истилоҳи «фугаи ҷазӣ» мегурезад ва истифодаи онро раво намебинад.

«Рушди полифония, ки муддати дарози бисёрасра қонунҳои қавии хешро ҳифз мекард, дар асри XX якбора ба навовариҳои ҷаҳони мусиқӣ, ки берун аз доираи анъанаҳои мусиқии академӣ қарор мегирифтанд, ғӯтта зад» [174]. Дар ин раванд, аз байн бардоштани назарияи аврупосентристӣ, ки ҳанӯз аз нимаи аввали ин аср сар карда, зери танқиди тарафдорони мусиқии суннатии Шарқ гардида буд, низ нақши калон бозид. Дар асри XX полифония ривоҷу равнақи хешро бо раванди нав оғоз менамуд. Ва, масалан, мусиқии ҷаз, ки зодаи мусиқии оммавии Амрикои Лотинӣ аст, ба ин раванд бе душворие ворид мегардид. Полифонияи асри XX тадриҷан аз симои гузаштаи худ дур рафт ва бо ҷустуҷуҳои мубрами эҷодиёти муосир ҳамҷоя шуда, ба ҳайси «полифония муосир» худро муаррифӣ намуд. Тавре ки муҳаққиқ қайд мекунад: «Полифонияи классикӣ барои композитсияи полифонии муосир вазифаи заминаро иҷро кард, нақши он заминаеро, ки бо ривоҷу равнақ ёфтани хеш “полифония муосир” аз он ҳарчи дуртар қарор мегирифт» [158, с. 36]. Ва он заминаи устуворе буд, ки ба «полифонияи муосир» имкон медод қадамҳоро ҳарчи васеътар гузошта, рӯ ба сӯи дигаргунӣ бикунад. Маҳз ҳамин заминаи қавӣ бо симои барҷаста, ба андешаи муаллифи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, назди полифонияи асри XX имконоти васеъи беҳудудро кушод. Ва он падидаҳое, ки зодаи замонҳои гуногун буданд, дар як асари мусиқӣ ҷо шуданд. Бино бар чунин вазъ, муҳаққиқон қайд кардаанд: «Дар муддати кӯтоҳ

тафаккури полифонӣ ҷаҳишеро аз хати оҳангӣ ба пуантилизми абстрактӣ ба амал овард. Ва ин амал ҳарду тафаккур (полифония ва пуантизизм)-ро яксон ҳисобид» [158, с. 36].

Бо саъю кӯшиши композиторон, муаллифони асарҳои полифонӣ, дар асри XX, ба қолаби композитсияҳои анъанавии полифонӣ, ки дар мусиқии академии аврупоиасос асрҳои аср ҳукмрон буд, навовариҳои барҷаста ворид гардид.

Дар баробари ин навовариҳо дар фуга, хусусан дар сароҳанги он, композиторон мекӯшанд хусусияти асосии оҳангиро бо нишондоди асоси жанрӣ, сабки эҷод, равияи мушаххаси мусиқии асрҳои гузашта ва асри XX таҷассум намоянд. Ба гуфтаи мусиқишинос В.М. Калужский «он имкон медиҳад унсури полифониро дар равобити жанрҳои берун аз полифония дид» [84].

Сарфи назар аз зиёд шудани таваҷҷуҳ ба полифония дар асри XX, пайдоиши силсилаи нави полифонӣ ҳамеша як воқеаи муҳим хоҳад монд, зеро ба он композитор дар синни камолоти бадеӣ ва бо мақсадҳои барӯманди эҷодӣ рӯ меоварад. Ва дар ҳар маврид эҷоди бузургсилсилаи полифонӣ аз тавоноӣ ва нерӯи эҷодии композитор шаҳодат медиҳад, ки «“...мушкилоти рӯзмарраи ҷаҳонро дар эҷодиёташ инъикос карда, таърихан дарҷ мекунад...” ва “...дар он имкони васеъ кушодани мавзуи эстетикиро пайдо мекунад, онро хубтару пурра мекушояд...”» [61, с. 57-60].

Дар раванди таҳлили бузургсилсила табиист, ки муҳаққиқ ба масъалаи жанр рӯ меоварад. Зеро ки бузургсилсила фарогири жанрҳои сершумори фуга ва прелюдия мебошад. Марбут ба ин, зарур аст, қайд бикунем, ки дар илми мусиқӣ назарияи жанр аз тарафи мусиқишиносони варзида А.А. Алшванг, В.А. Тсуккерман, А.Н. Сохор, Е.В. Назайкинский, М.Г. Арановский, Е.М. Тсарёва, А.А. Амрахова, А.Г. Коробова ва диг. бо коркардҳои гуногун маълум гардидааст. Ин коркардҳои бо меъёрҳои иҷтимоӣ, шакли маъмулӣ, шакли иҷро ва ҳоказо пешниҳод шудаанд. Вале ҷудо кардани жанрҳоро аз рӯи хусусиятҳои онҳо имконнопазир аст. Ба гуфтаи мусиқишинос Д.И. Варламов: «чунин вазъ

ҳанӯз дар асри XX ба он овард, ки барои амиқ баён намудани функсияҳои мафҳумӣ муҳаққиқон аз истилоҳ-ибораҳои ёрирасон, аз қабили “*натиҷагирӣ бо жанр* (А.А. Алшванг)” [52, с. 97-103], “*услуби жанрӣ* (А.Н. Сохор)” [137, с. 231-293] ва ғайра ба истифода даромад» [57]. Дар раванди таҳлили бузургсилсилаи Баҳор прелюдияҳо ва, хусусан, фугаҳо радабандӣ карда шуданд. Дар он дар баробари ду мафҳуми номгирифта, инчунин, унсури дигаре низ ҷой дорад. Ба гуфтаи мусиқишинос А.Г. Коробова дар «жанр унсури пайвастагие аз рушди таърихии он ҷо дорад. Ва он диди муҳиммест дар “хотираи жанр”. Ӯ шарҳи зерини жанрро аз мушоҳидаҳои худ меоварад: жанри мусиқӣ – қолаб ё намуди ягонаи фаъолияти мусиқавӣ ва ё асари мусиқӣ мебошад ... хусусияти мутобиқшавии таърихии кулли унсурҳои мазмунӣ, сохторӣ ва услуби ифодаро дорад... » [93, с. 237], яъне жанрро муҳаққиқ падидаи тобишёбандае меҳисобад, ки ба шароити давраҳои гуногун, аз ҷумла, фарҳанги мусиқии охири асри XX – аввали XXI, мутобиқ шудааст. Ҳамин нуктаҳои хусусиятҳои жанрӣ дар фугаҳову прелюдияҳои композитори тоҷик Фирӯз Баҳор бараъло зоҳир гардидаанд. Амали таҳлилӣ ба эътибор нагирифтани чунин зуҳуротро имконнопазир менамояд.

Мусиқишинос А.Г. Коробова нуктаи дигарро низ дар вуҷудияти жанр қайд мекунад. Ба гуфтаи ӯ «ба таври қатъӣ, жанр сегона зоҳир мешавад: падида – мафҳум – истилоҳ» [93, с. 237].

Маълум аст, ки пайдоиши жанр ба мусиқӣ тааллуқ надорад. Пайдоиши фаҳмишии жанрро дар мусиқӣ бештар ба давраи бароко тааллуқ медонад. Вале назарияи муосири жанрро А.Г. Коробова бо такя ба ибора-мафҳумҳои Е.В. Назайкинский, зодаи ду навъи фарҳанги мусиқӣ меҳисобад: ҳам «“фарҳанги асари мусиқӣ” ва ҳам “фарҳанги фаъолияти мусиқӣ”» [93, с. 235]. Ақидаронии муҳаққиқ ба чунин натиҷаҳо меоварад, ки вобаста ба унсури таърихии жанр устувортарин байни се зуҳуроти жанрӣ (падида – мафҳум – истилоҳ) истилоҳ

мебошад. Хусусияти бисёрҷабҳаии жанр тағйирёбанда аст, на доимӣ. Табиати истилоҳ устувор аст ва мушахас аст.

Дар назарияи имрӯзаи полифония, аз ҷумла, фуга тадқиқотҳои махсус на танҳо ба фуга, балки ба унсурҳои таркибии он бахшида шудаанд. Бо сабаби он, ки мавзуи диссертатсияи мазкур бо унсурҳои таркибӣ низ марбут аст, шиносоӣ бо онҳо барои кори диссертатсионӣ судманд шуморида мешавад.

Мусиқишинос Калужский В.М. дар таҳқиқоти худ «Таҳаввули сароҳанги фуга дар мусиқии классикӣ ва муосир» қайд мекунад, ки «Сароҳанги фугаро метавон ҳамчун шакли хурди мусиқӣ мақбул кард. ...Онро метавон “микрокосмос” дар мутаносибии “макрокосмос” талқин дод...» [84].

Падидаи «сароҳанги фуга» дар ин равол бештар бо заминаи оҳангӣ дар равобит аст. Ва ин бо табиати худи полифония вобаста аст. Муҳаққиқ Калужский В.М. муносибати худро ба унсури «оҳанг» чунин муайян кардааст: «оҳанг на танҳо маҳсули эҷодиёти композитор аст, ки мазмуни асосии асарро ифода мекунад. Он таҷассумгари шунавоиши ҷомеа мебошад. Он талаботи сомеаи ҷомеаи мушаххас аст. Амалияи мусиқии аврупоӣ тайи садсолаҳо қонунҳои оҳангиро сайқал додааст...» [84]. Агар ба диди композитор Баҳор назар афканем, ӯ дар амали оҳангсозӣ (на асарофарӣ) чунин ибрози ақида намудааст, ки ҳар композитор бояд бештар бо оҳангҳои худ асар офарад. Ӯ мегӯяд, ки «композитор бояд оҳангофар бошад. Ва ин лаёқати асосии композитор аст» [6]. Бо чунин ақидаи оҳангофарӣ Баҳор дар бузургсилсилаи худ сароҳангҳои сершумори фугаро эҷод намудааст. Ва таҳлили пурраи онҳо дар кори диссертатсионӣ оварда шудаанд.

Дар умум, жанри бузургсилсила дар роҳи рушду ривоҷи дуасра бо хусусиятҳои муайян зоҳир гардидааст:

1. жанри асосии бузургсилсила (ва силсилаи хурд) фуга маҳсуб меёбад;

2. бузургсилсила ба ягон шахсият ё шахси наздик бахшида мешавад[1];
3. бузургсилсила метавонад дорои иқтибосҳои фолклорӣ бошад[2];
4. таркиби силсилаи хурдро фуга на танҳо бо прелюдия балки бо жанрҳои дигари созӣ, ба монанди речитатив, интерлюдия, фантазия ва ғайра якҷо ташкил мекунад[3];
5. бузургсилсила бо теъдоди гуногуни силсилаҳои хурд пешниҳод мешавад;
6. асоси лаҳнии бузургсилсила берун аз системаи мажорӣ-минорӣ буда метавонад[4];
7. дар таърихи мусиқӣ жанри бузургсилсила таҷассумкунандаи системаҳои гуногуни лаҳнӣ гардидааст;
8. фуга дар бузургсилсила бо гуногунии жанрӣ пешниҳод мешавад;
9. бузургсилсила ҳамеша нишондиҳандаи техникаҳои нави эҷодӣ асар мебошад;
10. бузургсилсила рабти мусиқии академиро бо решаҳои миллӣ таҷассум менамояд.

---

[1] Масалан, С. Слонимский ва Ю. Гонсов бузургсилсиларо ба устодонашон, К. Сорокин, А. Эшпай В. Бибик ва Р. Шедрин – ба падар, ба шахсони машҳур композитори ӯзбек Г. Мушел ба шоири асри XV А. Навоӣ. Композитор И. Рехин бузурсилсилаи «24 прелюдия ва фуга»-ро барои гитаро, ба нахустин иҷрокунандаи асар В. Терво бахшидааст [125].

[2] Масалан, дар бузургсилсилаи «Фантазия ва фуга»-и С.В. Полонский (1902-1955) сароҳангҳои 48 асар дар оҳангҳои фолклории халқҳои собиқ Иттифоқи Шуравӣ асос ёфтаанд. Услуби истифодаи фолклор ба бузургсилсилаҳои Д. Шостакович, И. Елчева ва К. Сорокин низ хос аст. «Сароҳангҳои фугаҳои Д. Шостакович дар асоси сурудҳои халқӣ ва сохтори онҳо аз сохтори куплетӣ-варитсионӣ сарчашма мегиранд» [78, с. 5]. Композитор И. Елчева ва К. Сорокин бошад, бештар дар эҷодашон «такя ба иқтибос аз сурудҳои халқӣ кардаанд» [164, с. 361].

[3] Дар жанри бузургсилсилаи полифонии ғайрисуннатӣ композиторон П. Хиндемит «Ludus tonalis» (1944), Арам Хачатурян «Ҳафт речитатив ва фуга» (1966), Гаянэ Чеботарян «Прелюдия ва фуга дар лаҳнҳои мусиқии арманӣ» (1979), Ван Лисан маҷмуаҳои полифонии «Тян-Шан» (1981), «5 прелюдия ва фуга дар асоси лаҳнҳои қадими чинӣ» (1981) ва дигарон асарҳо эҷод намудаанд.

[4] Масалан, дар сирф диатоника (Гаянэ Чеботарян «Прелюдия ва фуга дар лаҳнҳои мусиқии арманӣ») ва ё пентатоника (Ван Лисан «5 прелюдия ва фуга дар асоси лаҳнҳои қадими чинӣ»).

Ана ҳамин заминаест, ки жанри бузургсилсилаи полифонӣ то пайдоиши силсилаи полифонии «Нақши паранд»-и композитори тоҷик Фирӯз Баҳор дар роҳи рушди худ ба даст овардааст.

## 1.2. Таҳаввули жанрҳои полифонӣ дар мусиқии композиторни тоҷик

Дар мусиқии композиторни тоҷик жанрҳои алоҳидаи полифонии фуга, инвенсия, фугетта ва дигар ҳанӯз дар осори композиторони наслҳои аввал ҷо доранд[1]. Байни композиторони тоҷик то имрӯз қариб нафаре нест, ки ба жанри полифонӣ рӯ наоварда бошад. Аз композиторони насли аввал Александр Ленский якбора ба жанри силсилаи полифонии прелюдия ва фуга рӯ оварда, «дар асоси оҳангҳои халқии тоҷикӣ ду силсилаи хурдро офарид» [98]. Шояд ин нахустин талқиноти ҳамҷошавии мустақими мусиқии халқии тоҷик дар жанри полифонӣ бошад.

Силсилаи Прелюдия ва фугаи gis-moll (№1)-и А. Ленский намунаи асари лирикиест, ки бо такя ба асоси оҳангӣ-интонатсионии мусиқии суннатии тоҷик эҷод шудааст.

Прелюдияи дуқисма ҳар як қисмро бо сароҳанги мустақил пешниҳод кардааст. Ғайр аз тафовути сароҳангӣ дар қисмҳо дигаргунӣ дар суръат низ ҷо дорад (қисми I – Allegro, қисми II – Vivo).

Қисми якуми прелюдия дар шакли периоди ғайримураббаъ бо тагнавозии равони якмизона оғоз мегардад. Сароҳанги қисми якуми прелюдия дар хати болоӣ бо иборaҳои ҳаштякии хеле ифоданоки форшлагӣ бо самти поёнраванда ҳаракат менамояд. Ҳаракати пайвастаи арпеджиоии шонздаҳякӣ тагнавозии равони заминавиро муҳайё месозад:




[1] Радабандии наслҳои композиторӣ аз коркарди илмии М. Назиров истифода бурда мешавад [14, с. 68].



*Мисоли 1. Сароҳанги прелюдияи gis-moll (№1)-и А. Ленский.*

Дар рушди он кӯтоҳшавии ибораҳо мушоҳида мешавад, ки ифодаи пуризтиробшавӣ аст.

Қисми дуюм дар ибтидо бо оҳанги рушдёбандаи регистри болоӣ оғоз гардида, сониян, репризаи қисми якумро дар бар гирифтааст. Аввали қисми дуюм ба кулминатсияи прелюдия рост омадааст:




*Мисоли 2. Аввали қисми дуюми прелюдияи gis-moll (№1)-и А. Ленский.*

Аз ҷиҳати тоналӣ қисми якуми прелюдия дар тоналности асосӣ, қисми дуюм дар ибтидо тамоюли гузаришӣ, вале дар интиҳо тоналности асосиро равшан нишон медиҳад.

Фугаи чаҳоровозаи шакли одии дуқисма ҳамагӣ ёздаҳ гузароиро: чаҳорто – дар экспозитсия (дуто доминантӣ, дуто тоникӣ), панҷто – дар қисми озод (субдоминантӣ), дуто – дар хотима (тоникӣ) – дар бар мегирад:

*Ҷадвали 1. Сохтори умумии фугаи gis-moll (№1)-и А. Ленский.*

| ЭКСПОЗИТСИЯ | | | | | | | ҚИСМИ ОЗОД | | | | | | хотимаи фуга | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | $C_{(D)}$ | $И_1$ | М (дуовоза) | $И_2$ | $C_{(D)}$ | $И_3$ | $C_{(S)}$ | $C_{(S)}$ | М (дуовоза) | $C_{(S)}$ | м $C_{(S)\text{-канонӣ}}$ | $И_4$ | $C_{(T)}$ | М (сеовоза) |
| $C_{(T)}$ | М (яковоза) | | $C_{(T)}$ | | М (сеовоза) | | | М (сеовоза) | $C_{(S)}$ | М (сеовоза) | м м | | М (дуовоза) | $C_{(T)}$ |

Сароҳанг ба оҳангҳои кӯҳистони тоҷик шабоҳат дорад, вале он иқтибосӣ нест. Дар он ҳисси ғуссаи равшан дарк мешавад:




*Мисоли 3. Сароҳанги фугаи gis-moll (№1)-и А. Ленский.*

Сароҳанг дорои ду иборaоҳанг аст. Ибораоҳангҳои он дар дарачоти пентахордӣ (яке – нимпардаӣ, дигарӣ – омехта) навишта шудаанд. Интихоби дарачоти хосси мусиқии суннатии кӯҳистони тоҷик огаҳона аст. Чаҳор интермедияи фуга дар асоси сароҳанг эҷод шудаанд. Онҳо навъи интермедияи муҳаррик мебошанд. Гузароии нуҳуми сароҳанги фуга канонӣ аст. Фуга бо техникаи фуганависии одӣ шаффоф баён гардида, дар он унсурҳои фугаи классикӣ риоя шудаанд.

Прелюдия ва фугаи a-moll (№2) дар асоси оҳанги мусиқии халқии тоҷикӣ эҷод шудааст.

Сароҳанги прелюдия дар шакли периоди ғайритакрории ғайримураббаъ бо баёни унисонӣ (Pesante), баёни фосилавӣ ва интонатсияи илтиҷоӣ (Piu mosso) қарор мегирад:




*Мисоли 4. Сароҳанги прелюдияи a-moll (№2)-и А. Ленский.*

Дар баёни сароҳанг ду навъи тақсимоти сезарбаӣ (яке ♩ 𝅗𝅥, дигаре ♩ ♩ ♩) ҷо дорад. Дар ҳарду маворид зарбаи якум қавӣ аст. Ин зарбҳо зарб (усул)-и бепарвофалакро ба хотир меоваранд, ки чунин аст:



*Мисоли 5. Зарби бепарвофалак.*

Зарби прелюдия гӯё ба зарби бепарвофалак асос ёфтааст. Ҳамаи овозҳои прелюдия дар як зарб қарор гирифтаанд. Дар рафти прелюдия он иваз намешавад. Ва дар ин ҳам хусусияти жанрии фалак зоҳир мегардад. Хусусияти дигаре, ки прелюдияро бо бепарвофалак мепайвандад, дар характери он мушоҳида мешавад: шикояту илтиҷо дар ҳарду маврид ҷо дорад. Баён бештар ба тагнавозии якка такя мекунад. Ва ин аз хусусиятҳои мусиқии монодӣ аст.

Прелюдия дар сохтори жанри вариатсия навишта шудааст, зеро ки

- бо пароҳанг оғоз шудааст (A);
- се вариатсияи таркибиро дар бар мегирад ($A_1$ $A_2$ $A_3$);
- сароҳанг дар ҳар кадом ҳукмфармост;
- бофти мусиқӣ дар ҳар вариатсия фарққунанда аст;
- аз ҷиҳати тоналӣ тоналности асосӣ устувор аст.

Фугаи чаҳоровоза дар шакли сеқисмаи одӣ навишта шудааст. Дар фуга қисми якум дорои чаҳор гузарой (t – D – t – D), қисми дуюм се гузарой (S – D – S) ва қисми сеюм чаҳор гузарой (t – D – D – t) мебошад:

*Ҷадвали 2. Сохтори фугаи a-moll (№2)-и А. Ленский.*

| | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | C(D) | И | M дуовоза | И | C(D) | И | C(S) | C(D) | И | C(S) | И | M яковоза | C(D) | C(D) | И | C(t) |
| C(t) | M яковоза | | C(t) | | M сеовоза | | M яковоза | M дуовоза | | M сеовоза | | C(t) | M дуовоза | M чаҳоровоза | | M дуовоза |
| қисми якуми фуга (экспозитсия) | | | | | | | қисми дуюми фуга (озод) | | | | | қисми сеюми фуга (реприза) | | | | |

Сароҳанги фуга, иборат аз ду ибораоҳанги саволу ҷавобӣ, дорои табиати рақсӣ (Allegro scherzando) аст:




*Мисоли 6. Сароҳанги фугаи a-moll (№2)-и А. Ленский.*

Гузароиҳои баъдии сароҳанг дар овозҳои болоӣ, мобайнӣ ва поёнӣ бо гузариши тоналӣ (b-moll) фугаро рангин месозанд. Ин фуга ба талаботи фугаи классикӣ ҷавобгӯ аст.

Композитори дигари насли аввал «А. Ҳамдамов дар жанрҳои полифонии фугетта, инвенсия ва фуга асарҳо навиштааст» [24, с. 55]. Дар онҳо композитор баёни содаи полифониро истифода мебарад.

Фугаи чаҳоровозаи d-moll-и А. Ҳамдамов (Moderato) фугаи дуқисмаи одӣ аст:

*Ҷадвали 3. Сохтори фугаи d-moll-и А. Ҳамдамов.*

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| C (t) | M | И1 | C (D)<br>M | M<br>M | И2 | M<br>C (C-dur) | И3 | C (t) | И4 | C (D) | M<br>M | И5 |
| | C (D) | | M | M<br>C (t) | | M<br>M | | M | | M<br>M | M<br>C (t) | |

экспозитсия — қисми озод

Экспозитсия ва қисми озод бо тартиби тоналии t – D – D – t (экспозитсия), C-dur – t – D – t (қисми озод) хеле равшан асоси жанрии фугаро ифода кардаанд: гузароиҳои минбаъдаи сароҳанг бо муқобилбаёнҳо дар овозҳои болоӣ, мобайнӣ ва поёнӣ омадаанд. Дар қисми озоди ин фугаи одӣ як гузароии ғайритонали (C-dur)-и сароҳанг ҷо дорад. Сароҳанги кӯтоҳи лирикӣ дорои се ибораоҳанг аст, ки аз якдигар бо сукутҳо ҷудо мешаванд:




*Мисоли 7. Сароҳанги фугаи d-moll-и А. Ҳамдамов.*

Ҳамин тавр, дар эҷодиёти насли якуми композиторони Тоҷикистон ҳам жанрҳои полифонии алоҳида ва ҳам жанри силсилавии прелюдия ва фуга муаррифӣ гардидаанд.

Композиторони насли дуюми тоҷик – Ё. Сабзанов, Ш. Сайфиддинов ва А. Ёдгоров бештар ба жанри фуга таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар ин жанр «фугаҳои сеовоза ва чаҳоровоза эҷод намудаанд» [42, с. 3].

Фугаи чаҳоровоза (e-moll)-и Ё. Сабзанов (Andante cantabile) фугаи одии дуқисма аст. Ин фуга дар навъи фугаи классикӣ бо интермедияҳои муҳаррики пайвасткунанда эҷод шудааст.

Сароҳанг аз навъи оҳангҳои суруди лирикии тоҷикӣ аст. Он гексахорди аввали гаммаи болоравандаву поёнравандаи тоналности асосиро бо фарогирии дараҷаи VII табиӣ дар бар гирифтааст:




*Мисоли 8. Сароҳанги фугаи e-moll-и Ё. Сабзанов.*

Гузароии даҳуми сароҳанг ба кулминатсияи фуга рост омада, фугаро бо тантана дар тоналности асосӣ хотима медиҳад.

Композитор Ш. Сайфиддинов якбора нуҳ фуга навишта, дар онҳо хусусиятҳои гуногуни жанриро муаррифӣ менамояд.

Фугаи чаҳоровоза (a-moll, №1) дар шакли яккисмаи ҳаҷман хурд ва ғайриклассикӣ пешниҳод гардидааст. Он бидуни қисми озод аст:

*Ҷадвали 4. Сохтори фугаи a-moll (№1)-и Ш. Сайфиддинов.*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | $C_{(D)}$ | М дуовоза | $C_{(D)}$ | И | М дуовоза |
| $C_{(T)}$ | М яковоза | $C_{(T)}$ | М сеовоза | | $C_{(T)}$ |

Дар фуга як интермедия, муқобилбаёнҳои навъи муҳаррик ва боздоштӣ ҷой доранд.

Сароҳанг ба оҳанги халқии русӣ шабоҳат дорад. Он тоналности асосиро муаррифӣ кардааст:




*Мисоли 9. Сароҳанги фугаи a-moll (№1)-и Ш. Сайфиддинов.*

Гузароиҳои сароҳанг дар овозҳои гуногун бо муқобилбаёнҳои муҳаррик ва боздоштӣ хеле мухтасару амиқ пешниҳод шуда, аз ҷиҳати мантиқ ва сохтор комил мебошанд. Кулминатсияи фуга ба гузароии сеюм рост омадааст.

Фугаи e-moll (Moderato) – фугаи сеовозаи дуқисма аст. Гузароиҳои сароҳанг дар экспозитсия се (t – D – t) ва дар қисми озод дуто (G-dur – e-moll) омадаанд:

*Ҷадвали 5. Сохтори фугаи e-moll (№2)-и Ш. Сайфиддинов.*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | $C_{(D)}$ | $C_{(t)}$ | **И** | М<br>дуовоза | **И** | $C_{(t)}$ |
| $C_{(t)}$ | М<br>яковоза | М<br>дуовоза | | $C_{(G\text{-}dur)}$ | | М<br>дуовоза |

| | |
|---|---|
| қисми якуми фуга<br>(экспозитсия) | қисми дуюми фуга<br>(озод) |

Сароҳанги ин фуга низ ба оҳангҳои суруди халқии русӣ монандӣ дорад:




*Мисоли 10. Сароҳанги фугаи e-moll (№2)-и Ш. Сайфиддинов.*

Ин фуга тибқи қоидаҳои фугаи классикӣ навишта шудааст. Гузароиҳои дуюм ва сеюми сароҳанг дар хати овозии болоӣ бо муқобилбаёни муҳаррик дуовоза (гузароии дуюм) ва бо муқобилбаёнҳои муҳаррику боздоштӣ сеовоза (гузароии сеюм) ба амал оварда шудаанд.

Дар гузароиҳои чаҳорум (кулминатсионӣ) ва панҷум сароҳанг дар овози поёнӣ бо муқобилбаёни муҳаррик ва боздоштӣ хуб контрапунктӣ кардааст.

Фугаи e-moll (№3) – фугаи сеовозаи дуқисма аст. Сохтори он ва гузароиҳои сароҳанг чунин қарор ёфтаанд:

*Ҷадвали 6. Сохтори фугаи e-moll (№3)-и Ш. Сайфиддинов.*

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| C(t) | М яковоза | И | М дуовоза | И | М яковоза | И | М яковоза | C(a-moll) | И | М дуовоза | И |
| | C(D) | | C( t ) | | C(a-moll) | | C(d-moll) | М дуовоза | | C( t ) | |
| қисми якуми фуга (экспозитсия) | | | | | қисми дуюми фуга (озод) | | | | | | |

Барои рангинтар кардани фуга, композитор дар интермедияҳои дуюм, сеюм ва чаҳорум аз зарби сезарбаӣ ба дузарбаӣ мегузарад. Интермедияҳо вазифаҳои пайвасткунандаи гузароиҳо, пайвасткунандаи қисмҳо ва хотимадиҳандаро дар фуга иҷро кардаанд.

Сароҳанги ин фуга ҳам бо ҷаҳишҳои оҳангии кварто-квинтоӣ ба оҳангҳои халқии русӣ шабоҳат дорад [113; 114, с. 10-35]:




*Мисоли 11. Сароҳанги фугаи e-moll (№3)-и Ш. Сайфиддинов.*

Дар умум ин фугаи хурд тибқи қоидаҳои фугаи классикӣ навишта шудааст.

Фугаи a-moll (№5)-и Ш. Сайфиддинов дар асоси мусиқии суннатии тоҷик қарор мегирад. Сохтори яққисма онро ба навъи фугаи ғайриклассикӣ мансуб мекунад:

*Ҷадвали 7. Сохтори фугаи a-moll (№5)-и Ш. Сайфиддинов.*

| | | | |
|---|---|---|---|
| | C(D) | C(T) | |
| C(T) | М яковоза | М дуовоза | И |

Хусусияти ин фуга дар он аст, ки интермедия ҳаҷман хеле бузург дар асоси сароҳанг навишта шуда, ҳамчун қисми рушдёбандаи фуга қабул мешавад. Чунин мутаносибии қисмҳои таркибӣ композитсияи фугаро зеботар мегардонад.

Сароҳанг дар асоси мусиқии суннатии тоҷик навишта шудааст, вале он иқтибосӣ нест:




*Мисоли 12. Сароҳанги фугаи a-moll (№5)-и Ш. Сайфиддинов.*

Дар умум, аз нуҳ фугаи Шарофиддин Сайфиддинов панҷ – фугаи сеовоза (№2, №3, №4, №5, №7), чаҳор – чоровоза (№1, №6, №8, №9), панҷ – классикӣ (№2, №3, №7, №8, №9), чаҳор – ғайриклассикӣ (№1, №4, №5, №6), як – бо асоси оҳангӣ-интонатсионии тоҷикӣ (№5), ҳашт ба асоси хусусиятҳои оҳангҳои русӣ (№1, №2, №3, №4, №6, №7, №8, №9), ҳашт фугаи минорӣ (№1, №2, №3, №4, №5, №6, №7, №9) ва як мажорӣ (№8) навишта шудаанд. Фугаҳои Ш. Сайфиддинов дар баёни сода, ҳаҷми хурд ва дар техникаи хеле одии фуганависӣ қарор мегиранд.

Фугаи g-moll-и А. Ёдгоров чаҳоровоза, дар шакли дуқисмаи одӣ эҷод шудааст. Сароҳанги хурди фуга дар тули асар даҳ маротиба мегузарад – дар экспозитсия (t – D – t – D) ва дар қисми озод (VI – des-moll – t – gis-moll – t – t). Сароҳанг як ибораоҳанги поёнравандаи тамоюли автентиро дар бар мегирад:




*Мисоли 13. Сароҳанги фугаи g-moll-и А. Ёдгоров.*

Дар сароҳанг композитор тобиши оҳангии мусиқии тоҷикиро хеле хушоянд истифода бурдааст.

Интермедияҳои фуга бо սароҳанг пайиҳам омада, ба фуга таровати тоза мебахшанд. Онҳо дар асоси иборaи дуюми сароҳанг секвенсиямонанд навишта шудаанд.

Фаъолтарин насле, ки ба жанри полифонӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст, насли сеюми композиторони тоҷик аст. Композиторон М. Атоев, А. Одинаев, А. Солиев ва Д. Дӯстмуҳаммадов ба жанри фуга аҳаммият дода, «Д. Дӯстмуҳаммадов – 5 фуга ва А. Солиев – 7 фуга эҷод намудаанд» [163]. Ҳарчанде гап на дар шумора, балки дар талқини ин жанр аст.

Фугаи сеовоза (g-moll)-ро композитор М. Атоев дар сохтори дуқисмаи одӣ ғайриклассикӣ пешниҳод кардааст. Дар экспозитсия ҳама гузароиҳоро тоникӣ оварда, дар қисми озод сароҳанги фуга дар баробари тоналности асосӣ, дар тоналности субдоминантӣ омадааст:

*Ҷадвали 8. Сохтори фугаи g-moll-и М. Атоев.*

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| C(t) | C(t) | И | М дуовоза | И | C(S) | И | М дуовоза | И | М дуовоза | И | C(t) | И | C(t) |
| | М яковоза | | C(t) | | М дуовоза | | C(S) | | C(S) | | М дуовоза | | М дуовоза |
| | | | | | | | | | | | хотимаи фуга | | |
| қисми якуми фуга (экспозитсия) | | | | | қисми дуюми фуга (озод) | | | | | | | | |

Аммо композитор оҳанги шаш интермедияи муҳаррики фугаро дар асоси сароҳанги фуга навишта, муколамаи гузароиҳоро дар тоналности асосӣ хеле моҳирона пурра мегардонад.

Сароҳанг дар асоси тобишҳои оҳанги суннатии тоҷик дар дараҷоти пентахордӣ ($c^1 – d^1 – e^1 – f^1 – ges^1$), ки дараҷаҳои канории он диапазони квинтаи костаро фаро мегиранд, навишта шудааст:




*Мисоли 14. Сароҳанги фугаи g-moll-и М. Атоев.*

Гузароии дуюми тоникӣ дар хати овозии болоӣ дар фосилаи квинта боло аз гузароии якум имитатсия шудааст. Дар он муқобилбаёни муҳаррик муаррифӣ мешавад. Оҳанги муқобилбаён ба сароҳанг таборӣ дошта, байнашон контрапунктии хуб ба вуҷуд омадааст.

Интермедияҳои ҳаҷман гуногуни фуга дар асоси оҳанги муқобилбаён навишта шуда, аз ҳамдигар бо регистр низ фарқ мекунанд.

Гузароиҳои минбаъдаи фуга дар овозҳои болоӣ, мобайнӣ ва поёнӣ навишта шуда, дорои муқобилбаёни дуовозаанд. Кулминатсияи фуга ба гузароии ҳафтуми тоникии қисми хотимавӣ рост омадааст. Динамикаи баланд (дар фортиссимо) ва муқобилбаёни октаваӣ ба ин мусоидат кардаанд. Хусусияти хоссаи гузароии хотимавӣ дар он аст, ки сароҳанг зимни аккордҳо (чун мусиқии гомофонӣ-гармонӣ) ва октаваҳо бе нишондоди хати мустақили муқобилбаён омада, хотимаи фугаро ҷолиб менамояд.

Фугаи сеовоза (a-moll)-и А. Одинаев дар сохтори дуқисмаи одӣ эҷод шудааст. Фуга аз қонунҳои классикии фуганависӣ берун намебарояд. Он дорои ҳафт гузароии сароҳанг ва шаш интермедия мебошад. Пайиҳамии муназзами сароҳанги кӯтоҳ бо оҳанги интермедияҳои гуногунҳаҷм дар асоси сароҳанг хеле ҷолиб омадаанд. Муқобилбаёни навъи муҳаррик оҳанги худро дорад. Дар экспозитсияи фуга танҳо се гузароӣ тоникӣ ва дар қисми хотимавӣ чаҳорто ғайрирегламентӣ (S – t – As-dur – t) навишта шудаанд, ки ин ғайримуқаррарист.

Сароҳанги лирикӣ дар пайравии оҳангӣ-интонатсионии мусиқии суннатии тоҷик, бо дараҷоти пентахордӣ, дар регистри поёнӣ аввалин бор садо медиҳад:




*Мисоли 15. Сароҳанги фугаи a-moll-и А. Одинаев.*

Гузароиҳои минбаъдаи сароҳанг бо муқобилбаёни дуовоза контрапунктӣ карда, тоналӣ ва регистрӣ аз ҳамдигар фарқ доранд.

Фугаи сеовоза (g-moll)-и А. Солиев бо шакли дуқисмаи одӣ дар ҳудуди қоидаҳои фугаи классикӣ қарор мегирад. Дар он ҳашт гузароии сароҳанг (экспозитсия: D – t – D, қисми озод: D-dur – G-dur – C-dur – t – t) ҷо дорад.

Оҳанги печидаи сароҳанг касро ба ноаёнӣ мебарад, дилошуб мегардонад. Сароҳанг бо ҷаҳиши квартоӣ оғоз шуда, бо ҷаҳишҳои квартоӣ ва терсиявӣ анҷом меёбад. Дар мобайн ҳаракати секундавӣ афзалият дорад:




*Мисоли 16. Сароҳанги фугаи g-moll-и А. Солиев.*

Гузароиҳои сароҳанги фуга бо муқобилбаёнҳои муҳаррик ва боздоштӣ омадаанд. Гузароии ҳафтуми сароҳанг барои фуга кулминатсионӣ аст.

Интермедияҳои сеовоза, бо такя бар мотиви аввали сароҳанг, ҳаракати секвенсионӣ доранд. Аз якдигар бо ҳаҷм ва регистр фарқ мекунанд.

Фуга (Andantino) аз ҳисоби шонздаҳякиҳо хеле серҳаракат аст, барои иҷро техникаи баландро талаб мекунад, ба навъи фугаи равон наздик аст.

Фугаи дуовоза (As-dur)-и Д. Дӯстмуҳаммадов дар шакли дуқисмаи одӣ навишта шудааст:

*Ҷадвали 9. Сохтори фугаи As-dur-и Д Дӯстмуҳаммадов.*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | С$_{(D)}$ | И | С$_{(E\text{-}dur)}$ | И | С$_{(As\text{-}dur)}$ |
| С$_{(T)}$ | М<br>яковоза | | М<br>яковоза | | М<br>яковоза |
| қисми якуми фуга<br>(экспозитсия) | | | қисми дуюми фуга<br>(озод) | | |

Сароҳанги этюдӣ хати оҳангиро дар самтҳои болоравандаву поёнраванда фаро мегирад:




*Мисоли 17. Сароҳанги фугаи As-dur-и Д. Дӯстмуҳаммадов.*

Гузароии чаҳоруми сароҳанг стреттоӣ аст. Ин гузароии чаҳоровоза бо муқобилбаёни боздоштии октаваӣ барои фуга кулминатсионӣ мебошад.

Мутаассифона, наслҳои минбаъдаи композиторони тоҷик дар эҷоди асарҳои полифонии шакли хурд нисбатан заифанд. Аз ин насли (чаҳорум)-и метавон Лола Толисро ва Манзура Ҳасановаро фаъолтар шуморид. Толис асарҳои ҷудогона дар жанрҳои фуга, инвенсия, пассакалия, канон, фугетта эҷод намудааст, ки аксаран дар шакли дастнавис қарор доранд. Манзура Ҳасанова дар жанри полифонӣ фугаи сеовозаи дуқисмаи одӣ навиштааст.

Фугаи d-moll-и Манзура Ҳасанова ба навъи фугаи ғайриклассикӣ тааллуқ дорад, зеро он бидуни қисми хотимавӣ пешниҳод гардидааст. Қисми якум – экспозитсия аз ҷиҳати тоналӣ регламентӣ ва қисми дуюм – озод ғайрирегламентӣ пешниҳод гардидааст.

Фуга аз панҷ гузароии сароҳанг – сето дар қисми якум ва дуто дар қисми дуюм, иборат мебошад. Роҳи тоналии гузароиҳои сароҳанг дар ҷадвали поён намудор аст:

*Ҷадвали 10. Сохтори умумии фугаи d-moll-и Манзура Ҳасанова*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | C (T) | И1 | C (S) | И2 | C (F-dur) | И3 | M | И4 |
| | | | M — | | M C (F-dur) | | C (F-dur) | |
| C(S) | M | | M | | M C (F-dur) M | | C (d-moll) | |

ЭКСПОЗИТСИЯ — ҚИСМИ ОЗОД

Фуга дорои чаҳор интермедия аст, ки ҳамаи онҳо дар асоси мотивҳои сароҳанг навишта шудаанд. Интермедияҳои ҳаҷман якмизона то ҳафтмизона аз

ҳамдигар фарқ мекунанд. Онҳо нақши васлкунандаи гузароиҳо ва қисмҳои фугаро ба уҳда доранд.

Сароҳанг ба оҳангҳои мусиқии суннатии тоҷик шабоҳат дошта, дар вазни шашҳаштякӣ навишта шудааст. Ин вазн аслан бо зарби пунктирӣ омада, ба сароҳанг характери рақсӣ медиҳад. Сароҳанги чаҳормизонаи фуга аз ду мотив иборат мебошад. Ҳарду мотив пунктирӣ оғоз шуда, сароҳангро таъсирбахш намудаанд. Сароҳанг дар овози поёнӣ, дар доираи октава (g – $g^1$) қарор гирифта, дар асоси пентахорди лаҳни ионӣ навишта шудааст:




*Мисоли 18. Сароҳанги фугаи d-moll-и М. Ҳасанова*

Гузароии дуюмӣ дуовоза ва сеюмӣ сеовоза дар овози болоӣ қарор дошта, бо муқобилбаёни навъи боздоштӣ контрапунктӣ кардаанд. Кулминатсияи қисми якуми фуга ба гузароии сеюм дорои динамикаи баландтарин ва регистри баландтарин рост омадааст:




*Мисоли 19. Гузароии сеюми фугаи d-moll*

Гузароии панҷуми сароҳанг, ки ба қисми озоди фуга тааллуқ дорад, ҳамчун кулминатсияи умумии фуга шинохта мешавад. Дар он композитор ба ғайр аз динамикаву регистри баландтарин, сароҳангро дар навъи стреттои магистралӣ бо канони сеқадамаи кӯтоҳ пешниҳод кардааст. Бинобар ин, дар гузароӣ муқобилбаёни боздоштӣ дар мизони аввал, баъдан дар охири гузароӣ пайдо мешавад. Дар умум, ин боис мегардад, ки аз ин ҷиҳат ҳаҷми ин гузароӣ аз гузароиҳои дигар бузургтар гардад:




*Мисоли 20. Гузароии чаҳоруми фугаи d-moll*

Гузароии охирин (панҷум)-и сароҳанг стреттоӣ буда, дар овози мобайниву поёнӣ бо муқобилбаёни боздоштӣ дар овози болоӣ омадааст:




*Мисоли 21. Гузароии панҷуми фугаи d-moll*

Хотимаи фугаро композитор бо интермедияи ҳафтмизона дар дараҷаи тоникӣ, дар piano ба анҷом додааст.

Фуга аз ҷиҳати баён шаффофу одӣ буда, сароҳанги он хотирмону форам мебошад.

Композиторони насли шашум «Зафар Раҳимӣ ва Бахтиёр Убайдзода дар жанри фуга асарҳо навиштаанд» [25, с. 28].

Фугаи сеовоза (a-moll)-и Зафар Раҳимӣ дар сохтори дуқисмаи одӣ навишта шудааст. Нуҳ гузароии сароҳанг – сетоӣ ба қисмҳои якуму дуюм ва чаҳорто ба қисми сеюм тааллуқ доранд. Ва он хосси сохтори фугаи классикист. Аз ҷиҳати тоналӣ қисми якум регламентӣ, қисми дуюм ғайрирегламентӣ (C-dur – e-moll – e-moll) ва қисми сеюм регламентӣ (t – D – t) маҳсуб меёбад. Интермедияҳои фуга дар асоси сароҳанг навишта шуда, ҳаҷман гуногунанд.

Сароҳанги семизонаи фуга дар пайравии мусиқии рақсии тоҷик, бо фарогирии дараҷоти пентахордӣ навишта шудааст:




*Мисоли 22. Сароҳанги фугаи a-moll-и З. Раҳимӣ.*

Композитор онро дар вазни ҳафтзарбаӣ бо таъкиди зарбаҳои якум, чаҳорум ва шашум пешниҳод мекунад, ки ин зарби уфари суст аст. Чунин усул аз хусусиятҳои зарбҳои суннатии тоҷик аст. Ин сароҳанги кӯтоҳ аз ҷиҳати мантиқи оҳангӣ хеле комил аст. Риспоста дар овози болоӣ бо аввалин муқобилбаёни навъи боздоштӣ дар овози поёнӣ садо медиҳад. Ин муқобилбаён танҳо аз нотаи чаҳорякии нуқтадор ва ним иборат буда, самти ҳаракати поёнравандаро дорад:



*Мисоли 23. Риспостаи фугаи a-moll-и З. Раҳимӣ.*

Гузароиҳои минбаъда сеовозаанд. Онҳо аз ҷиҳати регистрӣ ва тоналӣ фарқкунанда омада, фугаро рангин сохтаанд.

Фугаи сеовоза (e-moll)-и Бахтиёр Убайдзода навъи фугаи дукарата бо сохтори композитсионии экспозитсияҳои якум, дуюм ва қисми озод навишта шудааст.

Экспозитсияҳо дар ҳудуди хусусиятҳои фугаи одӣ эҷод шудаанд. Экспозитсияи якум дорои навъи муқобилбаёни боздоштӣ ва экспозитсияи дуюмӣ – муҳаррик мебошанд. Се гузароии сароҳанги экспозитсияи якум дар тартиби тоналии муқаррарӣ дар хати болоӣ омадаанд. Гузароии сеюм васеъшуда аст.

Сароҳанги экспозитсияи якум дар дараҷоти гексахорди поёнии e-moll қарор гирифта, худ оҳанги лирикӣ аст дар пайравии оҳанги мусиқии суннатии тоҷик:




*Мисоли 24. Сароҳанги фугаи якуми e-moll-и Б. Убайдзода.*

Дар экспозитсияи якуми фуга ду интермедия мавҷуд аст, ки ҳаҷман аз якдигар фарқ мекунанд.

Экспозитсияи дуюми фуга се гузарои (D – t – D)-ро дар бар мегирад. Бо муқобилбаёни муҳаррики дорои ҳаракати шонздаҳякӣ, он характери қисми рушдёбандаро пайдо мекунад. Сароҳанги экспозитсияи дуюми фуга бо ин муқобилбаёни муҳаррик контрапунктии хеле хубро пайдо кардааст. Сароҳанг дар дараҷоти гексахордӣ навишта шудааст. Он шахсро ба ноаёнӣ мебарад:




*Мисоли 25. Сароҳанги фугаи дуюми e-moll-и Б. Убайдзода.*

Дар экспозитсияи дуюми фуга ҳама гузароиҳои сароҳанг дар хати овозии поёнӣ ва муқобилбаёнҳо дар хати овозии болоӣ қарор гирифтаанд.

Қисми озоди фуга иборат аз ду гузароии сароҳанг мебошад. Дар гузароии аввали ин қисм сароҳанги экспозитсияи якум октаваӣ бо муқобилбаёни экспозитсияи дуюми фуга хуб контрапунктӣ кардааст.

Гузароии дуюми қисми озод аз сароҳанги экспозитсияи якуми фуга, сароҳанги экспозитсияи дуюми фуга ва муқобилбаёни экспозитсияи дуюми фуга иборат мебошад.

Ин гузароӣ кулминатсияи фуга буда, онро бошиддат, дар тоналности асосӣ хотима медиҳад.

Композитордони тоҷик аз насли якум сар карда, дар баробари фуга, ба жанри силсилаи хурди полифонии прелюдия ва фуга таваҷҷуҳ кардаанд. Вале

байни композиторони Тоҷикистон эҷоди ин жанр ба ҳукми анъана надаромад. Баъди соли 1980 композитори насли чаҳорум Парвиз Туробӣ ба ин жанр рӯ овард[1]. Ӯ дуюмин композитори тоҷик аст, ки дар ин жанри силсилаи полифонӣ асар навишт.

Прелюдия ва фугаи композитор Парвиз Туробӣ аз ҷиҳати оҳангбандӣ хеле ҷолиб аст. Дар прелюдия ва фуга хати оҳангӣ гардишҳои ноаён дошта, пешгӯии хати драматургии онро имконнопазир мегардонад.

Прелюдия дар сохтори дуқисмаи одӣ, ҳарду қисм дар сохтори периодҳои одии ғайритакрорӣ, дар асоси муколамаи ду сароҳанги мустақил – яке фосилавӣ, дигарӣ – оҳангӣ сохта шудааст. Новобаста ба гуногунрангӣ ва дараҷаи муайяни тазодӣ, сароҳангҳо якҷо композитсияи ягонаро ташкил кардаанд. Композитор суръати прелюдияро (Sostenuto, ad libitum) ба ихтиёри иҷрокунанда месупорад, ки ин ҳам мақсаднок аст. Ӯ бо ин васила хостааст прелюдияро самимӣ ва пурэҳсостар намояд.

Сароҳанги якум бо интонатсияи саволӣ дар вазни сезарбаӣ ва хотимаи чаҳорзарбаӣ зимни тагнавозии тамоюли плагалӣ дар баёни фосилавӣ хеле рангин баромадааст:




*Мисоли 26. Сароҳанги якуми прелюдияи C-dur-и Парвиз Туробӣ.*

Сароҳанги дуюм дорои характери лирикӣ-илтиҷоӣ аст. Набзи сароҳанги дуюм аз ҳисоби сивудуякиҳо зудсуръат ба назар мерасад. Он дорои тобишҳои автентӣ аст ва ҳар дафъа бо тоника хотима меёбад, ки ин ҳам мақсаднок аст:

[1] Дастнависи асари силсилавӣ аз худи муаллиф ба мо дастрас шуд.




*Мисоли 27. Сароҳанги дуюми прелюдияи Парвиз Туробӣ.*

Ҳарду сароҳанги прелюдия бо сохтор, суръат, регистр ва баён аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Умумияте, ки дар онҳо дида мешавад, лаҳн аст. Муколамаи ду сароҳанг дар прелюдия ду бор баргузор мегардад (дар қисми якум ва пеш аз кода), зеро ки қисми дуюм дар асоси сароҳанги якум ва кода дар асоси сароҳанги дуюм навишта шудаанд. Кулминатсияи умумии прелюдия дар кода ҷой гирифтааст. Кода бо василаи набзи пуршиддат, динамикаи баландтарин ва регистри болотарин кулминатсияро ба даст меоварад. Ҳамин тавр, кода аз регистри поёнтарин ибтидо гирифта, якбора тавассути хати болоравандаи фаъол ба септимаҳои аккордӣ-фосилавӣ расида, баъди таъкиди чандинбораи онҳо ва ибораоҳанги басӣ дар дараҷаи IV хотима меёбад:




*Мисоли 28. Кодаи прелюдияи Парвиз Туробӣ.*

Фуга (Allegro)-и сеовозаи силсила дуқисмаи одӣ, аз навъи фугаи классикӣ аст, ҳарчанде қисмҳои фуга аз ҷиҳати тоналӣ ғайрирегламентианд.

Нуҳ гузароии сароҳанг – се ба қисми якум ва шаш ба қисми озод тааллуқ доранд. Асоси тоналии гузароиҳои сароҳанг дар ҷадвали поёнӣ намудор аст:

*Ҷадвали 11. Сохтори композитсионии фугаи Парвиз Туробӣ.*

| Экспозитсия | | | | | Қисми озод | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| C (D) | M | И | C (D) | И | M | И | C (t) | И | C (Fis-dur) | M | И | C (Cis-dur) | И | C (t) |
| | C (S) | | M | | C (t) | | M | | M | C (E-dur) | | M | | M |
| | | | | | | | | | | | | | | Хотима |

Сароҳанги дар пайиҳамии дараҷаҳо ва ду ҷаҳиши квартоӣ сохта шуда, ба навъи оҳанги мусиқии суннатии тоҷик, бо ороиши форшлагӣ ду ибораоҳангро бо ифодаи саволу ҷавоб дар бар гирифтааст. Ва ин хусусият фугаро ба прелюдия қарин мегардонад:




*Мисоли 29. Сароҳанги фугаи Парвиз Туробӣ.*

Шаш интермедияи навъи муҳаррики фуга дар асоси ибораоҳанги дуюми сароҳанг («ҷавобӣ») навишта шудаанд. Интермедия дар раванди фуга васеъ мешавад.

Гузароиҳои ҳаштум ва нуҳуми сароҳанг стреттоӣ мебошанд. Гузароии нуҳуми фуга кулминатсионӣ аст. Он фугаро дар дараҷаи тоникӣ хотима медиҳад:






*Мисоли 30. Гузароии нуҳум (хотимавӣ)-и сароҳанг дар фугаи Парвиз Туробӣ.*

Аз намояндагони насли панҷуми композиторон, композитори сеюме, ки дар жанри прелюдия ва фуга асар эҷод намудааст, Равшан Баротов мебошад. Он яке аз асарҳои навшогирдии ӯ ба ҳисоб меравад[1].

Дар амали эҷоди асарҳои полифонӣ барои фортепиано композиторони тоҷик дар умум ду ҳадафро пайгирӣ кардаанд: 1) ворид намудани хусусиятҳои мусиқии халқии тоҷик ба жанрҳои полифонӣ; 2) пурраву мукаммал гардонидани репертуари таълимӣ.

Дар жанри фуга композиторони тоҷик аз ибтидо дар ҷустуҷӯйи навоварӣ буданд. Фугаро онҳо классикӣ ва ғайриклассикӣ пешниҳод намудаанд. Композиторони тоҷик дар фуга кӯшиданд, ки забони мусиқии онро ба мусиқии суннатии тоҷик наздик бикунанд. Аз ин ҷост, ҳаҷми калони интермедияҳо, сохтори композитсионӣ, услуби фуганависӣ ва баёни шаффофу одии фугаҳои композиторони тоҷик.

Хулоса, дар таҳаввули жанри полифонӣ то эҷоди асари «24 прелюдия ва фуга»-и Фирӯз Баҳор заминаи ғановатманде дар мусиқии композиторӣ тоҷик ташаккул ёфт. Жанри бузургсилсила анъанаҳои қавии худро дар мусиқии композиторӣ ҷаҳонӣ пайдо карда буд. Бо вуҷуди ин Фирӯз Баҳор татбиқи ин анъанаҳоро дар мусиқии композиторӣ тоҷик ба уҳда гирифт. Барои оғози кор композитор Баҳор дониши назариявӣ ва маҳорати баланди эҷодиро алакай ба даст оварда буд.

Дар таҳаввули мусиқии касбии тоҷик дар асрҳои XX – аввали XXI жанрҳои полифонӣ, аз ҷумла, фуга, инвенсия, канон, прелюдия ва фуга, фугетта,

[1] Мутаассифона, Равшан Баротов дастнависи асари худро дастрас нанамуд.

пассакалия ва дигарҳо ба ҳайси шаклҳои муқаррарии баёни андешаи мусиқӣ зоҳир гардидаанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки қариб ҳамаи композиторони тоҷик, махсусан намояндагони наслҳои аввал, ба жанрҳои полифонӣ зуд таваҷҷуҳ намуда, дар рушду таҳкими онҳо саҳм гузоштанд. Аз ҷумла, Александр Ленский бо ду силсилаи прелюдия ва фуга бар асоси оҳангҳои суннатии тоҷикӣ нахустин талошҳоро дар қолаби полифонӣ анҷом додааст. Ӯ бо истифодаи унсурҳои жанри классикӣ, вале бо шомил кардани хусусиятҳои хоссаи мусиқии халқии тоҷик, ба жанри прелюдия ва фуга аз ибтидо мазмуни нав бахшид. Фугаҳои ӯ талқини нави зарбу оҳанги фугаро бо риояи талаботи жанри академии полифонӣ нишон медиҳанд.

Асарҳои полифонии Амон Ҳамдамов дар ҷустуҷӯи баёни полифонии миллӣ бо забони соддаву шаффоф шинохта шудаанд.

Композиторони насли дуюм Ё. Сабзанов, Ш. Сайфиддинов ва А. Ёдгоров дар жанри фуга бо таҷрибаҳои гуногун ва равишҳои мукаммал кор бурда, бо шомил намудани унсурҳои мусиқии тоҷикӣ ба фугаи классикӣ мавқеи худро намудор кардаанд. Дар диссертатсия саҳми ҳар як насли композиторони тоҷик ба жанри полифонӣ қайд шудааст.

Ба ин тариқ, композиторон дар асарҳои полифонии худ на танҳо ба техникаву услуби фуганависӣ такя мекунанд, балки аз қадами аввалин сайю кӯшиш кардаанд, ки услуби хоссаи тоҷикиро ба он дароранд. Метавон гуфт, ки ҳар як композитори тоҷик дар ин равия саҳми худро гузошта тавонистааст.

# БОБИ 2. СИЛСИЛАҲОИ ХУРДИ НАВЪИ АКАДЕМӢ ДАР БУЗУРГСИЛСИЛАИ 24 ПРЕЛЮДИЯ ВА ФУГА «НАҚШИ ПАРАНД»: ҲАЛЛИ КОМПОЗИТСИОНӢ-ДРАМАТУРГӢ

## 2.1. Силсилаҳои хурди навъи классикӣ

Мусиқишиносон афзудани таваҷҷуҳ ба жанри бузургсилсилаҳои полифониро дар асри XX бо тавоноии табиати ин жанр мепайванданд [60, с. 58; 139, с. 6-14].

Агар яке аз омилҳо дар таваҷҷуҳ ба бузургсилсилаи полифонӣ аз тарафи Фирӯз Баҳор зери нуфузи афзудани полифония дар умум, инчунин, дар мусиқии композитории тоҷик бошад, омили хеле муҳими дигар бо тафаккури полифонии худи композитор вобаста аст.

Мавқеи ин композитор дар фарҳанги мусиқии касбии Тоҷикистон хеле барвақт муайян шуд. Муҳаққиқон қайд мекунанд: «Ҳаёти эҷодии композитор Фирӯз Баҳор хеле босуръат ва хушбахтона оғоз ёфт. Аз ибтидои роҳи эҷодӣ, аз нахустиҷрои достони симфонии “Мароқанд” (Москва, 1970; Лондон, 1973) номи ӯ дар мусиқӣ устувор гардид» [163, с. 41].

«Бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга “Нақши паранд” солҳои 1985 то 2002 эҷод шудааст» [6]. Ӯ ин силсиларо дар марҳилаи аввали роҳи эҷодӣ сар карда, идомаи онро дар Олмон анҷом додааст. Муҳаққиқон эҷодиёти ӯро ба ду давра тақсим намудаанд: «Соли 1996 Ф. Баҳор ба Германия ба шаҳри Берлин мекӯчад. Марҳилаи нави ҳаёти эҷодии композитор оғоз меёбад» [163, с. 44].

«Дар ибтидо композитори тоҷик Ф. Баҳор “6 прелюдия ва фуга” менависад (1986)» [6]. «Пас аз иҷрои “6 прелюдия ва фуга” мунаққидони мусиқӣ иқдоми композиторро хуб пазируфтанд» [6, с. 64]. Муваффақият ба композитор илҳоми бузург бахшид ва ба эҷоди идомаи ин силсила роҳандозӣ кард.

Дар солҳои эҷоди бузургсилсила Фирӯз Баҳор дар жанрҳои нав ба нав асарҳо меофарад, аз қабили асарҳо барои оркестр («Ду суруди тоҷикӣ» барои

оркестри торӣ (1985), «Ироқ» сюитаи симфонӣ барои оркестр (1988), «Қасида» барои сетор ва оркестр (1990), «Каприччио» барои скрипка ва оркестри камеравӣ (1991), «Чарх» увертюра барои оркестри торӣ (1991), «Рага» барои виолончел ва оркестр (1991), «Прелюдия ва Lento» барои оркестри камеравӣ (1992), опера («Умари Хайём», 1993-1998), балет («Дувалронии соҳибҷамол» либреттои Фирӯз Баҳор (1986), «Мақоми ишқ» либреттои Фирӯз Баҳор (1989), «Рубоиёт» (1991), асарҳои камеравӣ-созӣ («Сарабанда» барои скрипка соло (1995), «Прелюдия ва фуга» барои арғунун (1998), «Мароқанд» достон барои фортепиано (1986), Каприччио барои фортепиано (1991), «Мақоми Ироқ» барои фортепиано (1994), жанри силсилаи вокалӣ («Булбули субҳ» барои яккахон, хор ва оркестр, шеъри О. Ориф (1995), «Нур» барои хори омехта ва арғунун бар матнҳои мазҳабӣ (2001), мусиқӣ ба намоишномаҳои театрӣ («Муфаттиш» коргардон Х. Майбалиев (1990), «Сид» коргардон Х. Майбалиев, 1994), мусиқӣ ба кинофилмҳо («Чашмаи гӯё» коргардон М. Қосимова (1985), «Дарвеши ланг» коргардонҳо В. Аҳадов, Й. Киш (1986), «Куда ведет след динозавра» коргардон М. Қосимова (1989), «Марди мутааллиқ ба ду зан» коргардон М. Қосимова (1991).

Силсилаи полифонии 24 прелюдия ва фуга дар эҷодиёти Фирӯз Баҳор асарест, ки маҳорату малакаи касбӣ, фаҳмиши фалсафӣ, тафаккури полифонии композиторро бараъло нишон медиҳад. Дар эҷодиёти ӯ ин яке аз қуллаҳои натиҷавиест, ки дар мусиқии фортепианоӣ ӯ фатҳ карда аст.

Ин ҷо айни муддаост, ба хотир биоварем, ки ин композитор аввал ҳамчун пианинонавоз тарбия ёфтааст. Бинобар ин ҳар дафъа муҳаққиқон дар тарҷумаи ҳоли ӯ муфассал қайд мекунанд: «Фирӯз Хоҷиевич Баҳор (Аҳмедов) соли 1942 дар шаҳри Душанбе дар оилаи сароянддагони опера (падар – Ҳоҷӣ Аҳмедов, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, модар – Мулук Баҳор, сарояндаи машҳури опера) таваллуд шудааст. Бачагии ӯ бо таассуроти мусиқӣ саршор буд. Ба ояндааш шубҳае набуд – вай аз хурдсолӣ фортепианоро хуб менавохт.

Дар омӯзишгоҳи мусиқии Душанбе ҷавон маҳз дар синфи фортепиано таълим гирифта, баъд маҳорати иҷрокунандагиро дар Институти мусиқӣ-педагогии ба номи Гнесинҳо (ш. Москва) идома медиҳад.

Вале ҳанӯз дар Омӯзишгоҳ вай рағбати худро байни фортепиано ва композитсия тақсим намуда, зимнан аз омӯзгор Ю. Тер-Осипов дастгирӣ меёфт. Дар Институти ба номи Гнесинҳо донишҷӯ барои иншои мусиқӣ вақт низ ҷудо менамуд» [163, с. 42]. Воқеан ҳам ин бузургсилсилаи полифонии фортепианоӣ дар эҷодиёти ӯ аз тарафи ҳакамони мусиқӣ ва умуман аҳли ҳунар хеле баланд арзёбӣ гардидааст. Бинобар ин муҳаққиқон ҳам махсус меҳру муҳаббати Баҳорро ба композитор-полифонисти советӣ Д.Д. Шостакович ва баҳогӯзории коршиносони мусиқии касбии фортепианоиро қайд мекунанд: «Моҳи марти соли 2008 барои дастовардҳои эҷодӣ дар соли 2007 маросими мукофотонидани ӯ бо ҷоизаи Иттифоқи композиторони Россия ба номи Шостакович доир гардид. Ниҳоят моҳи апрели соли 2008 – Ҷоизаи якуми Озмуни байналмилалии композиторон ба номи С. Прокофйев дар Санкт-Петербург ба асари ӯ 24 прелюдия ва фуга барои фортепиано насиб гардид» [163, с. 42].

Композитор Фирӯз Баҳор бузургсилсилаи худро бо унвони мушаххаси «Нақши паранд» эҷод намуд. Унвони хоссаи бузургсилсила ба худи композитор тааллуқ дорад. Вале шарҳ додани онро муаллиф дӯст намедорад. Бино ба «Фарҳанги забони тоҷикӣ» он дорои се маъно аст: «1. матои абрешимии нафис, ҳарир, шоҳӣ. 2. теғ, шамшер. 3. ҷавҳари шамшер ва теғ» [165. II, с. 26]. Дар ҳарду маврид маънои калимаи аввал «нақш» боқӣ мемонад. Вале калимаи дуюм талқиноти дугунаро пайдо мекунад. Дар натиҷа, унвон аз як тараф ҳамчун «нақши матои абрешимии нафису ҳарир» ва аз тарафи дигар – «нақши шамшер» ё «нақши гавҳари шамшер» ё «нақши ороиши шамшер» маънидод карда мешавад. Муаллифи кори диссертатсионӣ ҳарсеро мақбул медонад ва зери ҳар се маъноҳои ғайримустақими ин калимаҳоро, маъноҳои маҷозии онҳоро дар назар дошта, дар мавриди якум «нақши мукаммал», дар мавриди дуюм –

«нақши музаффар» ва дар мавриди сеюм «нақши мукаммали музаффар»-ро мақбул медонад.

Дар тартиби он «композитор тартиби давраи квинтоиро интихоб кардааст» [3].

Бузургсилсилаи полифонии 24 прелюдия ва фугаи «Нақши паранд» намунаи олии тафаккури композитори охири асри XX – аввали асри XXI Тоҷикистон аст. Фирӯз Баҳор нахустин композитори тоҷик аст, ки «нақш»-ро ба жанри мураккаби полифонӣ ворид кардааст ва бо «нақш» консепсияи худро пайвастааст. Бо чунин муносибат ва талқиноти «нақш» дар жанри полифонии бузургсилсила ин самтро байни композиторони Тоҷикистон ба сатҳи нав баровއарда, якчанд маротиб пеш қадам гузошт.

Фирӯз Баҳор бузургсилсилаи худро дар заминаи «полифонияи муосир» пешниҳод намудааст. Дар мусиқишиносӣ пайдоиши ин навъи полифонияро ба асри XX тааллуқ медонанд.

Вобаста ба чунин заминаи бузургсилсилаи Баҳор дар кори диссертатсионии мазкур овардани талқини истилоҳи «полифонияи муосир» зарур шуморида мешавад.

Доир ба истилоҳ муҳаққиқ менависад, ки «онро дар як қатори мазмунӣ бо мафҳум-ибораҳои “санъати муосир”, “санъати навтарин”, “мусиқии авангардӣ” гузоштан мумкин аст” Муҳаққиқон “полифонияи муосир”-ро ҳамчун “ифодагари диди эстетикӣ”, “ифодаи олоти хосса”-и композитор мешуморанд» [158, с. 37]. Ва бо ин иктифо менамоянд. Аз ин бармеояд, ки он дар мусиқишиносӣ ба дараҷаи муайян шартӣ аст.

Омӯзиши «полифонияи муосир»-ро ҳамчун падидаи нав илми мусиқӣ бештар аз аввали даҳсолаи охири асри гузашта оғоз намуд. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «рушди босуръати усулҳои гуногуни композитсионӣ дар асри XX боиси тағйир ёфтани намуди зоҳирии полифония, табиати хатҳои оҳангӣ ва қонунҳои лаҳнии васли садоӣ гардид» [96, с. 4]. Дар дохили асарҳои полифонӣ,

хусусан асарҳои симфонӣ, ивазшавии ҳам баён, ҳам тембру василаҳои зарбӣ дида мешавад. Мисоли ин ҷараёнро дар мусиқии композитории тоҷик дар асари композитори маъруф Талабхӯҷа Сатторов «Пассакалия ва токката барои оркестри симфонӣ» дида метавонем. Дар эҷодиёти композиторони солҳои 1980-1990-ум ин раванди умумӣ махсуб меёфт. Ва композитор Сатторов, ки хатмкардаи консерваторияи Москва (1983) буд, ба ин раванд фаъолона ворид гардид. Дар умум муҳаққиқон ин равандро чунин шарҳ медиҳанд: «баёни мураккаби бисёрқабата ивазшавии тембрӣ, бисёровозагии беҳудуд, полифонияи қабатҳои сонорӣ… …зуҳуроти полифонияи оркестрӣ дар нимаи дуюми асри XX гардиданд... …ва сатҳи мураккабиёти полифония ба ҳадди баланди худ расид...» [148, с. 256].

Дар ҳамин вазъи полифония композитор Фирӯз Баҳор бузургсилсилаи худро менавишт. Бояд гуфт, ки Баҳор ҳамеша дар ҷустуҷуи асарҳои нави полифонӣ буд ва полифонияро сидқан дӯст медошт. Бинобар ин, эҷоди бузургасари худро бо маҳбубияти зиёд оғоз кард.

Дар бузургсилсилаи Фирӯз Баҳор ба ҳайси асоси эҷоди асар ду манбаъ корбарӣ шудаанд: академӣ ва миллӣ. Ва бо истифода аз ин ду манбаъ композитор гунаҳои серранги асарҳои полифониро эҷод кардааст.

Ба силсилаҳои навъи академӣ дар бузургсилсила 13 силсилаи хурд тааллуқ дорад: C-dur (№1), G-dur (№3), A-dur (№7), H-dur (№11), gis-moll (№12, Fis-dur (№13), es-moll (№14), b-moll (№16), As-dur (№17), Es-dur (№19), c-moll (№20), F-dur (№23), d-moll (№24). Дар баробари ин, байни 9-тои онҳо хоссагиҳои дигар низ мушоҳида мешаванд.

«Прелюдия ва фугаи C-dur (№1)» [3, с. 3-12] бузургсилсиларо оғоз менамояд. Композитор кӯшида аст, ки дар прелюдия тоналности асосиро хеле устувор нишон диҳад. Интихоби жанрҳои дорои сароҳанги якка (рондо, вариатсия) аз як тараф, рушди ягонаи композитсионӣ, аз тарафи дигар, низ барои расидан ба ҳамин ҳадаф амалӣ карда шудаанд.

Сароҳанги прелюдия дар силсилаи C-dur (№1) ҳудуди квартаи холисро фаро гирифтааст:




*Мисоли 31. Сароҳанги прелюдияи C-dur (№1).*

Сароҳанг дорои лейтритми синкопӣ (♫ ♩ ♩) аст. Бинобар ин, дар раванди иҷро ин зарб чунин шунида мешавад:



*Мисоли 32. Лейтритми сароҳанги прелюдия.*

Дар рафти оҳанг ба устувории зарбаҳои дуюм ва сеюм дар баробари деранди бузургтар омили дигар низ мусоидат мекунад: композитор ба ин зарбаҳо нотаи тоникиро мутобиқ карда, сароҳангро ба муаррифии тоника вазифадор намудааст. Дараҷаи тоникӣ тавассути дараҷаҳои поёниву болоии воридотӣ фазои худро васеъ мегардонад. Ин ҷо «“услуби васеъшавӣ” (истилоҳи Н. Тагмизян) истифода шудааст» [37, с. 71-86]. Бори дуюм ин сароҳанг бо тагнавозии регистри поёнӣ, иловаи арпеҷиоӣ ва ороиши форшлагӣ оварда мешавад.

Дар сохтори композитсионии прелюдияи C-dur (№1) хусусиятҳои жанрии вариатсия ва рондоро метавон мушоҳида кард. Дар мавриди рондо сароҳанг вазифаи рефренро мебозад. Ва сохтори прелюдия чаҳор рефрен ва ду эпизодро дар бар мегирад: $AA_1$ $BA_2$ $CA_3$. Дар ин монандӣ ба рондо ду омил «нороҳатӣ»-ро ба миён меоварад: 1) такроршавии сароҳанг (рефрен), 2) ивазшавии рефрен дар ҷараёни такроршавӣ ($AA_1A_2A_3$). Композитор ин ивазшавиро ба дараҷае фаъол кардааст, ки он берун аз қабули шартии жанри рондо аст. Бо ҳамин «костагӣ»,

муайян кардани сохтори композитсионии прелюдияи C-dur ҳамчун рондо хеле шартӣ аст.

Аз тарафи дигар дар сохтори умумии прелюдия хусусиятҳои жанри вариатсияро низ дидан мумкин аст. Дар ин маврид сохтори композитсионии прелюдия ҳамчун $AA_1A_2A_3A_4A_5$ муайян карда шуда, ба он хусусиятҳои зерини жанри вариатсия мансуб дониста мешаванд:

- дороии панҷ вариатсияи таркибӣ;
- саршавии асар аз баёни сароҳанг;
- пешниҳоди гуногуни сароҳанг дар вариатсияҳо;
- ҷо доштани ду вариатсия ($A_2$ $A_4$)-и тағйиротӣ;
- ҷо доштани такрори айнан дар қисмҳои таркибӣ;
- ҳукмфармоии сароҳанг.

Ба вуҷуди гуфтаҳои боло сохтори композитсионӣ-драматургии прелюдияи C-dur дорои рушди ягона аст. Ягонагии композитсионии прелюдия дар хусусиятҳои зерин мушоҳида мешавад:

- табдили оғози яковоза ба баёни чоровоза;
- афзудани тадриҷии миқдори овозҳо;
- хати ягонаи рушди драматургӣ дар татбиқи сохтори композитсионии прелюдия;
- ҷойгиршавии кулминатсияи ягонаи асар дар нуқтаи бурриши тиллоӣ (хотимаи $A_5$ тибқи жанри вариатсия, хотимаи C – тибқи рондо).

Прелюдияи C-dur, ки бузургсилсилаи «24 прелюдия ва фуга»-ро оғоз мекунад, қабл аз ҳама тоналности асосиро хеле устувор нишон медиҳад. Интихоби жанрҳои дорои сароҳанги якка аз қабили рондо ва ё вариатсия (1) ва рушди ягонаи композитсионӣ (2) низ барои расидан ба ҳамин ҳадаф аст.

Фугаи чаҳоровозаи силсила навъи фугаи дукарата аст. Экспозитсияи якум дар ҳудуди талаботи фугаи одии классикӣ қарор гирифтааст. Экспозитсияи дуюм бештар озод аст:

*Ҷадвали 12. Сохтори фугаи дукаратаи C-dur.*

<table>
<tr><th colspan="25">ФУГАИ ДУКАРАТА</th></tr>
<tr><th colspan="5">ЭКСПОЗИТСИЯИ ЯКУМ</th><th colspan="9">ҚИСМИ ОЗОД</th><th colspan="5">ЭКСПОЗИТСИЯИ ДУЮМ</th><th colspan="6">ҚИСМИ ОЗОД</th></tr>
<tr><td>C(t)</td><td>M</td><td>C(t)</td><td>M</td><td rowspan="3">ИНТЕРМЕДИЯ</td><td>C (Cis-dur)</td><td>M</td><td>C (Es-dur)</td><td rowspan="3">ИНТЕРМЕДИЯ</td><td>M</td><td>M</td><td>C (B-dur)</td><td rowspan="3">ИНТЕРМЕДИЯ</td><td>C (Es-dur)</td><td>C (As-du)</td><td>C (Es-du)</td><td rowspan="3">ИНТЕРМЕДИЯ</td><td>C (Es-du)</td><td rowspan="3">ИНТЕРМЕДИЯ</td><td>С"Э1 (t)</td><td>С"Э2 (t)</td><td>M</td><td>M<br>С"Э1 (t)</td><td>С"Э1 (t)<br>M</td><td rowspan="3">ИНТЕРМЕДИЯ</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td>M</td><td>M</td><td>M</td><td>M</td><td>M</td><td></td><td>M</td><td>M</td><td>M</td><td>M</td><td></td><td>M</td><td></td><td>M</td><td>M</td><td>M</td><td>M</td></tr>
<tr><td></td><td>C(t)</td><td>M</td><td>C(t)</td><td>M</td><td>C (F-dur)</td><td>M</td><td>C (G-dur)</td><td>C (C-dur)</td><td>M</td><td>C (C-dur)</td><td>M</td><td>M</td><td>M</td><td>С"Э2 (t)</td><td>С"Э1 (t)</td><td>С"Э1 (t)</td><td>С"Э2 (t)</td><td>С"Э1 (t)</td></tr>
</table>

Сароҳанги экспозитсияи якум дар пайиҳамии дараҷавӣ аввал терсияи мажориро ҳамчун нишондиҳандаи устувори лаҳнӣ-тоналӣ оварда, дараҷаи чоруми тоналиро дар вазифаи ороишӣ (форшлаг) намудор мегардонад ва дар ибораи сонӣ тетрахорди болоии тоналиро ба воситаи ҷаҳишҳои болоравандаву поёнравандаи кварто-квинто-секстоӣ бо истифодаи хроматизмҳо (дараҷаҳои пастшудаи II ва III) нишон медиҳад.

Дар натиҷа сароҳанг дараҷоти пурраи C-dur-ро фаро гирифтааст. Маҳорати баланди композитории Фирӯз Баҳор дар ин сароҳанг хеле равшан аён мегардад. Ӯ дар сароҳанги кӯтоҳ тавонистааст ба таври сода дараҷоти пурраи лаҳнӣ-тоналии асарро ба воситаи оҳанги хеле зебо нишон диҳад:




*Мисоли 33. Сароҳанги экспозитсияи якуми фугаи C-dur.*

Гузароии дуюми сароҳанг зимни муқобилбаёни боздоштии триолӣ бо таъкиди зарбаҳои якуми он қарор мегирад:



*Мисоли 34. Гузарои дуюми сароҳанги фуга.*

Дар гузароиҳои минбаъда шумораи муқобилбаёнҳо тадриҷан меафзоянд. Интермедияро композитор танҳо баъди гузароии чоруми сароҳанг ҷо дода, ба он функсияи композитсионии бандаки васлиро байни қисмҳои таркибии экспозитсия ва қисми озод супоридааст:

*Ҷадвали 13. Сохтори экспозитсия ва қисми озоди фугаи якум.*

| ЭКСПОЗИТСИЯИ ЯКУМ | | | | | ҚИСМИ ОЗОД | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| t | | t | | | Cis-dur | | Es-dur | | | | B-dur | | Es-dur |
| C | M | C | **M** | **И** | C | M | C | **И** | M | M | C | **И** | C |
| | | | **M** | | | | | | | | | | M |
| | | **M** | | | | | | | C | C | M | | |
| | C | **M** | C | | M | C | M | | | | | | C |
| | t | | t | | | F-dur | | | G-dur | C-dur | | | C-dur |

Баҳри рушди композитсионӣ муаллиф гуногунрангии тоналиро ҳамчун василаи асосӣ дар гузароиҳои сароҳанг интихоб мекунад. Ба ҳайси гузароии авҷии ин қисм гузароии ҳафтумро таъйин намуда, онро стреттоӣ, вале якеро аксӣ, дар ду овози канорӣ дар fortissimo, бо регистри васеътарин, бо таъкидҳои устувори ибтидоиву ферматаи интиҳоӣ пешниҳод намудааст:




*Мисоли 35. Гузароии ҳафтум – гузароии авҷии фуга.*

Экспозитсияи дуюми фуга бидуни риояи мутаносибии доминантӣ аз ҷиҳати тоналӣ озодтар баён гардидааст. Он дорои тоналностҳои гуногун (1), қарор гирифтани муқобилбаён дар гузароии аввали сароҳанги экспозитсияи

дуюм (2) риоя накардани пайиҳамии сароҳанги ҷавобӣ (3) ва ғайра ҷо дорад. Дар умум сохтори композитсионии экспозитсияи дуюм чунин аст:

*Ҷадвали 14. Сохтори экспозитсияи дуюми фуга.*

| ЭКСПОЗИТСИЯИ ДУЮМ | | | | |
|---|---|---|---|---|
| C (As-du) | C (Es-du) | И | C (Es-du) | И |
| M | | | M | |
| M | M | | M | |

Ба экспозитсияи дуюм муқобилбаёнҳои боздоштӣ, контрапунктӣ ва ҳамоҳангӣ хос аст. Асоси оҳангӣ-интонатсионии экспозитсияи дуюми фуга ба оҳангҳои «эпизодии рондо» (ё вариатсияҳои $A_2$, $A_4$)-и прелюдия наздикӣ дошта, ба ягонагии ин силсилаи хурд мусоидат менамояд.

Сароҳанг ҳамеша дар овози болоӣ нигоҳ дошта шудааст. Ба он серҳаракатӣ, асоси тоналии ивазшаванда ва зарби ягонаи рушдёбанда хос аст:




*Мисоли 36. Сароҳанги экспозитсияи дуюм.*

Қисми озоди экспозитсияи дуюми фуга аз панҷ гузароии сароҳанг ва интермедияи хотимавӣ иборат аст. Дар гузароии якуми сароҳанги ин қисм, ду сароҳанг – сароҳанги фугаи якуму дуюм дар C-dur дар мутаносубии контрапунктӣ, яъне стреттоӣ қарор мегиранд:




*Мисоли 37. Гузароии стреттоии сароҳанг дар қисми озоди фугаи дуюм.*

Дар гузароии панҷум ҷараёни якҷошавӣ – характери декламатсионии сароҳанги якум бо зарби равонаи сароҳанги дуюм, пурра гардонида шудааст. Ин гузароии стреттоӣ-магистралӣ барои қисми озод авҷӣ маҳсуб меёбад: дар он сароҳанги якум октаваӣ дар овозҳои канорӣ ва сароҳанги дуюм бо нигоҳдошти зарби аввал – дар овозҳои мобайнӣ дар fortissimo омадаанд:




*Мисоли 38. Гузароии магистралӣ дар қисми озоди фугаи дуюм.*

Дар ин раванд композитор василаҳои сирф полифонӣ стреттоӣ, муқобилбаёнҳои боздоштӣ, контрапунктӣ ва ҳамоҳангии интермедияҳои васлӣ ва хотимавӣ. Гузароиҳои аксиро бо тазодии тембрӣ, контрапунктӣ, регистрӣ ва дигарҳо хеле хуб истифода мебарад. Ба ин тариқ ӯ фазои садоии хеле зиндадил ва гуногунрангро ба даст овардааст. Вале дар талқиноти суръат композитор озодиро ба иҷрокунанда месупорад. Дар умум, фугаи мазкур (бо ду экспозитсияи алоҳида)-ро ба навъи фугаи классикӣ мансуб донистан равост. Маҳорати композитории Баҳор имкон медиҳад, ки фугаи дукаратаро рушди ягонаи драматургӣ бидиҳад. Дар ин дастовард хусусан нақши стретто бузург аст: дар фугаи №1 – як стретто ва дар фугаи дуюм – чаҳор мтретторо композитор пайиҳам истифода бурдааст.

Аз ин рӯ, интермедияи хотимавӣ бениҳоят динамикӣ аст. Стаккатиссимо (staccatissimo) бар замми баёни аккордӣ ва динамикаи баландтарин, дар хати болоӣ ба самти поёнраванда ва дар хати поёнӣ – болораванда, равон ба сӯи якдигар, ҳамҷоя мешаванд ва дар sforzatissimo (sffz) фугаро ба анҷом мерасонанд:




*Мисоли 39. Интермедияи хотимавӣ.*

«Прелюдия ва фугаи G-dur (№3)» [3, с. 19-24] аз зумраи силсилаҳои зудсуръат ба шумор меравад. Прелюдия ва фугаи он қариб дар як суръат (Allegro, Allegro moderato) навишта шудаанд. Дар ҳарду оҳанг бетаваққуф бо воситаи набзи равони шонздаҳякӣ баён мегардад: прелюдия ба ин равонӣ касро ворид месозад, фуга ин набзро идома медиҳад. Фарқият танҳо дар вазн аст: сезарбаӣ – дар прелюдия, чорзарбаӣ – дар фуга. Силсиларо аз он лиҳоз низ рушди ягона фаро мегирад, ки баёни яковозаи прелюдия дар фуга ба бисёровоза табдил ёфтааст.

Дар прелюдия набзи зарбии оҳанги мавоҷ бо иборасозии якхела дар тули асар нақши конструктивиро бозидааст:




*Мисоли 40. Ибтидои прелюдияи G-dur (№3).*

Прелюдия дорои сохтори одии сеқисмаи такрорӣ (АВА) аст. Қисми якум – периоди такрории ғайримураббаи яктоналӣ, қисми дуюм – периоди навъи рушддиҳандаи дорои хроматизмҳо ва қисми сеюм – репризаи аз ҷиҳати

регистрӣ болотар мебошад. Дар умум прелюдия характери этюди техникиро пайдо мекунад.

Сароҳанги фугаи G-dur гӯё аз прелюдия гирифта шудааст:




*Мисоли 41. Сароҳанги фугаи G-dur.*

Он саршор аз хроматизми садоӣ-интонатсионӣ (на лаҳнӣ-тоналӣ) буда, диапазони васеи дуодетсимаро фаро мегирад. Дар оҳангсозии сароҳанг дараҷаҳо дар пайиҳамӣ ва ҷаҳишӣ омадаанд. Он ҳар дафъа болораванда ва бо талоши майдони садоии васеътар сар мешавад. Ҳол он ки ҷаҳишҳои васеътари секстоии хотимавии он аз чунин ҳадаф дуранд. Дар иборасозии сароҳанг нақши ҷаҳиши квартои ибтидоӣ аён аст. Ҷаҳиши квартоӣ дар сароҳанг панҷ бор омадааст.

Сохтори ин фугаи дуқисмаи одӣ, иборат аз экспозитсия ва қисми озод аст. Дар фуга панҷ гузароии сароҳанг – ду гузароии тоникӣ, як доминантӣ ва ду – дар тоналностҳои VII (Fis-dur) ва VII поёнӣ (F-dur) ҷо дорад:

*Ҷадвали 15. Нақшаи тоналии гузароиҳои сароҳанг дар фугаи G-dur.*




Дар гузароии чаҳоруми сароҳанг пайдо шудани дараҷаи поёншудаи VII ба прелюдия тобиши миксолидиро медиҳад:




*Мисоли 42. Гузароии чаҳоруми сароҳанг дар қисми озоди фуга.*

Се интермедия – якто дар экспозитсия, дуто дар қисми озод, новобаста ба он, ки ҳар кадом дорои симои оҳангӣ-интонатсионии худ мебошад, дар ҷараёни фуга вазифаи бандакро иҷро кардаанд.

Экспозитсияи фуга аз ду гузароии сароҳанг, муқобилбаёни боздоштӣ ва як интермедия иборат аст. Риспостаи сароҳанг аз навъи воқеист. Қисми озоди фуга аз се гузароии сароҳанг ва ду интермедия иборат аст:

*Ҷадвали 16. Сохтори композитсионии фугаи G-dur.*

<table>
<tr><td colspan="3">ЭКСПОЗИТСИЯ</td><td colspan="5">ҚИСМИ ОЗОД</td></tr>
<tr><td>С (t)</td><td>М</td><td rowspan="2">И</td><td>С (Fis-dur)</td><td>М</td><td rowspan="2">И</td><td>С (t)</td><td rowspan="2">И</td></tr>
<tr><td></td><td>С (D)</td><td>М</td><td>С (F-dur)</td><td>М</td></tr>
</table>

Интихоби тоналностҳо дар гузароиҳои сароҳанги қисми озод муқаррарӣ нест. Фирӯз Баҳор тоналностҳои дараҷаҳои воридотии поёнӣ (Fis-dur, F-dur)-ро истифода бурдааст. Вале истифодаи онҳо низ нисбатан озод аст. Ба ҳар ҳол ба ин васила композитор ба фуга ғановатмандии оҳангӣ дароварда, онро дар умум тару тоза менамояд:



*Мисоли 43. Гузароии дуюми сароҳанг дар қисми озоди фуга.*

Гузароии хотимавии сароҳанг дар драматургияи фуга гузароии авҷӣ маҳсуб меёбад. Композитор авҷро бо ёрии василаҳои динамикӣ (fortissimo) ва регистрӣ (октаваи сеюм) ва сохтани муқобилбаён дар асоси сароҳанг ба даст овардааст:



*Мисоли 44. Гузароии кулминатсионӣ.*

Ҳадаф аз ин иқдом баҳри тақвим бахшидани кулминатсияи умумии фуга (ва силсила) равона шудааст. Ин вазифаи драматургиро муаллиф барои мавзуниву мантиқи композитсионӣ хеле бамаврид ба амал меоварад.

Интермедияи хотимавӣ низ вазифаи худро равшан иҷро мекунад. Он аз пурмуҳтавоии баъдиавҷӣ (дар *ff*) оғоз шуда, тадриҷан яке аз хатҳои баёнии худро қатъ гардонда, дар piano бо садоҳои тоникӣ асарро анҷом медиҳад:




*Мисоли 45. Интермедияи хотимавӣ дар фуга.*

Хусусияти «Прелюдия ва фугаи A-dur (№7)» [3, с. 52-56] дар он аст, ки прелюдияи он ҳам навъи полифонӣ мебошад. Прелюдия дар садои паст (*p*, *mp*, *pp*) оғоз гардида, образи абстрактии ғайривоқеиро ба вуҷуд меоварад. Чунин вазъро нишондоди суръат (Tranquillo) пурратар мегардонад.

Прелюдия чаҳоровоза бо дуовозагии хатҳои муҳаррик ва боздоштӣ оғоз гардида, шакли периоди одии сохтори такрориро дорад:




*Мисоли 46. Навъҳои хати оҳангӣ дар прелюдия.*

Оҳанг дорои тобиши миксолидӣ аст. Ҷараёни оҳангии прелюдия дар асоси як ибораи триолии болораванда ташаккул ёфта, дар мутаносиби фосилаи квинта бо такя ба нотаҳои тоникӣ қарор доранд.

Фугаи дуқисмаи сеовозаи одии A-dur ба силсила характери скертсоиро ворид месозад. Гузароиҳои сароҳанг дар он ба хусусияти фугаи классикӣ мутобиқанд:

*Ҷадвали 17. Сохтори композитсионии фугаи A-dur.*

| ЭКСПОЗИТСИЯ | | | | ҚИСМИ ОЗОД | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| С (t) | С (D) | М | И | С (S) | М | И | М |
| | | М | | | М | | М |
| | М | С (t) | | М | С (G-dur) | | С (t) |

Сароҳанг ду гунаи рафти оҳангӣ – пайиҳамӣ ва ҷаҳиширо асос гирифта, тақсими сетоии вазни шашзарбаиро бо иборaҳои триоливу шонздаҳякиҳо дар вазни нӯҳзарбаӣ ҳам тезонидааст ва ҳам нафаси оҳангро фарох гардонидааст:




*Мисоли 47. Сароҳанги фугаи A-dur.*

Интермедияҳои фуга дуовозаанд. Онҳо яктоӣ дар экспозитсия ва қисми озод ҷо гирифтаанд. Асоси оҳангии интермедияҳо аз сароҳанг гирифта шудааст:



*Мисоли 48. Интермедияи аввали фуга.*

Рушди композитсионии фуга ба воситаи ивазшавии лаҳнӣ-тоналӣ иҷро шудааст. Барои анҷом додани фуга гузароии хотимавии он дар тоналности асосӣ ба таври октаваӣ оварда шудааст.

«Прелюдия ва фугаи As-dur (№17)» [3, с. 116-119] ягона силсила аст, ки дар тақлиди анъанаҳои мусиқии клавесинии давраи Эҳёи аврупоӣ (асри XIII – XVI) қарор мегирад. Барои муаллиф ин амал рамзи эҳтиром ба заминаи бузурги мусиқии фортепианоист. Яке аз нишондодҳои зоҳирии тақлид ба анъанаҳои асбобҳои қадимаи шастӣ (клавишӣ) дар тарзи навишти ин прелюдия дида мешавад. Ба ҷойи ду, дар он чор ҳомил истифода мешавад, ки ба услуби навишти мусиқӣ барои клавесин (инчунин клавичембало, клавикорд, апсихорд...) хос аст.

Прелюдия дар сохтори вариатсия эҷод шудааст. Ин интихоби Фирӯз Баҳор ҳам аз ба назаргирии «хоссагиҳои ҳамон замон аст» [182]. Прелюдия аз сароҳанг ва ҳафт вариатсия иборат аст. Вариатсияҳо аз ҷиҳати тоналӣ, ҳаҷм ва оҳанг аз якдигар фарқ мекунанд. Композитор ҳудуди сароҳанг ва вариатсияҳоро бо кома (•) ва сукут (𝄽) қайд менамояд. Дар баёни сароҳанг композитор ду регистр (поёнӣ ва болоӣ)-ро баробар дар пайиҳамии ду ибораи таркибии он истифода бурдааст. Аз ин рӯ, ибораи дуюм ҳар дафъа ҳамчун аксулсадо қабул мешавад. Ба он регистри болоӣ, зарб ва динамикаи ибораи дуюм (*p*, *pp*) низ мусоидат менамояд:




*Мисоли 49. Сароҳанги прелюдия As-dur (№17).*

Ибораҳои якуми ҳамаи вариатсияҳо дар регистри поёнӣ ва ибораҳои дуюми такрорӣ – дар регистри болоӣ қарор гирифтаанд. Ҳар як вариатсия аз ҷиҳати динамикӣ аз садои баландтар оғоз гардида, бо садои пасттар анҷом меёбад. «Тембрҳои гуногуни онҳо тақлид ба садои сози флейта мебошад, ки ин ҳам аз хоссагиҳои ҳамон давра аст» [40, с. 10].

Фугаи чоровоза (Allegro affannato) бо тартиби тоналии муқаррарӣ дар шакли дуқисмаи одӣ навишта шудааст. Экспозитсия аз чаҳор гузароӣ иборат мебошад, ки онҳо бо тартиби зерин омадаанд: T – D – T – D. Қисми озоди фуга аз се гузароӣ дар таносубияти S – S – T қарор гирифтааст. Дар умум фуга дорои ҳафт гузароӣ аст. Дар фуга чаҳорто интермедия ҷо дорад: дутоӣ дар экспозитсия ва қисми озоди фуга. Интермедияи якум, дуюм ва сеюми фуга функсияи васлии гузароиҳоро ва интермедияи чаҳорум – вазифаи хотимадиҳандаи фугаро дорад:

*Ҷадвали 18. Сохтори композитсионии фугаи As-dur.*

| ЭКСПОЗИТСИЯ | | | | | | ҚИСМИ ОЗОД | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | $С_{(D)}$ | $И_1$ | $С_{(T)}$ | $И_2$ | $С_{(D)}$ | М (яковоза) | $И_3$ | М (яковоза) | М (дуовоза) | $И_4$ |
| $С_{(T)}$ | М (яковоза) | | М (дуовоза) | | М (яковоза) | $С_{(S)}$ | | $С_{(S)}$ | $С_{(T)}$ | |

Сароҳанги ҷаҳишии фуга, ҳарчанд бо сароҳанги прелюдия каме ҳамранг аст, дар суръати дигар ва таъкидҳои дигар меояд. Ду ибораи сароҳанги фуга дар регистри мобайнӣ (октаваи хурду якум) бо нотаҳои ним ва ибораи дуюми он дар регистри болотар (октаваи якум ва дуюм) бо нотаҳои чорякӣ пешниҳод шудаанд:




*Мисоли 50. Сароҳанги фугаи As-dur.*

Риспоста бо мутаносубии дуодетсимӣ (дар тоналности доминантӣ) амалӣ шудааст. Тақлид ба сароҳанги прелюдия на танҳо дар сароҳанги фуга, балки дар муқобилбаёни он низ дида мешавад. Муқобилбаён зарбаҳои хомӯши сароҳанг – дуюм, сеюм, панҷум ва шашуми вазнии шашзарбаиро бо садоҳои худ пур мекунад. Ба ин тариқ композитор хусусияти асосии баёни полифонӣ – равониро таъмин кардааст:



*Мисоли 51. Риспостаи фугаи As-dur.*

Муқобилбаёни фуга яковозаи навъи муҳаррик, ҳаракати он ҷаҳишӣ аст. Дар умум фуга пурра ба қоидаҳои фугаи одии классикӣ ҷавобгӯ мебошад. Интермедияҳои он низ дар асоси сароҳанги фуга пайдо шудаанд. Аз ин рӯ, фуга хоси якоҳангиро дорад. Агар суръати прелюдия ва фугаро ба назар бигирем, ин силсила дорои рушди ягона аст.

Экспозитсияи фуга аз чаҳор гузароии пайиҳамии тоникӣ-доминантӣ ва қисми озод аз ду гузароии субдоминантӣ-тоникӣ иборат мебошанд. Интермедияҳои фуга бо функсияҳои васлӣ ва хотимавӣ, муқобилбаёнҳо – яковоза ва дуовозаи навъи муҳаррик оварда шудаанд. Фуга пурра ба қоидаҳои фугаи одии классикӣ ҷавобгӯ мебошад.

## 2.2. Силсилаҳои хурд бо фугаи навъи ғайриклассикӣ

Силсилаҳои дорои навъи фугаи ғайриклассикӣ ҳамагӣ дар бузургсилсилаи полифонӣ панҷтоанд – №4, №13, №16, №18, №19[1].

Хусусияти «Прелюдия ва фугаи b-moll (№16)» [3, с. 112-115] дар он аст, ки ин силсила дар асоси як сароҳанг ба вуҷуд омадааст. Сароҳанги прелюдия се ибораро дар бар мегирад. Ин ибораҳо дар пайиҳамӣ хати рушди ягонаи мантиқии сароҳангро ба вуҷуд овардаанд.

Прелюдия ҳамагӣ аз ҳашт мисраъоҳанг иборат аст. Ҳамаи онҳо аз ҷиҳати зарб якхела – ♩♩♩♩… |♩ 𝅗𝅥. 𝄐 – ҳар дафъа бо набзи беисти чаҳорякӣ оғоз гардида, бо ибораҳои хотимавии монанду ҳамрадиф анҷом меёбанд:




*Мисоли 52. Сароҳанги прелюдияи b-moll (№16).*

[1] Лекин таҳлили хусусияти ин гунаро дар як мисол ба амал меоварем, зеро ки чаҳортои дигар бо дигар унсурҳои хосса низ зоҳир гардидаанд ва бо он унсурҳо алоҳида дида мешаванд.

Мисраъоҳангҳо ҳаҷман ивазшавандаанд. Ҳар дафъа онҳо дар вазнҳои гуногун (чордаҳ-, даҳ-, ҳашт-, ёздаҳ-, сездаҳ-, нуздаҳзарбаӣ) қарор мегиранд. Баёни мисраъоҳангҳои сароҳанг фосилавӣ-аккордӣ аст. Дар он аккордҳои ғайритерсиявӣ афзалият доранд:



*Мисоли 53. Мисраъоҳанги ҳамрадифи прелюдия.*

Асоси зарбии ҳар як мисраоҳанг ду набзро доро аст: чорякии муназзам (1), ними нуқтадор, чоряк, бутун (2). Ҳашт мисраоҳанги прелюдия «ҳамқофияаанд», зеро ки унсурҳои дуюми он аз ҷиҳати зарб ҳамеша якхелаанд. Вале прелюдияро «шеър» монанд гуфта наметавонем, зеро мисраоҳангҳои он ҳамвазн нестанд (1). Дар он ҳар як мисраоҳанг мустақил аст ва ҳар яки он баъди худ сукутро металабад (2). Аз ин рӯ, композитор ҳар як мисраоҳангро бо фермата хотима додааст. Бо чунин иборабандӣ композитор онҳоро наздик ба афоризм мекунад. Эҳтимол ба мазмуни ин прелюдия образи хирадмандонаи шеъри классикии форсӣ-тоҷикӣ поягузорӣ намудааст. Ва ин силсила бар васфи фалсафаи он аст.

Хусусияти фарқкунандаи прелюдия ва фугаи b-moll (№16) дар пайгирии як андешаи сароҳангӣ зоҳир мешавад. Сохтори прелюдия, ки бо мисраҳои кӯтоҳ ва фосилавӣ-аккордӣ бунёд ёфтааст, на танҳо як ҷараёни равшани рушди мусиқӣ, балки тамоюли ҷустуҷӯи садоҳои ғайримаъмулро ҳам нишон медиҳад. Ин ҳама, дар маҷмуъ, ба асар тобиши равшан ва симои мустақили услубӣ медиҳад.

Фугаи панҷовозаи ин силсила, бинобар бидуни қисми озод будан, ба навъи фугаи ғайриклассикӣ тааллуқ дониста мешавад.

Дар фугаи мазкур шаш гузароии сароҳанг ва се интермедияи васлӣ ҷо доранд:

*Ҷадвали 19. Сохтори композитсионии фугаи b-moll.*

| ЭКСПОЗИТСИЯ | | | ҚИСМИ ОЗОД | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | С (t) | И | М | И | С (t) | М | И | М |
| С (t) | М | | С (S) | | М | С (S) | | С (t) |

Сароҳанги фуга аз сароҳанги прелюдия бо яковозагии худ фарқ мекунад. Он хеле қатъӣ дар тембри ҷасуронаи мардона, бо таъкиди дараҷаи тоникӣ оғоз гашта, дар ибораи дуюм бо ороишҳо дар дараҷаи VI хотима меёбад:




*Мисоли 54. Сароҳанги фугаи b-moll.*

Хусусиятҳои сароҳанг тамоми рушди фугаро фаро гирифтаанд: сароҳанг дар гузароии кулминатсионӣ (панҷум) зимни баёни панҷовоза хеле устувор садо медиҳад:




*Мисоли 55. Гузароии панҷуми сароҳанги фуга.*

Гузароии хотимавии фуга стреттоӣ аст. Он дар регистри поёнтарини басӣ фугаро хеле устуворона хотима медиҳад:




*Мисоли 56. Гузароии стреттоии фуга.*

Интермедия дар фуга се маротиба пайдо мешавад. Онҳо нақши васлии ду тоналностро доранд: T – S ва S – T. Се интермедия ҳаҷман якхелаанд, вале бо регистр ва бо асоси оҳангӣ-интонатсионӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Сароҳанги фуга дар муқоиса бо прелюдия аз ибтидо устувор аст. Он тамоми рушди фугаро муайян мекунад ва дар гузароии панҷум, ҳамчун нуқтаи авҷӣ, хусусияти тавоноии худро мукаммалтар ифода мекунад. Гузароии хотимавии стреттои ин тавоноиро бори дигар таҳким мебахшад.

## 2.3. Силсилаҳои хурди импровизатсионӣ

«Прелюдия ва фугаи F-dur (№23)» [3, с. 153-156] ба композитори маъруф Оливйе Мессиан бахшида мешавад. Он дар навъи импровизатсионӣ эҷод шудааст. Фирӯз Баҳор қайд мекунад, ки «майлу рағбат доштам, ки инъикоси бузургонро дар бузургсилсила дошта бошам… » [6, с. 65.]. Фирӯз Баҳор симои ин композиторро бо ду паҳлуи эҷодии ӯ – «композитор-авангард ва композитор-орнитолог таҷассум менамояд. Аз ин ҷост тақлид ба садои паррандагон дар ин силсилаи хурд» [6, с. 65].

Композитор дар таҷассум кардани садои паррандаи хушсаро дар сароҳанги прелюдия аз манбаи оҳангии табиӣ истифода бурдааст.

Прелюдия атоналӣ аст ва аломатҳои назди калидии он шартӣ мебошанд. Композитор Фирӯз Баҳор бо қайди дараҷаҳои асосии тоналности F-dur дар ибтидову интиҳои прелюдия аз ин вазъият моҳирона баромадааст.

Баёни импровизатсионии прелюдия ба сохтори мушаххаси он – периоди ғайритакрорӣ монеа намешавад.

Дар сароҳанг бофти яковоза ва фосилавӣ-аккордӣ дар пайиҳамӣ амал мекунанд:





*Мисоли 57. Сароҳанги прелюдияи F-dur.*

Композитор Фирӯз Баҳор дар ин прелюдия ба услуби серияи Мессиан пайравӣ мекунад[1]. Серияи шонздаҳдараҷаӣ дар прелюдияи Фирӯз Баҳор шаш регистрро дар бар мегирад ва бо шаш деранди гуногун дар панҷ нишондоди динамикӣ ва се навъи садо (зада, стаккато ва тенуто) пешниҳод мегардад:




*Мисоли 58. Серия дар сароҳанги прелюдияи Ф. Баҳор.*

Ба туфайли маҳорату малакаи устодонаи Фирӯз Баҳор чараёни прелюдия новобаста ба «маҳдудият»-и серия пора-пора нашуда, ягонагии оҳангбандиро дар ҳамаи сатҳҳои сохтори композитсионӣ муҳайё кардааст. Композитор барои ягонагии прелюдия бо фуга услуби дигарро истифода мебарад: ӯ мотиви охирини прелюдияро ногаҳон дар pianissimo баён карда, тоникаро бо фермата дарозтар намуда, дар сукути чаҳорякӣ прелюдияро хотима медиҳад:



*Мисоли 59. Хотимаи прелюдияи F-dur.*

[1] Талаботи серия тибқи назарияи О. Мессиан чунин аст: 1) сохтани серия бо дувоздаҳ дараҷа; 2) истифодаи шаш регистр; 3) шаш зарбаи гуногун; 4) истифодаи панҷ нишондоди динамикӣ; 5) истифодаи се навъи тобишҳои оҳангӣ [80, с. 167]. Баҳор ба истиснои талаботи якум дигарро риоя кардааст.

Фугаи сеовозаи дуқисмаи одӣ чун прелюдия импровизатсионӣ мебошад. Сароҳанги фуга ба сароҳанги прелюдия монанд аст. Он низ аз садои парранда аст. Фуга дар умум дорои шаш гузароии сароҳанг аст:

*Ҷадвали 20. Сохтори умумии фуга.*

<table>
<tr><td colspan="5">ЭКСПОЗИТСИЯ</td><td colspan="4">ҚИСМИ ОЗОД</td></tr>
<tr><td rowspan="2"></td><td>C (T)</td><td>M<br>яковоза</td><td>M<br>дуовоза</td><td rowspan="2">И</td><td>M<br>яковоза</td><td>C (G-dur)</td><td>C ( T )<br>M<br>яковоза</td><td rowspan="2">И</td></tr>
<tr><td></td><td>C (D)</td><td>C (T)</td><td>C (B-dur)</td><td>M<br>дуовоза</td><td>C ( T )</td></tr>
<tr><td colspan="7"></td><td colspan="2">хотима</td></tr>
</table>

Дар сароҳанги фуга низ муаллиф тартиби серияиро қисман ҷо додааст. Сароҳанги фугаи F-dur, ҳаҷман хурд, дороии мантиқи возеҳу фаҳмо дар серияи даҳдараҷаӣ бо се мотив, бо се гунаи деранд, ду нишондоди динамикӣ ва се навъи тобиши оҳангӣ оварда шудааст:



*Мисоли 60. Сароҳанги фугаи F-dur.*

Композитор ба василаи овардани дараҷаи якуми тоналност дар ибтидо ва хотимаи сароҳанг, шартан тоналности ин силсиларо қайд кардааст.

Ба гуфтаи мусиқишинос Э. Гейзер «сароҳанги фугаи композитор аз сароиши паррандаи қанорӣ (канарейка) аст. Ин паррандаи хушсаро, паррандаи дӯстдоштаи Фирӯз Баҳор, дар қафаси болои рояли хонааш (ш. Душанбе) ҷой дошт» [6, с. 65].

Гузароии дуюми сароҳанги фуга дуовоза дар тоналности доминантӣ пешниҳод шудааст. Оҳанги муқобилбаён навъи ракоходӣ аксулсадои сароҳанг аст. Ва он бо сароҳанг контрапункт мешавад:




*Мисоли 61. Гузароии сароҳанги фуга бо акси контрапунктии худ (ракоходӣ).*

Гузароии сеюми сароҳанг бо муқобилбаёни навъи аксӣ ва муқобилбаёни одӣ омадааст. Муқобилбаёни одии он нақши ороиширо бозидааст, зеро гоҳ-гоҳе пайдо шуда, дар миёни онҳо садоеро меғунҷонад:




*Мисоли 62. Гузароии сеюми сароҳанги фуга бо муқобилбаёни аксӣ ва одӣ.*

Фуга аз ду интермедияи нақши хотимавӣ ва муқобилбаёнҳои навъи муҳаррик иборат аст. Аз ҷиҳати оҳангӣ ҳам интермедияҳо ва ҳам муқобилбаёнҳо ба сароҳанг хеле наздиканд. Онҳо садоҳои гуногуни паррандагонро ифода мекунанд.

Интермедияи якум ҳаҷман калон, дар асоси сароҳанги фуга навишта шудааст:




*Мисоли 63. Интермедияи якуми экспозитсияи фуга.*

Қисми озоди фуга низ образи паррандагонро бо садоҳои зебо дар маркази диққат нигоҳ дошта, гузароиҳои пайиҳамии дуовозаву сеовозаи сароҳанг ва интермедияро аз ҷиҳати тоналӣ гуногунранг овардааст:

*Ҷадвали 21. Сохтори қисми озоди фуга.*

<table>
<tr><td colspan="4">ҚИСМИ ОЗОД</td></tr>
<tr><td>М<br>яковоза</td><td>С (G-dur)</td><td>С (F-dur)</td><td rowspan="4">И</td></tr>
<tr><td rowspan="3">С (B-dur)</td><td rowspan="3">М<br>дуовоза</td><td>М<br>яковоза</td></tr>
<tr><td>С (F-dur)</td></tr>
</table>

Гузароии сеюми сеовоза дар қисми озод стреттоӣ, хотимавӣ аст. Ин гузароӣ назар ба гузароиҳои гузашта ҳаҷман калонтар ва бо нишондоди баланди динамикӣ ҳамчун кулминатсияи умумии фуга муайян мешавад:




*Мисоли 64. Гузароии стреттоии сароҳанг.*

Оҳанги интермедияи хотимавӣ ба дараҷаи муайян варианти сароҳанг аст. Композитор Фирӯз Баҳор гуфтанӣ аст, ки сароиши паррандагон ҳар дафъа гуногун мешавад ва дар он қолаби муайян риоя намешавад. Ин муносибат ба диди О. Мессиан ҳамоҳанг аст, ки гуфта буд: «Гӯш диҳед ба садои паррандагон. Онҳо ҳунармандони моҳиранд» [80, с. 17]. Ҳамин тавр, фуга асоси оҳанги прелюдияро бо ҷӯшу хурӯш идома медиҳад. Композитор фугаро бо тавоноии хосса дар тоналности асосӣ (F-dur) анҷом додааст. Силсилаи F-dur-ро силсилаи «Парранда» меноманд. Дар он Фирӯз Баҳор худро ҳамчун композитор-орнитолог муаррифӣ кардааст.

Силсилаи Прелюдия ва фугаи F-dur (№23) дар бузургсилсила идомадиҳандаи хати аврупоӣ, хотимадиҳандаи анъанаҳои оҳангбандии авангардӣ ва васфӣ мебошад.

## 2.4. Силсилаҳои хурд бо баёни импровизатсионӣ дар прелюдия

Дар бузургсилсилаи «24 прелюдия ва фуга» ҳашт прелюдияи силсилаи хурд дорои баёни импровизатсионӣ мебошанд.

Дар «силсилаи c-moll (№20)» [3, с. 132-138] прелюдия импровизатсионӣ ва фуга аз навъи классикӣ мебошад.

Прелюдия дар техникаи авангардӣ баён мегардад. Он дар муколамаи ду сароҳанг (Lento ва Moderato) дар пайиҳамӣ бо қайди сукут, ҷараёни оҳангбандиро дар принсипи саволу ҷавоб ташаккул додааст. Сароҳанги саволӣ дар техникаи какофонӣ асос ёфтааст:




*Мисоли 65. Услуби какофонӣ дар сароҳанги саволӣ.*

Композитор барои саволу ҷавоб техникаи гуногуни эҷодро интихоб карда, ҷавобро дар услуби эвфонӣ навиштааст. Эвфония зарби ҳаштякии триолӣ, иборабандии мавзун, суръати муътадил, баёни дар ибтидо яковоза, дар интиҳо – шашовозаро ба ин ду қисми посухӣ овардааст:




*Мисоли 66. Услуби эвфонӣ дар сароҳанги ҷавобӣ.*

Онҳо аз якдигар аз ҷиҳати василаҳои оҳангӣ-интонатсионӣ, зарбӣ, баёнӣ фарқ мекунад. Ин фарқият гуногунрангии табиати онҳоро ифода мекунад. Муколама ду саволу ҷавоби пайиҳамро дар бар мегирад.

Фугаи ин силсила сеовозаи дуқисмаи одӣ аст. Он ба талаботи фугаи классикӣ ҷавобгӯ аст:

*Ҷадвали 22. Сохтори умумии фугаи c-moll.*

| ЭКСПОЗИТСИЯ | | | | | ҚИСМИ ОЗОД | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $C_{(T)}$ | М (яковоза) | И$_1$ | М (дуовоза) | И$_2$ | $C_{(S)}$ | И$_3$ | М (дуовоза) | И$_4$ | $C_{(S)}$ | И$_5$ | М (сеовоза) | И$_6$ |
| | $C_{(T)}$ | | $C_{(D)}$ | | $C_{(S)}$ | | $C_{(D)}$ | | $C_{(S)}$ | | $C_{(T)}$ | |
| | | | | | | | | | | | хотима | |

Сароҳанги фуга дар набзи сароҳанги *эвфонии* прелюдия сохта шудааст. Аз ин ҷиҳат, фуга идомадиҳандаи прелюдия аст. Дараҷоти умумии сароҳанг навъи дараҷоти нимпардаии ҳаштдараҷаӣ дар ҳудуди квинта мебошад: g – as – a – b – h – c – cis – d. Дар он ҳаракати ҷаҳишӣ афзалият дорад:




*Мисоли 67. Сароҳанги фугаи c-moll.*

Муқобилбаёни нахустин бо зарбаи таъкиддори синкопӣ ба набзи сезарбаии сароҳанг ворид гардида, минбаъд бо шонздаҳякиҳои равон идома меёбад:



*Мисоли 68. Гузарои ҷавобии (риспоста)-и сароҳанги фуга.*

Ин муқобилбаён минбаъд ба асоси оҳангии интермедияҳо табдил меёбад ва омили пайдоиши навъи интермедияҳои рушддиҳанда дар фуга мегардад:



*Мисоли 69. Интермедияи якуми фуга.*

Композитор сароҳанги прелюдияро дар муқобилбаёнҳо ва интермедияи фуга истифода бурда, ба ягонагии асоси оҳангӣ-интонатсионии силсила мусоидат кардааст.

Дар қисми озоди фуга гузароии панҷуми сароҳанг стреттоӣ мебошад:



*Мисоли 70. Гузарои стреттоии сароҳанг дар қисми озод.*

Байни қисми озод ва хотимаи фуга кодеттаи сустсуръати Adagio ҷиҳати интонатсионӣ монанд ба оҳанги таъкиддори муқобилбаёни нахустин ва интермедияҳо ҷо карда шудааст:




*Мисоли 71. Кодетта*

Тибқи мантиқи композитсионии фуга, баъди гузароии ҳафтуми сароҳанг интермедияи хотимавии триолӣ-ҳаштякӣ дар баёни фосилавӣ-аккордӣ дар тоналности асосӣ фугаро хотима медиҳад.

## 2.5. Силсилаҳои хурд бо фугаи ҷазӣ

Композитор Баҳор, ки ҳамеша дар набзи замони худ қадам мезанад, ба фугаи ҷазӣ таваҷҷуҳ накарда наметавонист. Дар бузургсилсила «Прелюдия ва фугаи H-dur (№11)» [3, с. 82-88] дар услуби ҷазӣ навишта шудааст.

Ин прелюдия ва фуга бо хоси жанри ҷазӣ навъи навро ба бузургсилсила медарорад. Композитор, пианинонавоз Фирӯз Баҳор бо дарки хуби ҷаз, ҷасурона онро ба силсилаи полифонӣ ворид карда, хусусияти ҷазиро қабл аз ҳама дар оҳанги озоду номуназзамии зарбӣ, ки дар ин силсила пунктирӣ-триолӣ аст, пешниҳод мекунад.

Дар прелюдияи сеовозаи сохтори сеқисмаи одии такрорӣ (ABA) бо тазодии байни қисмҳои канорӣ ва мобайнӣ, ду сароҳанг истифода шудааст: яке дар қисмҳои канорӣ, дигаре дар мобайн. Прелюдия ҳаҷман хурд, баёни сеовозаву дуовозаи терсияӣ дар сароҳанг, яковоза дар тагнавозӣ аз ҷиҳати оҳангбандӣ фаҳмову амиқ аст. Тагнавозии яковозаи басӣ (бо тақлид ба басгитара ё контрабас) дар ин баён нақши калидиро мебозад.

Қисми якуми прелюдия дар шакли периоди одии мураббаъи сохтори такрорӣ навишта шудааст. Дар сароҳанги алвонҷзанандаи он байни ду овоз мавзунии зарбии хос ба жанри ҷаз мушоҳида мешавад. Сароҳанг чаҳор мотивро дар бар гирифтааст. Онҳо дутоӣ омада, бо сукути чаҳорякии мобайнӣ аз якдигар ҷудо мешаванд. Оҳанги мотиви якум дар ду дараҷаи тоналности асосӣ дар ҷаҳиши фосилавии секстоӣ асос меёбад. Ҳаракати он бо ороиши форшлагҳои кӯтоҳ зеботар мегарданд:




*Мисоли 72. Сароҳанги прелюдияи ҷазии силсилаи H-dur (№11).*

Дар қисми мобайнии прелюдия набзи пунктирии қисми якум бо набзи триолӣ-стаккатоии қисми дуюми прелюдия пайиҳам меоянд:




*Мисоли 73. Порчае аз қисми дуюми прелюдия.*

Чунин ҳаракат самти поёнравандаро пеш гирифта, оҳангро ба басҳои чуқуртарин расонида, дар регистри поёнтарин дар pianissimo хотима меёбад.

Дар реприза оҳангиборaҳои васеъ бо ҳамин садои pianissimo ҷойгир шудаанд.

Оғози кода қатъӣ аст, вале дар охир дар pianissimo оҳанг канда-канда мешавад ва сукути дароз зимни октаваи басӣ ҳоло ҳам хеле паст садодиҳанда ҳар гунаи ҳаракатро ба нестӣ мебарад:




*Мисоли 74. Охири кодаи прелюдия.*

Ниҳоят баъди ин хомӯшӣ дар форте нидои пунктирии басӣ иборат аз тетрахорди нимпардаӣ ба сӯи дараҷаи V ва ҷаҳиши поёнравандаи октаваии он хомӯширо мебуранд. Ва баъди сукути чаҳорякӣ прелюдия дар дараҷаи тоникӣ хотима меёбад:




*Мисоли 75. Мотиви хотимавии прелюдия.*

Ва бидуни таваққуф фуга сар мешавад. Фуга фазои зарбии оҳанги прелюдияро (бо зарби пунктирӣ-триолӣ) идома медиҳад. Дар ду интермедияи фуга иқтибосҳои оҳангӣ аз прелюдия вомехӯранд.

Фугаи сеовоза дар шакли дуқисмаи одӣ навишта шудааст:

*Ҷадвали 23. Сохтори композитсионии фугаи ҷазӣ.*

| ЭКСПОЗИТСИЯ | | | | ҚИСМИ ОЗОД | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| $С_{(Т)}$ | М яковоза | $С_{(Т)}$ | $И_1$ | М яковоза | $И_2$ | $С_{(Т)}$ |
| | $С_{(D)}$ | М яковоза | | $С_{(E\text{-}dur)}$ | | М яковоза |

Сароҳанги фуга низ дар равияи ҷаз аст. Он ҳаҷман ғайримуқаррарӣ бузург, саршори хроматизмҳои хоси ҷаз омадааст. Сароҳанги фуга дар H-dur оҳанги ҷаззобест, ки дар овози болоӣ қарор мегирад:




*Мисоли 76. Сароҳанги фугаи ҷазӣ.*

Бузургҳаҷмии сароҳанг, омили камшумории интермедияҳои фуга гардидааст. Ба ҳайси яке аз ду интермедия композитор сароҳанги қисми дуюми прелюдияро истифода бурдааст:




*Мисоли 77. Интермедияи фуга дар асоси сароҳанги прелюдия.*

Гузароии хотимавии сароҳанги қисми озод кӯтоҳ ва каме дигаргун шуда дар бас ба амал меояд. Фугаро аккорди диссонансӣ бо тремолои ундетсимаи афзуда хотима медиҳад. Чунин хотимаҳои бо такя ба оҳанги озоду номуназзамии зарби пунктирӣ-триолӣ, ба композитсияҳои ҷазӣ хосанд.

### 2.6. Силсилаҳои хурди дорои техникаи авангардӣ

Дар силсилаҳои Fis-dur (№13), es-moll (№14), Es-dur (№19) ва c-moll (№20) композитор аз техникаи авангардӣ истифода бурдааст.

Маълум аст, ки серия дар додекафония маводи сохтмонист. Он ба раванди лаҳнӣ ва шаклсозӣ ҳукмронӣ менамояд. Ба гуфтаи муҳаққиқ, «додекафония – принсипи ташкили системаи 12-пардаӣ аст, ки бо ёрии як қатор, ва ё серия дар пайиҳамии муайяни садоҳои такрорнашаванда, метавонад асоси асарҳоро ташкил диҳад» [79, с. 110] ва «асоси ташкили дувоздаҳпардаиро серияи дувоздаҳгонаӣ ташкил медиҳад ва он ибтидои ҳар як композитсия интихоб мегардад» [89, с. 121].

«Прелюдия ва фугаи Fis-dur (№13)» [3, с. 95-100] дар рӯйхати силсилаҳои диезӣ охирин буда, ягона силсилаест, ки бе тоналности мувозии минории худ дар ин бузургсилсила пешниҳод шудааст.

Дар чор овози прелюдия мавзунии зарбие, ки композитор бо ду гунаи тақсими вазни ҳафтзарбаӣ ба даст меоварад, аз ибтидо ба назар мерасад:




*Мисоли 78.* Ибтидои прелюдияи Fis-dur (№13).

Гунаи дуюм минбаъд ба хати тагнавозӣ гузашта, дар он то охири прелюдия устувор боқӣ мемонад. Ин гунаи истифодаи ҳафтзарбаӣ асоси набзи прелюдияро муайян кардааст.

Сароҳанги прелюдия яковоза дар пайиҳамии фосилаҳои хурду калон, бо зарби дуолӣ дар оғози ҳар ибораи оҳангӣ ва ҳаракати омехтаи дохилӣ, дар умум васеъшавандаву болораванда аст. Он зимни тагнавозии зарби якхела қарор мегирад:



*Мисоли 79.* Сароҳанги прелюдияи Fis-dur.

Сароҳанг дар рафти прелюдия пайваста ҳаҷман васеътар, тавонотар бо иловаи зарби квартолӣ пешниҳод шавад ҳам, василаи асосии симои он дар зарби аввала ҳифз мегардад:

бори дуюм:



бори сеюм:




*Мисоли 80. Гунаҳои сароҳанги прелюдияи Fis-dur*.

Пурзӯршавии ҷараёни рушд тавассути табдил додани тагнавозӣ аз яковоза ба сеовозаи аккордӣ, дар оҳанг – бо фарогирии ҳарчӣ васеъшавандаии регистрӣ бараъло дида мешавад. Чунин ҷараёни рушд сохтори дуқисмаи одии прелюдияро ($AA_1$) дорои рушди ягона мегардонад.

Фугаи Fis-dur навъи фугаи чоровозаи дукарата, миёни силсилаҳои диезӣ ягона фугаест, ки ду экспозитсияи он бе қисми озод муаррифӣ шудаанд. Вазифаи экспозитсияи дуюм хеле хосса аст. Композитор огаҳона онро мушаххас муваззаф гардонда аст: дар он рафтори сароҳанги қисми якум хеле озод аст: аз ибтидо сароҳанг дар тоналности ғайрирегламентӣ пешниҳод мешавад ва бо ин сабаб он ҳамчун қисми озоди экспозитсияи якум мақбул мегардад; сароҳанги дуюм бо функсияи худ ба қабули он ҳамчун экспозитсияи дуюм мусоидат мекунад; вале сароҳанги фугаи дуюм низ аз ибтидо ҷиҳати тоналӣ озод буда, тоналностҳои асосӣ ва доминантиро муаррифӣ намекунад. Ин омили мақбули экспозитсияи дуюм ҳамчун қисми озоди фугаи якум мегардад.

Сохтори умумии фуга ду экспозитсия ва хотимаи фугаро дар бар мегирад, вале дар он функсияҳои композитсионии экспозитсияи якум, қисми озоди он, экспозитсияи дуюм ва қисми озоди он, ва ниҳоят хотимаи фуга ғунҷонида шудааст. Чунин талқин рушди драматургиро дар фуга пурра намудор мегардонад. Фуга бо талаботи фугаи классикӣ навишта шудааст:

*Ҷадвали 24. Сохтори умумии фугаи дукаратаи Fis-dur.*

<table>
<tr><th colspan="7">Экспозитсияи якуми фуга</th><th colspan="5">Экспозитсияи дуюми фуга (атоналӣ)</th><th colspan="4">Хотимаи фуга</th></tr>
<tr><td rowspan="2">С$_{(T)}$</td><td rowspan="2">М яковоза</td><td rowspan="4">И$_1$</td><td rowspan="2">М дуовоза</td><td rowspan="4">И$_2$</td><td rowspan="2">М сеовоза</td><td rowspan="4">И$_3$</td><td rowspan="2">С$_2$</td><td>М яковоза</td><td>С$_{1(D)}$</td><td rowspan="2">М дуовоза</td><td rowspan="4">И$_4$</td><td rowspan="2">С$_{(T)}$</td><td rowspan="4">И$_5$</td><td>М яковоза</td><td rowspan="4">И$_6$</td></tr>
<tr><td rowspan="2">С$_2$</td><td rowspan="2">М яковоза</td><td>С$_{1(T)}$</td></tr>
<tr><td rowspan="2"></td><td rowspan="2">С$_{(D)}$</td><td rowspan="2">С$_{(D)}$</td><td rowspan="2">С$_{(T)}$</td><td rowspan="2">С$_1$</td><td rowspan="2">С$_1$</td><td rowspan="2">М сеовоза</td><td>М яковоза</td></tr>
<tr><td>С$_1$</td><td>С$_2$</td><td>С$_{1(T)}$</td></tr>
</table>

Экспозитсияи якуми фуга дорои се интермедия аст. Дар он интермедияи экспозитсияҳои якум ва дуюм нақши пайвасткунандаи сароҳангро ва интермедияи сеюмӣ – нақши васли қисмҳоро бозидаанд. Сароҳанги фугаи якум – оҳанги аҷиб аст. Он инсонро ба ноаёнӣ бурда, ба андешаҳои чуқур фурӯ мебарад. «Он дар техникаи серияии ғайридодекафонӣ (reihentechnic) навишта шудааст» [169]:




*Мисоли 81. Сароҳанги фугаи Fis-dur.*

Дар сароҳанги фугаи якум нақши форшлагҳо хеле хоссаанд. Онҳо тибқи услуби серияӣ баробарҳуқуқ бо дараҷаҳои асосии оҳангӣ меоянд.

Риспоста боло имитатсия шудааст:




*Мисоли 82. Риспоста.*

Гузароии сеюми сароҳанг сеовоза аст. Дар он ду муқобилбаён дар овози болоӣ ва сароҳанг дар овози поёнӣ ҷой мегирад. Сароҳанг дар тоналности доминанта навишта шуда, аз гузароии аввал ду октава поён ҷо гирифтааст. Муқобилбаёни дуовоза навъи муқобилбаёни муҳаррик аст.

Гузароии чаҳоруми сароҳанг чоровоза дар тоналности асосӣ омадааст. Аз чиҳати регистрӣ ва динамикӣ ин гузароӣ кулминатсияи экспозитсияи якуми фуга ба ҳисоб меравад. Он навъи кулминатсияи маҳаллӣ мебошад.

Интермедияҳои экспозитсияи аввал секвенсиямонанданд:




*Мисоли 83. Интермедияи фугаи Fis-dur.*

Экспозитсияи дуюми фугаро композитор дар чор гузароии пайиҳами сароҳанг атоналӣ дар шакли канон пешниҳод кардааст.

Гузароии стреттоӣ дар ибтидои экспозитсияи дуюм баҳри мантиқи хотима додани худ зарурати кодеттаро ба вуҷуд овардааст. Фируз Баҳор кодеттаро бо мақсади нишон додани оғози сароҳанги навбатӣ (1), фароҳам овардани шароити муносиби зарбӣ-интонатсионӣ (2) ва ниҳоят хотимаи мантиқии композитсионӣ (3) ин ҷо меоварад:




*Мисоли 84. Стретта ва кодетта.*

Гузароиҳои сеовозаи дуюм ва сеюми сароҳанг як октава поён, гузароии чорум стреттоӣ бо қадами якмизонаи канонӣ яке аз гузароии дарозтарини сароҳангро дар фуга ба вуҷуд меоварад:




*Мисоли 85. Гузароии чоруми стреттоии сароҳанги якум (Э2).*

Сипас, бо услуби хоссаи репетитсионии прелюдия интермедияи хотимавӣ меояд. Ду гузароиии хотимавӣ дар пайиҳамӣ бо ду интермедия канонӣ омадаанд. Интермедияи охирини фуга навъи якуми набзи прелюдияро ба худ гирифтааст. Вале ин ҷо ин набзи зарбӣ дар шакли афзудааст. Ин интермедия регистри поёнтарин – субконтроктаваро фаро мегирад:




*Мисоли 86. Интермедияи хотимавӣ*

Истифодаи мотив-набзи прелюдия дар фуга ҳамҷоя будани силсилаи хурди Fis-dur-ро устувор мегардонад.

Қисми хотимавӣ аз ду гузароии сароҳанг ва ду интермедия иборат аст. Ин қисмро усули репетитсионӣ, ки дар прелюдия фарох истифода мешуд, пурра фаро гирифтааст. Ва он баҳри ақрабоии прелюдия ва фуга ба амал оварда шудааст.

Дар гузароиҳои якум ва дуюми сеовоза сароҳанги якум дар тоналности асосӣ аввал дар хати мобайнӣ, сониян, дар хати болоӣ бо усули репетитсионии

прелюдия дар хати поёнӣ канонӣ омадааст. Интермедияи навбатӣ ба нуқтаи кулминатсионии фуга рост омадааст.

Гузароиҳои сеюм ва чорум низ бо усули канонӣ дар тоналности асосӣ омадаанд. Вале қадами канонии онҳо хеле кӯтоҳ – ниммизона аст.

Интермедияи охирини фуга дар асоси набзи прелюдия дар шакли афзуда омадааст. Ин интермедия регистри поёнтарин – субконтроктаваро фаро мегирад. Бо овардани мотив-набз фуга ҳамҷоя будани худро бо прелюдия возеҳ нишон дода, силсилаи хурди Fis-dur-ро анҷом медиҳад.

Дар «Прелюдия ва фугаи Es-dur (№19)» [3, с. 125-131] (Andante recitatione) техникаи авангардӣ танҳо ба прелюдия дахл дорад. Прелюдия дар шакли дуқисмаи такрории одӣ навишта шудааст. Дар он навъҳои алеатории мобилӣ дар сароҳанг ва сонорӣ – дар тагнавозӣ истифода бурда шудаанд. Дар баёни сароҳанг таъкидҳо низ хоси услуби алеаторӣ мебошанд. Аз баёни нахустин сароҳанг зимни тагнавозии сонорӣ қарор гирифтааст:




*Мисоли 87. Сароҳанги прелюдия.*

Ҳар мизони прелюдия бо вазни нав омада, аз якдигар бо комма ҷудо шудааст. Ҳам комма ва ҳам ивазшавии вазнӣ аз табиати техникаи сонорӣ-алеаторӣ мебошанд. Аз ҷиҳати зарбӣ, ҳар як мизони прелюдия дорои «вазн»-и зарбии муайян – панҷ-, ҳафт-, ёздаҳ-, шаш-, ҳашт-, дувоздаҳ-, сездаҳ-, чордаҳзарбаӣ аст. Ин сервазнӣ ҳам аз табиати техникаи сонорӣ-алеаторӣ аст.

Фугаи Es-dur (Moderato con moto) панҷовозаи дуқисмаи одӣ аст. Фугаи дуқисмаи одӣ аз даҳ гузароии сароҳанг иборат аст: панҷто – дар экспозитсия,

панҷто – дар қисми озод. Аз ҷиҳати тоналӣсароҳангҳо дар экспозитсия ба чунин тартибанд: T – D – T – D – T, дар қисми озоди фуга: S – D – T – T – T:

*Ҷадвали 25. Сохтори умумии фугаи Es-dur.*

| | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| С (T) | М | И1 | М<br>М | И2 | М | И3 | М<br>М<br>М | И4 | М | М<br>М | И5 | С (T)<br>С (T) | С (S)<br>М<br>М | С (T) |
| | С (D) | | С (T) | | М<br>С (D) | | М<br>С (T) | | С (S) | С (D) | | С (T)<br>С (T)<br>С (T) | М<br>М | |

ЭКСПОЗИТСИЯ — ҚИСМИ ОЗОД

Чаҳор муқобилбаёни боздоштӣ аз яковозаӣ ба чоровозаӣ тадриҷан табдил меёбанд. Ба ҳайси хусусияти ғайриклассикии фуга ҷо надоштани қисми хотимавиро қайд кардан мумкин аст.

Дар фуга панҷ интермедия: чаҳорто – дар экспозитсия, якто – дар қисми озоди фуга ҷой доранд. Интермедияҳои гуногунҳаҷми экспозитсия дар асоси оҳанги муқобилбаён сохта шуда, дар рушди худ унсурҳои секвенсионӣ доранд.

Сароҳанги фуга дар асоси дараҷоти нимпардаии ҳаштдараҷаӣ дар ҳудуди квинта ($es^1$ – $b^1$) қарор мегирад:




*Мисоли 88. Сароҳанги фугаи Es-dur.*

Тибқи тоналности асосӣ (Es-dur) ҳудуди es – b нотаҳои канории пентахорди поёнӣ аст. Вале композитор онро бо дараҷоти ҳаштдараҷаии атоналӣ пешниҳод карда, сароҳангро дар дараҷаи дуюми пастшуда анҷом додааст. Тибқи муносибати рамзии Баҳор ба асоси лаҳнӣ-тоналӣ сароҳанг дар тоналности асосист. Чунин талқиноти лаҳнӣ барои офаридани образи абстрактии тира ва ғамгин истифода шудааст. Се ибораи бо сукут ҷудошудаи сароҳанг дар интонатсияҳои илтиҷоӣ қарор доранд. Мутаносибии тритонии байни садоҳои аввали ибораҳои якуму дуюм симои тираи онро тақвият мебахшад.

Дар мусиқии муосири системаи мажорӣ-минорӣ тритон қабул шудааст. Муҳаққиқон инро қайд мекунад: «Тритон диссонанси пурзӯр аст ва барои тоналностҳои мажориву минори моҳияти мартабаи аввалинро дорад» [46, с. 280]. Ҳоло он ки тақдири ин фосила муддати дароз дигар гуна қабул мешуд: «Дар таърихи мусиқии аврупоӣ фосилаи тритонро мусиқидонон аз мадди назарашон дур мекарданд ва онро умуман ном намегирифтанд ва то давраи барокко (охири асри XVI то нимаи дуюми асри XVIII) истифодаиибораоҳанги тритонӣ (масалан, f-g-a-h) манъ буд ва онро "иблис дар мусиқӣ" (лот. "diabolus in musica") меномиданд. Мусиқишиноси немис А. Веркмейстер (1645 – 1706) нахустин бор тритонро ба радабандии худ ворид намуда онро (дар баробари нимпардаи хроматикӣ) маҷозан "иблис дар мусиқӣ" номидааст. Ин маҷоз (истиора) дар байни олимон-мусиқишиносони немиси асри XVIII паҳн шудааст» [46, с. 281].

Гузароиҳои сеюми тоникӣ ва чоруми доминантӣ аз гузароиҳои қаблӣ ҷиҳати регистрӣ, тоналӣ ва бо шумораи овозҳо фарқкунандаанд. Ҳар ду дар хати басӣ, бо ду ва се муқобилбаён, контрапунктӣ мегузаранд.

Гузароии охирин (панҷум)-и сароҳанг дар экспозитсия панҷовоза дар тоналности асосӣ омадааст. Барои сабти панҷовозагии он композитор хати сеюмро ба ҳомил илова карда, рӯйи хати поёнӣ сароҳангро гузоштааст:




*Мисоли 89. Гузароии кулминатсионӣ дар фугаи Es-dur.*

Ин гузароӣ ҳамроҳи интермедияи охирин кулминатсияи экспозитсияро ба вуҷуд меоварад. Бо он барои дертар пайдо шудани кулминатсияи умумии фуга композитор заминаи хуберо офаридааст. Ба ҳайси чунин кулминатсия

композитор гузароии стреттоии маэстралиро бо канони панҷкадамаи кӯтоҳи шиддатбахшанда дар қисми озоди фуга (гузароии сеюм) овардааст:




*Мисоли 90. Стреттои маэстралӣ дар фугаи Es-dur.*

Баъди чунин кулминатсияи тавоно дар гузароиҳои чоруму панҷуми қисми озод сароҳанг қисм-қисм ҳамчун маводи рушддиҳанда, вале дар тоналности асосӣ амалӣ мешавад.

Ҳамин тавр, композитор Баҳор фугаи классикиро бо прелюдияи авангардӣ як ҷо карда, ҳамҷоягии техникаҳои гуногунро ба роҳ монда, масъалаҳои композитсионӣ-драматургии силсилаи хурдро ба таври табиӣ ҳал кардааст. Чунин маҳорату малака аз тафаккури баланди эҷодии ӯ дарак медиҳад.

## 2.7. Силсилаҳои хурди портретӣ

Дар бузургсилсила ҳамагӣ дуто (№12, 24) аз ин навъи фуга ҷо дорад. Онҳо бо ду услуб эҷод шудаанд: бо ёрии туғро/монограмма ва бидуни он.

### 2.7.1. Силсилаи хурд бо дороии фугаи сароҳанг-туғро

Дар таърихи мусиқии профессионалии аврупоиасос туғронависӣ[1] хеле вусъат ёфта, то имрӯз ба яке аз техникаҳои эҷодӣ табдил ёфтааст[2]. Истифодаи

[1] Истилоҳи «туғро» ҳамчун тарҷумаи шартии калимаи «монограмма» истифода мешавад [165.II, с. 250].

[2] Дар таърихи мусиқии ҷаҳонӣ тартиб додани аввалин сароҳанг-туғро – монограммаи мусиқиро бо асри XVI (композитор Жоскен де Пре, намояндаи мактаби франко-фламандӣ) мепайванданд. *Монограммаи мусиқӣ* (*анаграммаи мусиқӣ*, *литерафония* (истилоҳи Ю.Н. Холопов) [151] – пайиҳамии нотаҳои мусиқавист, ки барои ифодаи ахбори махфӣ ба воситаи мувофиқат намудани нотаҳои мусиқӣ бо ҳарфҳои номунасабӣ ба вуҷуд меоянд. Дар мусиқии академии ҷаҳонӣ аз истифодаи монограммаи мусиқӣ падидаи оҳангии soggetto cavato (истилоҳи Ҷ. Сарлино, соли 1558) ба маънои «оҳанги аз ҳарфҳои садонок сохта» пайдо

монограмма/туғро ҳам дар фугаи классикӣ ва ҳам дар фугаҳои авангардӣ корбарӣ шудааст.

Албатта, тафаккури полифонии композитори тоҷик Фирӯз Баҳор ба ин раванди хосса беаҳаммият буда наметавонист.

Дар бузургсилсилаи «Нақши паранд» Баҳор техникаи композиторйи туғронависиро дар силсилаҳои хурде, ки ба симоҳои барҷастаи полифония И.С. Бах ва Д.Д. Шостакович бахшидааст, истифода мебарад. Оҳанг-туғроҳое, ки композитори тоҷик истифода кардааст, ба дараҷаи муайян анъанавианд, зеро ки пайдоиши онҳо ба худи муаллифон тааллуқ дорад[1]:

---

шудааст. Дар ҷараёни асари мусиқӣ чунин оҳанг мавқеи хеле фаъолро пайдо мекунад (масалан, дар мессаи Жоскен де Пре soggeto cavato 200 бор бо дигаргунии зарбӣ вомехӯрад).

[1] Соли 1733 Бах рамзеро иборат аз ҳарфҳои насаби хонаводагии худ – B-A-C-H истифода бурд. Ин пешниҳоди И.С. Бах шакли салибро дошта, аз канорҳо калидҳои скрипка ва бас бо нотаҳои «си-бемол, ля, до, си-бекар» меоянд [175]:




Он ҳамчун монограммаи мусиқӣ аввалин бор аз асари нотамоми И.С. Бах – силсилаи «Санъати фуга» (Contrapunctus) маълум гардид. Онро баъди муаллиф композиторони ҷаҳон фаровон истифода бурдаанд. Дар тадқиқи ба пешвози 300-солагии И.С.Бах муайян карда шуд, ки ин sароҳанг-туғро дар 409 асари 330 муаллиф истифода бурда шудааст, аз ҷумла, Р. Шуман. Шаш фуга ба номи Bach барои арғунун ор. 60 (1845), Ф. Лист. Фантазия ва фуга дар асоси BACH (соли 1855 – барои арғунун, соли 1871 – барои ф-но), Н. Римский-Корсаков. Вариатсияҳои BACH барои фортепиано (1878), М. Регер. Фантазия ва фуга BACH барои арғунун (1900), Ф. Бузони. Fantasia contrappuntistica барои фортепиано (1910), А. Шёнберг. Вариатсияҳо барои оркестр ор. 31 (1926), Ф. Пуленк. Валс-импровизатсия бо номи Bach барои фортепиано (1932), А. Веберн бо серияи BACH – Квартети торӣ (1937), Л. Даллапикола. Дафтари нотавии Анналибера, Вариатсияҳо ва «Сурудҳои озодӣ» (1952), А. Пярт. Коллаж бар BACH (1964), А. Шнитке. Quasi Una Sonata, Прелюдия ва фуга бар сароҳанги BACH барои арғунун (1968) [170].




*Мисоли 91. B-A-C-H.*




*Мисоли 92. D-Es-C-H*[1]

Оҳанг-туғрои Дмитрий Шостакович дар шакли D-Es-C-H дар ҳудуди квартаи коста бо дараҷоти чаҳордараҷаӣ пешниҳод шудааст.

Онро Баҳор дар «Прелюдия ва фугаи gis-moll (№12)» [3, с. 89-94], ки ба композитори бузурги советӣ Д. Шостакович бахшида шудааст, истифода мебарад.

Прелюдияи gis-moll дар шакли сеқисмаи одӣ бо оҳанги ғановатманде бо қайди хоссаи Ballabile («рақсомезона», «барои рақс») диққатҷалбкунанда аст. Характери муътадилу набзи пурпечутоби он аз ин нишона аст. Сароҳанг дар овози болоӣ дар вазни махлут (панҷзарбаӣ, ҳафтзарбаӣ, нӯҳзарбаӣ) аз тоника оғоз шуда, дар доминанта анҷом меёбад:




*Мисоли 93. Сароҳанги прелюдияи gis-moll.*

---

[1] Мусиқишиносон М. Сабинина, А. Климовитский, М. Арановский ва В. Бобровский дар бораи ҷо доштани мотиве, ки аз сарҳарфҳои ному насаби композитор бармеояд, ҳанӯз дар давраи ҳаёти Д. Шостакович, менавиштанд. Шостакович ба падидаи туғро муносибати хосса дошт. Ӯ ин туғроро ҳам ба тартиби аввалӣ ва ҳам дар вариантҳои зиёд дар асарҳояш фаровон истифода мебарад [17]. Оҳанг-туғрои D-Es-C-H-ро аввалин бор Д. Шостакович дар Скертсои симфонияи №10 таҳти унвони «DESCH» истифода бурдааст.

Дар рафти асар истифодаи пайиҳами вазнҳои панҷ-, шаш-, ҳафт-, ҳашт-, нуҳ-, даҳ- ва сездаҳзарбаӣ ба иҷрои вазифаи композитсионӣ-драматургӣ мутобиқ гардидаанд. Ин вазнҳои мураккаб баҳри нигаҳдошти суръати муътадили жанрӣ, ба ҳаштякӣ, баъзан шонздаҳякӣ, тақсим карда шудаанд. Гуногунрангии вазниро композитор барои ифодаи равшантари табиати «албонҷзанӣ»-и рақсӣ истифода бурдааст.

Қисми дуюм ва сеюми прелюдия периодҳои сохтори такрории рушди ягона мебошанд. Дар такрорҳои ин қисмҳо дараҷаи динамикӣ илова мешавад.

Кулминатсияи прелюдия ба қисми сеюм омадааст:



*Мисоли 94. Кулминатсияи прелюдия.*

Фугаи gis-moll – фугаи дукаратаи мураккаб аст. Экспозитсияи якум дорои як сароҳанг, экспозитсияи дуюм дорои ду сароҳанг мебошад.

Дар фугаи gis-moll туғрои мазкур нақши сароҳанги дуюми экспозитсияи дуюмро иҷро кардааст. Бояд онро махсус қайд кард, ки дар таърихи мусиқӣ Фирӯз Баҳор аввалин композиторе мебошад, ки навъи туғрои «DEsCH»-ро дар полифония истифода мебарад. Композитор Баҳор дар ин фуга техникаи мураккаби полифонии контрапункти ракоходиро дар шакли ракоходи зарбӣ ва ракоходи интонатсионӣ моҳирона истифода бурдааст.

Фугаи чоровоза (Andante) аз ду экспозитсия, ду қисми озод ва хотима иборат аст. Он ба қоидаҳои фугаҳои мураккаби классикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар эспозитсияи якуми фуга чор гузароии сароҳанг яковоза (а), дуовоза (б), сеовоза (в), чоровоза (г) ба амал меояд:




*Мисоли 95. Зиёдшавии шумораи овозҳо дар баёни сароҳанг (экспозитсияи якум).*

Сароҳанги экспозитсияи якум дар дараҷоти даҳдараҷаӣ бо қадамҳои оҳангии дараҷавӣ ва ҷаҳишӣ, бо хати оҳангии ҳалқамонанд дар суръати суст пешниҳод мегардад. Ин сароҳанг характери хаёлӣ-абстрактӣ дорад:




*Мисоли 96. Сароҳанги экспозитсияи якуми фугаи gis-moll.*

Интермедияро композитор бо вазифаи қисми хотимавӣ маҳдуд кардааст:

*Ҷадвали 26. Сохтори композитсионии экспозитсияи якуми фуга.*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **С**$_{(D)}$ | **С**$_{(T)}$ | М<br>сеовоза | И |
| **С**$_{(T)}$ | М<br>яковоза | М<br>дуовоза | **С**$_{(D)}$ | |

Гузароиҳои дуюми доминантӣ ва сеюмии тоникӣ сароҳанги экспозитсияи якум бо муқобилбаёнҳои муҳаррик, гузароии чаҳорум кулминатсионӣ (хотимавӣ) бо муқобилбаёни муҳаррик ва боздоштӣ омадаанд.

Гузароии кулминатсионии сароҳангро композитор аз ҷиҳати тембрӣ (октаваи калон), ҷойгиршавӣ (регистри басӣ), чаҳоровозанӣ ва композитсионӣ-

драматургӣ (нуқтаи бурриши тиллоӣ) таъкид намудааст. Дар фуга он навъи кулминатсияи маҳаллӣ маҳсуб меёбад:




*Мисоли 97. Кулминатсияи экспозитсияи якуми фуга.*

Интермедияи кӯтоҳ вазифаи пайвасти экспозитсияи якуми фугаро бо қисми озод иҷро мекунад:




*Мисоли 98. Интермедияи экспозитсияи якуми фуга.*

Қисми озоди фугаи якум, бидуни интермедия, чор гузароии пайиҳами сароҳангро дар ҳаракати беист ба тартиби D – S – D – t дар бар гирифтааст. Гузароиҳои сароҳанг дар қисми озод на танҳо бо тоналност, балки бо асоси интонатсионӣ фарққунандаанд. Ин ҷо ба он тобишҳои ҷаҳишии оҳангӣ ворид гардидаанд:




*Мисоли 99.* Тағйирҳои интонатсионӣ дар сароҳанг.

Ҳар чор гузароии қисми озод навъҳои гуногуни ракоходи оҳангӣ-интонатсионӣ (*Intonation Krebs*) мебошанд[1].

Экспозитсияи фугаи дуюм аз чор гузароии сароҳанг ва як интермедия иборат аст:

*Ҷадвали 27. Сохтори композитсионии экспозитсияи дуюми фуга.*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| $С_{(Т)}$ – ракоходи зарбӣ | $С_{(Т)}$ - туғро | $С_{(Т)}$ - туғро | $С_{(Т)}$ - туғро | И |
| М | $С_{(Т)}$ – ракоходи зарбӣ | М | М | |
| М | М | | $С_{(Т)}$ – ракоходи зарбӣ | |
| М | | $С_{(Т)}$ – ракоходи зарбӣ | | |

Экспозитсияи дуюми фуга дорои ду сароҳанг аст, ки онҳо бо тарзи хоссаи оҳангбандӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Сароҳанги якуми фугаи дуюм шакли ракоходи зарбии сароҳанги фугаи якум мебошад:

а) сароҳанги фугаи якум:




б) сароҳанги якуми фугаи дуюм:



*Мисоли 100. Сароҳанг (а) ва ракоходи зарбӣ (б).*

Сароҳанги дуюми фугаи дуюм, навъи сароҳанг-туғро аст:




*Мисоли 101. Сароҳанг-туғро дар экспозитсияи дуюми фуга.*

Сароҳанг-туғро дар экспозитсияи дуюми фуга ва қисми озоди он нақши муҳимро бозидааст. Он ҳамеша дар тоналности асосӣ ва овози болоӣ қарор мегирад. Ин дороии экспозитсияи дуюм ба он хусусияти вариатсия *soprano*

[1] Истифодаи техникаи ракоходиро композитор дар поварақ бо чунин тарз қайд кардааст: T – Thema (сароҳанг), I – Intonation Krebs (ракоходи интонатсионӣ-оҳангӣ), R – Rhytmischer Krebs (ракоходи зарбӣ), C – Krebs (ракоход).

*ostinato*-ро медиҳад. Чунин усул яке аз принсипҳои эҷодии Д. Шостаковичро ба хотир меоварад[1].

Дар ибтидои экспозитсияи дуюм сароҳанги якуми он дар овози болоӣ, регистри баландтарин, садои баландарин (*ff*) омада, кулминатсияи экспозитсияи дуюми фугаро ташкил медиҳад. Дар фазои кулминатсионӣ дар гузароии дуюми он нахустин бор сароҳанг-туғрои DEsCH дар овози болоӣ бо дерандҳои ним хеле мутантан садо медиҳад. Ин гузароии стреттоии сароҳанги фугаҳои якуму дуюм – дар як регистру садоии баландтарин (*ff*) бо фактураи чоровоза амалӣ шуда, дар фуга сеюмин кулминатсияи маҳаллиро ба вуҷуд меоварад:




*Мисоли 102. Кулминатсияи экспозитсияи дуюми фуга.*

Интермедияи дуюми экспозитсияи дуюм такрори айнани интермедияи экспозитсияи якум аст. Қисми озоди фугаи дуюм аз панҷ гузароии сароҳанг, ки дар тоналности асосӣ омадаанд, иборат мебошад:

*Ҷадвали 28. Сохтори композитсионии қисми озоди фугаи дуюм.*

<table>
<tr><td rowspan="2">С(Т) – ракоходи зарбӣ</td><td>М</td><td>М</td><td rowspan="3">М</td><td rowspan="3">М</td><td rowspan="4">И</td></tr>
<tr><td rowspan="2">С(Т) – ракоходи зарбӣ</td><td>М</td></tr>
<tr><td>М</td><td rowspan="2">С(Т) – ракоходи интонатсионӣ</td></tr>
<tr><td>М</td><td>М</td><td>С(Т)</td><td>С(Т)</td></tr>
</table>

Дар ин қисм низ усули ракоходи зарбӣ ва интонатсионӣ ҷо дорад.

---

[1] Аз ҷумла, дар Симфонияи №7, Симфонияи 8 (вариатсия basso ostinato дар қисми IV), Трио (қисми III), Консерт барои скрипка (қисми III), интерлюдия дар пардаи дуюми операи «Леди Макбет Мценского уезда» ва дигар [17].

Хотимаи фугаи дукарата аз ду гузароии сароҳанг ва интермедияи хотимавӣ, ки дар сароҳанги фугаи якум асос меёбад, иборат аст. Нуқтаи баландтарини авҷи фугаи дукарата ба хотимаи фуга рост омадааст.

Композитор гузароии охирини сароҳанг (экспозитсияи фугаи якум)-ро дар шакли зарбии афзуда, суръати Largo, дар *fff* , баёни октаваӣ-аккордӣ оварда, бо чунин ҳалли композитсионӣ ин силсиларо дорои кулминатсияи умумии тавоно мегардонад. Онро ба навъи «*кулминатсия-тулӯъ*» [107, с. 95] тааллуқ донистан раво аст.

Хулоса, прелюдия ва фугаи gis-moll (№12) аз силсилаи «24 прелюдия ва фуга»-и Фирӯз Баҳор намунаи барҷастаи полифонияи муосир буда, ба хотири бузургдошти Д.Д. Шостакович офарида шудааст. Асар бо услуби мураккаби композитсионӣ-драматургӣ эҷод шуда, гуногунрангии зарбӣ, сароҳанг-туғро, усулҳои рангоранги ракохордии сароҳангро дар бар гирифтааст. Он бо забони шевову шаффофи мусиқӣ, мавзунии баланди композитсионӣ-драматургӣ, хусусияти полифонии классикиро дар шакли муосир инъикос менамояд.

«Прелюдия ва фугаи d-moll (№24)» [3, с. 157-162], бахшида ба И.С. Бахро, композитор огаҳона дар хотимаи бузургсилсила ҷо мекунад. Бо ин иқдом ӯ бори дигар дар таърихи мусиқӣ И.С. Бахро васф мекунад.

Дар прелюдияи шакли периоди такрории мураббаъ, асоси хати оҳангиро панҷ ибораоҳанги бо фермата ҷудошуда ташкил додаанд. Сароҳанги прелюдия яке аз онҳост:




*Мисоли 103. Сароҳанги прелюдия d-moll.*

Сароҳанг худ намунаи оҳанги полифонист, зеро дар он унсурҳои имитатсионӣ мушоҳида мешаванд:




*Мисоли 104. Унсурҳои имитатсионӣ дар рушди сароҳанги Прелюдия.*

Рушди оҳанг дар прелюдия тибқи анъанаи фуганависӣ қарор гирифтааст. Табиати он на гомофонӣ-гармонӣ, балки оҳангӣ-имитатсионӣ пешниҳод шудааст. Ишораи лаҳнӣ дар прелюдия шартӣ аст. Зуҳуроти такяи тоналиро композитор дар мотиве гузоштааст, ки дар ҷараёни прелюдия ҳудудҳои воҳидҳои сохториро муайян кардааст. Суръати хеле сусти прелюдия (Andante sostenutto) тавассути ишораҳои иловагии sostenutto боз ҳам сусттар гардидааст. Ба он аломати фермата низ хеле мусоидат намудааст. Бояд қайд кард, ки ин аломат ҳамаи воҳидҳои композитсионӣ-драматургии прелюдияро таъкид намудааст: бо фермата ду ҷумла ва се мотив-такягоҳии прелюдия анҷом ёфтааст.

Оғозу хотимаи прелюдия бо мотиве дар функсияҳои гуногун қайд гардидааст: муқаддимавӣ, муаррифи ибтидоӣ ва хотимавӣ:




*Мисоли 105. Навъҳои мотив дар прелюдия.*

Ҳамин тавр, прелюдияи дар назари аввал содаву хурд, мантиқан хеле дақиқу амиқ пешниҳод шудааст.

Тавре дар боло гуфта шуд, фуга мантиқи сароҳанги прелюдияро дар бар мегирад ва рушд медиҳад. Дар бузургсилсилаи Баҳор он дар ҳаҷми калонтарин,

шакли мураккабтарин ва бо моҳияти амиқи мафҳумӣ дар фугаи панҷовозаи секарата пешниҳод шудааст.

Ба сохтори секаратаи фуга на ҳар композитор ҷуръати рӯ оварданро дорад. Аммо Фирӯз Баҳор – устози услуби полифонӣ, аз ӯҳдаи он хеле хуб баромадааст. Омили якуми ин муваффақият – истеъдоди табиии Фирӯз Баҳор, дуюмӣ – аз босаводии ӯст.

Маълум аст, ки фугаи секарата се навъ мешавад:

1. фугаи секарата бо экспозитсияҳои ҳамҷоя;
2. фугаи секарата бо экспозитсияҳои алоҳида;
3. фугаи секарата бо экспозитсияҳои нопурраи алоҳида.

Баҳор фугаи секаратаро бо экспозитсияҳои алоҳида навиштааст:

*Ҷадвали 29. Сохтори умумии фугаи секаратаи d-moll (№24).*

| ФУГАИ СЕКАРАТА | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ЭКСПОЗИТСИЯИ ЯКУМИ ФУГА | | | | | | | | ЭКСПОЗИТСИЯИ ДУЮМИ ФУГА | | | | | | | | ЭКСПОЗИТСИЯИ СЕЮМИ ФУГА | | | | | ҚИСМИ ОЗОДИ ФУГА | | | | | | | | | | |
| | C$_{(D)}$ | ИНТЕРМЕДИЯ | C$_{(T)}$ | ИНТЕРМЕДИЯ | M дуовоза | C$_{(D)}$ | ИНТЕРМЕДИЯ | C$_{(T)}$ | M яковоза | ИНТЕРМЕДИЯ | C$_{(D)}$ | ИНТЕРМЕДИЯ | M яковоза | C$_{(D)}$ | ИНТЕРМЕДИЯ | | C$_{(D)}$ | ИНТЕРМЕДИЯ | M яковоза | M яковоза | СЭ$_3$ (b-moll) | СЭ$_1$ (D) | ИНТЕРМЕДИЯ | СЭ$_1$ (Des-dur) | M яковоза | ИНТЕРМЕДИЯ | СЭ$_1$ (T) | M аккордӣ | ИНТЕРМЕДИЯ | M аккордӣ | ИНТЕРМЕДИЯ |
| | | | | | | C$_{(D)}$ | | | | | M яковоза | | | C$_{(D)}$ | | C$_{(T)}$ | | | M яковоза | C$_{(D)}$ | СЭ$_2$ (b-moll) | СЭ$_3$ (D) | | СЭ$_3$ (Des-dur) | | | СЭ$_2$ (T) | | | | |
| C$_{(T)}$ | M яковоза | | M дуовоза | | C$_{(T)}$ | M яковоза | | | C$_{(D)}$ | | M яковоза | | C$_{(T)}$ | C$_{(D)}$ | | | M яковоза | | C$_{(T)}$ | M яковоза | СЭ$_1$ (b-moll) | M яковоза | | СЭ$_2$ (Des-dur) | СЭ$_3$ (T) | | СЭ$_3$ (T) | СЭ$_3$ (T) | | СЭ$_3$ (T) | |

**С** – сароҳанг;
**М** – муқобилбаён;
**И** – интермедия;
**СЭ$_1$** – сароҳанги экспозитсияи якум;
**СЭ$_2$** – сароҳанги экспозитсияи дуюм;
**СЭ$_3$** – сароҳанги экспозитсияи сеюм.

Қисми озоди фуга пас аз се экспозитсия пайдо мешавад. Сароҳангҳои фуга ҳар кадом тасвири хосса дорад: тасвири сароҳанг-зангула (экспозитсияи якум), сароҳанг-андӯҳ (экспозитсияи дуюм), сароҳанг-туғро (экспозитсияи сеюм). Ин гуногунӣ серрангиро ба вуҷуд оварда, фугаро хеле ҷолиб менамояд. Бо миқдори гузароиҳои сароҳанг ин фуга дар бузургсилсила ҷойи аввалро мегирад: 21 гузароии сароҳанг – 5 дар экспозитсияи якум, 5 дар экспозитсияи дуюм, 4 дар экспозитсияи сеюм ва 7 дар қисми озоди фуга.

Илова бар ин, бинобар талаботи фугаи секарата, се экспозитсияи ин фуга на танҳо дорои сароҳанги худ, балки дорои муқобилбаён ва интермедияҳои хусусианд. Бинобар ин, сароҳангҳои экспозитсияи ин фуга дорои тасвири худ гашта, ин се тасвир ифодаи мантиқии ягона доранд:

- экспозитсияи якуми фуга – тасвири зангулаҳо;
- экспозитсияи дуюми фуга – тасвири андӯҳ;
- экспозитсияи сеюми фуга – тасвири И.С. Бах ба василаи сароҳанг-туғро пешниҳод мешавад.

Ин гуногунӣ, дар навбати худ, миёни экспозитсияҳо серрангиро ба вуҷуд оварда, фугаро хеле ҷолиб кардааст.

Фуга дорои ёздаҳ интермедияи пайвасткунанда ва сездаҳ муқобилбаён мебошад. Оҳанги муқобилбаёнҳо аз мотиви хотимавии сароҳанги якуму дуюм гирифта шудааст. Аз ҷиҳати тоналӣ се экспозитсияи фуга регламентӣ буда, қисми озод ғайрирегламентист. Бинобар гуфтаҳои боло, ин фугаи секарата ба қоидаҳои фуганависии секаратаи классикӣ ҷавобгӯ буда, яке аз намунаҳои олии ин жанр ба шумор меравад.

Экспозитсияи фугаи якум намунаи олии устувории тоналӣ аст, гузароиҳои сароҳанг бо таносубияти автентӣ зоҳир шудаанд:

*Ҷадвали 30. Сохтори экспозитсияи якум.*

<table>
<tr><td colspan="8">ЭКСПОЗИТСИЯИ ЯКУМИ ФУГА</td></tr>
<tr><td></td><td>$C_{(D)}$</td><td rowspan="3">И(1)</td><td>$C_{(T)}$</td><td rowspan="3">И(2)</td><td>M дуовоза</td><td>$C_{(D)}$</td><td rowspan="3">И(3)</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td><td>$C_{(D)}$</td></tr>
<tr><td>$C_{(T)}$</td><td>M яковоза</td><td>M дуовоза</td><td>$C_{(T)}$</td><td>M яковоза</td></tr>
</table>

Сароҳанг-зангулаи экспозитсияи якуми фуга тақлид ба зарбаҳои зангулаҳои калисоӣ аст. «Композитор И.С. Бах як умр дар калисо хизмат кардааст» [122, с. 3]. Ва ин монандиест ба тарзи ҳаёту фаъолияти ӯ. Истифодаи фосилаҳои васеъ бо зарбаҳои таъкидӣ дар инъикоси зангулазанӣ хеле равшану таъсирбахш баромадаанд:




*Мисоли 106. Сароҳанг-зангулаи экспозитсияи якуми фуга.*

Табиати зангулавии сароҳанг ҳатто интермедияҳоро фаро гирифтааст:



*Мисоли 107. Интермедияи якуми экспозитсияи якум.*

Гузароии чорум ракоходӣ (аксуламал)-и гузароии сеюм аст. Гузароиҳои панҷум ва шашум – гузароиҳои стреттоӣ дар қадами кӯтоҳ пешниҳод гардидаанд:




*Мисоли 108. Стретта (гузароии чаҳорум) дар охири экспозитсияи якум.*

Дар экспозитсияи дуюми фуга гузароиҳои сароҳанг дар пайиҳамии автентӣ қарор доранд:

*Ҷадвали 31. Сохтори экспозитсияи дуюми фуга.*

<table>
<tr><td colspan="8">ЭКСПОЗИТСИЯИ ДУЮМИ ФУГА</td></tr>
<tr><td>$C_{(T)}$</td><td>M<br>яковоза</td><td rowspan="3">$И_{(1)}$</td><td>$C_{(D)}$</td><td rowspan="3">$И_{(2)}$</td><td>M<br>яковоза</td><td>$C_{(D)}$</td><td rowspan="3">$И_{(3)}$</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td>M<br>яковоза</td><td></td><td>$C_{(D)}$</td></tr>
<tr><td></td><td>**$C_{(D)}$**</td><td>**M<br>яковоза**</td><td>**$C_{(T)}$**</td><td>**$C_{(D)}$**</td></tr>
</table>

Мунаққидон қайд мекунанд, ки «хусусияти мусиқии Бах дар драматизми ӯст... асарҳои ӯ бо ғаму андӯҳ сахт алоқамананд... ва ин саргузаштӣ аст...» [48, с.

51; 119, с. 19]. Композитори тоҷик Баҳор ҳам дар экспозитсияи дуюм образи И.С. Бахро ба василаи сароҳанг-андӯҳ таҷассум мекунад:



*Мисоли 109. Сароҳанг-андӯҳ экспозитсияи дуюми фуга.*

Сароҳанг, ҳарчанд ки моли композитор Баҳор аст, дар он пайравӣ ба забони мусиқавии И.С. Бах хеле равшан намудор мегардад.

Интермедияҳо ҳаҷман гуногун дуовозаву сеовоза пешниҳод гардидаанд:

1) 2) 3)



*Мисоли 110. Гунаҳои интермедия дар экспозитсияи дуюми фуга.*

Оҳанги муқобилбаёнҳои экспозитсияи дуюми фуга, ба сароҳанги он шабоҳат доранд:




*Мисоли 111. Сароҳанг бо муқобилбаёни ҳамранг.*

Экспозитсияи сеюми фуга назар ба ду экспозитсияи қаблӣ ҳаҷман хурдтар аст:

*Ҷадвали 32. Сохтори экспозитсияи сеюми фуга.*

| ЭКСПОЗИТСИЯИ СЕЮМИ ФУГА | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | $С_{(D)}$ | И | М яковоза | М яковоза |
| $С_{(T)}$ | | | М яковоза | $С_{(D)}$ |
| | М яковоза | | $С_{(T)}$ | М яковоза |

Сароҳанг-туғрои экспозитсияи сеюм нахустин бор дар бас хеле устуворона нишон дода мешавад:




*Мисоли 112. Сароҳанг-туғро дар экспозитсияи сеюми фуга.*

Сароҳанг-туғро дар ҷараёни экспозитсия боз ҳам тавонотар мегардад. Хусусан баёни октаваии басӣ дар ҳамаи гузароиҳо ба ташаккули образи композитор-файласуфи қавиирода мусоидат кардааст. Дар гузароии сеюми фугаи сеюм сароҳанг бо садои мардона дар регистри поёнӣ навишта шудааст. Муқобилбаёнҳо боздоштӣ ва муҳарриканд:




*Мисоли 113. Гузароии сеюми сароҳанг-туғро дар фугаи сеюм.*

Интермедияи баъдӣ аз оҳанги муқобилбаёни экспозитсияи якум гирифта шуда, табиати зангулавиро нигоҳ доштааст:




*Мисоли 114. Интермедияи экспозитсияи сеюми фугаи d-moll (№24).*

Қисми озоди фуга ғайрирегламентист. Он дорои се сароҳанг, се навъи муқобилбаён ва се гунаи интермедия мебошад. Дар он ҳамагӣ ҳафт гузароии сароҳанг ҷо дорад. Аз инҳо чаҳортоаш гузароии стреттоӣ ва сетоаш муқаррарӣ мебошад:

*Ҷадвали 33. Сохтори қисми озоди фуга.*

| ҚИСМИ ОЗОДИ ФУГА | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| СЭ$_3$ (b-moll) | СЭ$_1$ (D) | ИНТЕРМЕДИЯ | СЭ$_1$ (Des-dur) | М яковоза | ИНТЕРМЕДИЯ | СЭ$_1$ (T) | М аккордӣ | ИНТЕРМЕДИЯ | М аккордӣ | ИНТЕРМЕДИЯ |
| СЭ$_2$ (b-moll) | СЭ$_3$ (D) | | СЭ$_3$ (Des-dur) | | | СЭ$_2$ (T) | | | | |
| СЭ$_1$ (b-moll) | М яковоза | | СЭ$_2$ (Des-dur) | СЭ$_3$ (T) | | СЭ$_3$ (T) | СЭ$_3$ (T) | | СЭ$_3$ (T) | |

Гузароии аввали қисми озоди фугаи секарата стреттоӣ, бо иштироки се сароҳанг омадааст:




*Мисоли 115. Гузароии якуми стреттоӣ дар қисми озоди фуга.*

Дар гузароии дуюм ҳаракати стреттоии сароҳанг-зангӯла ва сароҳанг-туғро бо муқобилбаён хуб контрапунктӣ кардаанд. Гузароиҳои минбаъда – стреттоии се сароҳанг (сеюм) ва сароҳанг-туғро бо як муқобилбаён (чаҳорум) мебошанд.

Тибқи талаботи фугаи классикӣ композитор се гузароиҳои минбаъдаро тоникӣ дар хотимаи фуга ҷо додааст. Гузароии панҷум – стреттоӣ-кулминатсионӣ аст. Гузароиҳои шашум ва ҳафтум бо муқобилбаёни аккордӣ – такрори ҳамдигаранд.

Аз се сароҳанги фуга, композитор Баҳор афзалиятро ба сароҳанги сеюмӣ сароҳанг-туғро додааст. Композитор онро ба ғайр аз ҳамҷоягӣ бо ду сароҳанги дигар, дар хотимаи фуга танҳо пешниҳод менамояд:




*Мисоли 116. Сароҳанг-туғро дар хотимаи фуга.*

Бо чунин гузароии тавоно – дар *fff*, баёни октаваии басӣ, услуби хоралӣ, композитори тоҷик бузургсилсиларо дар васфи Бах хотима додааст.

Интермедияҳо аккордӣ, дар баёни гомофонӣ-гармонӣ пешниҳод гардидаанд. Интермедияи аввалӣ – дуовоза, дуюмӣ – секвенсионӣ, хотимавӣ – дар унсури уфуқии дувоздаҳдараҷаӣ асос меёбад, ки дар охир дар пиано-пианиссимо ба амудӣ табдил ёфтааст. Силсила дар терсияи калони гармонӣ, ($d^4$ – $f^4$) таъкидӣ дар фермата ба анҷом мерасад:




*Мисоли 117. Охири фуга.*

Ҳамин тавр, ин фуга аз ҷиҳати сохтор, баёни оҳангӣ, лаҳнӣ-оҳангӣ, дар умум консептуалӣ комилтарин арзёбӣ гардидааст. Он ҳамчун фугаи кулминатсионии ин бузургсилсила қабул карда мешавад.

Ҳамчун хулоса доир ба истифодаи услуби сароҳанг-туғро, ки дар мисоли ду силсилаи хурд дида шуд, бояд бигуфт, ки

- дар силсилаҳои хурди мазкур композитор сароҳанг-туғроро, ҳарчанде ки дар фуга ҷо додааст, прелюдияро ҳамчун пешомади он талқин менамояд;
- ворид кардани сароҳанг-туғро аз тарафи муаллиф мақсаднок мебошад;
- вазифаи туғро/монограмма дар силсилаи хурд ҳамеша ба сароҳанги фуга супорида шудааст;
- сароҳанг-туғро ҳамчун унсури мустақилу мукаммал пешниҳод мегардад;

- сароҳанг-туғро дар шаклсозии асар вазифаи асосиро иҷро мекунад.

Бо чунин хусусиятҳои истифода аён мегардад, ки композитор Фирӯз Баҳор сароҳанг-туғроро дар ҳудуди анъанаҳои мусиқии академӣ талқин додааст. Ва чунин талқинот мантиқан бо он вобаста низ аст, ки ҳарду композитор намояндагони мусиқии академӣ мебошанд.

### 2.7.2. Силсилаҳои хурди портретӣ бо фугаҳои бидуни сароҳанг-туғро

Ин гуна силсилаҳо дар «Нақши паранд» сетоанд. Дар ин ҷо танҳо силсилаи №14 дида мешавад, зеро ду силсилаи дигар, бинобар хоссагии дигар алоҳида таҳлил мешаванд.

«Прелюдия ва фугаи es-moll (№14)» [3, с. 101-103] «ба Антон Веберн бахшида шудааст» [4]. Дар бораи равобити полифония ва додекафония Антон Веберн аз ибтидои пайдоиши ин услуб гуфта буд: «Мо дар асри услуби полифонӣ қарор дорем ва техникаи композитсионии мо умумияти зиёде дорад бо услуби нидерландиҳои асри XVI»[1] [62]. Шиносоии хуб бо эҷодиёти Антон Веберн ба композитор Баҳор имконият медиҳад, ки ин нуктаи консепсияи ӯро дар бузургсилсила истифода бибарад. Маълум аст, ки композитор Веберн ба шаклҳои полифонии канон бисёр аҳаммият медод. Ӯ ҳамеша робитаи худро бо услуби классикӣ қайд мекард: «.. мо маҳз дар шаклҳои классикӣ эҷод мекунем – онҳо нобуд нашудаанд» ё “мо аз классикон дур нарафтаем”» [62, с. 78].

Баҳор силсилаи хурди бахшида ба А. Вебернро ҳамчун ҳифзи диди композитори дӯстдоштааш бо фугаи классикии шашовозаи дуқисмаи одӣ бо истифодаи стретто, стреттои магистралӣ, имитатсия дар интермедия, гуногунрангии муқобилбаёнҳо эҷод кардааст.

Прелюдия ҳаҷман хурд, шакли периоди такрории ғайримураббаъро дорад.

---

[1] Ин ҷо сухан дар бораи Мактаби нидерландӣ (давраи Эҳёи аврупоӣ, асрҳои XV-XVI), равияи пешбари бадеӣ дар полифонияи вокалии аврупоӣ меравад. Он услуби мураккаби имитатсиониро дар сарояндагии а капелла зимни мусиқии калисоӣ (жанрҳои месса, мотет) ба дараҷаи баланди эҷод расонида аст. (Муаллиф – Б.У.).

Прелюдия атоналӣ, бо қайди шартии тоналности es-moll эҷод шудааст. Серияи прелюдия бо дараҷоти нимпардаии 12-дараҷаӣ пешниҳод гардидааст:




*Мисоли 118. Серияи сароҳанги фуга.*

Баҳор дар прелюдия аз услуби дӯстдоштаи пуантилистии А. Веберн истифода мебарад[1]. Аммо бо мақсади нигаҳдошти табиати жанрии прелюдия, ба он ибораоҳангро медарорад. Сароҳанги прелюдия дар умум оҳанги абстрактӣ аст. Он дар пайравии оҳангҳои хоси Веберн навишта шудааст. Ибораоҳанги илова дар аввали ҷумлаи якуми сароҳанг дар регистри поёнӣ ба таври саволӣ бо самти болораванда омадааст:




*Мисоли 119. Ибораоҳанги болораванда дар ибтидои ҷумлаи якум.*

Дар ҷумлаи дуюмӣ, дар регистри болоӣ ибораоҳанг бо самти поёнраванда дар характери интонатсионии ҷавобӣ ҷой дода шудааст:



*Мисоли 120. Ибораоҳанги поёнраванда дар аввали ҷумлаи дуюм.*

[1] Пуантилизм – дар мусиқии асри XX яке аз услуби композитсионие ба шумор меравад, ки истифодаи такроршавии садоҳои алоҳидаи бо сукут аз якдигар ҷудошударо дар асари мусиқӣ дар назар дорад. Офарандаи ин услуб – «мусиқии нуқтавӣ» – Антон Веберн маҳсуб меёбад. Солҳои 1950 то 1960 густариш ёфтааст.

Навъи пуантилистӣ баъди фарогирии ду ё се садо сукутро корбарӣ менамояд. Вале Баҳор ибораҳоро каме дарозтар карда, байни сукутҳо ибора-мотивҳои шаш-ҳафтсадоиро ҷойгир мекунад (ниг. ба мисолҳои боло).

Фугаи шашовозаи сохтори дуқисмаи одии ин силсила бо унсурҳои мураккаби полифонӣ, навишта шудааст. Дар умум фуга аз даҳ гузароии сароҳанг иборат аст: дар экспозитсия шаш маротиба – чор маротиба дар тоналности асосӣ, ду маротиба дар тоналности субдоминантӣ; дар қисми озод чор маротиба – ду маротиба дар тоналности субдоминантӣ, ду маротибаи дигар – дар тоналности асосӣ:

*Ҷадвали 34. Сохтори умумии фугаи es-moll.*




Сароҳанги серияии фуга[1] гексахордӣ аст. Дараҷаҳои канории он квинтаи холисро фаро гирифтаанд:




*Мисоли 121. Сароҳанги серияии фугаи es-moll.*

Дар интермедияҳо мотиве аз сароҳанг истифода бурда мешавад. Онҳо имитатсионианд:

[1] Техникаи серияӣ дар мусиқии асри XX – услуби композитсиониест, ки истифодаи «серия»-ро (қатори хоссаи садоҳо, зарбҳо, шиддатнокӣ ва унсурҳои дигар) пешбинӣ мекунад. Дар раванди асари мусиқӣ ин серия бо истифода аз неруи дохилии худ ба гунаи серранг табдил меёбад ва шаклсозии асарро бо ҳамин васила муҳайё мегардонад. Ин услуб шакли рушдёфтаи додекафонияи Шёнберг аст. Ба маънои васеъ серия (сериализм) – фарогири ҳамаи унсурҳои мусиқӣ мебошад, вале ба маънои мушаххас (додекафония) – танҳо ба садоҳои гаммаи хроматикӣ taаллуқ дорад.




*Мисоли 122. Интермедияи фугаи es-moll.*

Интермедияи баъдӣ низ монанди интермедияи якуми экспозитсия дар асоси сароҳанги прелюдия навишта шудааст. Ин интермедия нақши васлии қисмҳои фугаро иҷро карда, экспозитсияро бо қисми озод пайваст мекунад.

Дар экспозитсия гузароии дуюм – дуовоза, сеюм – сеовоза, чаҳорум – яковоза омадаанд:




*Мисоли 123. Чаҳорум гузароии сароҳанг дар фугаи es-moll.*

Гузароиҳои панҷум ва шашум дар аксуламали мутаносибии функсионалӣ (T – S ↔ S – T) қарор доранд.

Дар қисми озод гузароии аккордӣ (якум, чаҳорум), секундавӣ (дуюму шашум), фосилаҳои васеъ (сеюм, ҳафтум) омадаанд. Ин гузароиҳо навъи стреттоӣ доранд. Бо чунин шакл стретта аввал ҳамаи овозҳоро фаро гирифта, дар умум ба стреттаи маэстралӣ табдил меёбад:




*Мисоли 124. Гузароии якуми стреттоӣ дар қисми озоди фуга.*

Интермедияҳои қисми озод идомадиҳандаи доираи оҳангӣ-интонатсионии интермедияҳои экспозитсия мебошанд. Вале ин ҷо бо регистру баёни аккордӣ гуногунрангиро медароранд.

Инак, композитор Баҳор эҳтиром ба Вебернро бо чунин талқиноти силсилаи хурд таҷассум намудааст: якум – тавассути censaроҳанги серияӣ, дуюм – тавассути оҳанги абстрактӣ.

**Хулоса**, ҳамин тавр, композитор Баҳор тавонистааст, силсилаҳои хурди полифониро дар навъи академӣ бо серрангиву мавзунии композитсионӣ-драматургӣ ва дараҷаи баланди маҳорати касбӣ эҷод бикунад. Бо такя ба радабандии мусиқишиноси ӯзбек Ф.Ш. Мухторова, ки аз рӯи дараҷаи пайвасти қисмҳо ба амал оварда мешавад, дар умум дар бузургсилсилаи Баҳор чунин гунаҳои силсилаҳои хурдро ҷудо карда метавонем:

- силсилаҳои тазод (№1, №2, №4, №5, №7, №8, №9, №10, №12, №13, №17, №19, №22, №24);
- силсилаҳои ягона (№3, №6, №11, №14, №15, №16, №18, №20, №21, №23);
- силсилаҳои мавзуӣ (№6, №12, №14, №15, №18, №23, №24).

Дар силсилаҳои академии композитор бо ҳадафи идомаи анъанаи полифонии классикӣ иктифо накарда, дар заминаи онҳо равишҳои тозаро пешниҳод намудааст.

Силсилаҳои хурди навъи академии бузургсилсилаи «Нақши паранд» аз маҳорати баланди касбии композитор, ҷаҳонбинии фароху ақлонӣ, хушзавқии зеҳнӣ ва диди нозуки зебоипарастии композитор Баҳор далолат медиҳанд.

Бо дарки амиқи қоидаҳои полифонӣ ва риояи услуби академӣ, композитор Баҳор шаклҳои жанрии фугаро хеле васеъ пешниҳод мекунад: классикӣ, ғайриклассикӣ, декламатсионӣ, импровизатсионӣ, ҷазӣ, авангардӣ, портретӣ бо сароҳанг-туғро ва портретӣ бидуни сароҳанг-туғро.

Композитор Баҳор дар ҳар як жанр хоссагии забону василаҳои ифодаи замонҳову равияҳои бадеии гуногунро нишон медиҳад. Таваҷҷуҳи композитор ба имкониятҳои драматургӣ, хусусиятҳои жанрӣ (рондо, вариатсия ва диг.), василаҳои хоссаи ифода (масалан, лейтритм ва диг.) равона шудааст. Ҳамаи ин аз муносибати ҷиддӣ, дониши дақиқ ва нигоҳи пайваста ва ҷустуҷӯёнаи

композитор нисбат ба полифония дарак медиҳад. Дар эҷодиёти ҳар як композитор Баҳор хусусиятҳои услубии ӯро хеле дақиқ қайд кардааст. Ин диди ӯ хусусан, дар силсилаҳои портретӣ аён мегардад. Ӯ симои И.С. Бах дар силсилаи хотимавии d-moll (№24) бо системаи мажорӣ-минорӣ, сабки барокко, унсури жанрии полифонӣ (бо фарогирии баёни контрапунктӣ-имитатсионӣ), бо дороии фугаи секарата, унсури оҳангии гуногунманбаии марбут ба услуби эҷодии И.С. Бах – сароҳанг-зангула, сароҳанг-андӯҳ ва сароҳанг-туғро, бо асоси зарбии равон таҷассум менамояд. Шахсияти Д. Шостакович дар силсилаи gis-moll (№12) дар системаи мажорӣ-минорӣ, сабки классикӣ (реалистӣ), унсури жанрии фуга бо туғро, унсури оҳангии гуногунжанр (прелюдияи рақсӣ ва фугаи дукаратаи дорои се сароҳанг) ва унсури зарбии полиметрӣ, ки бо контрапункти мураккаби зарбӣ ифода ёфтааст, инъикос гардидааст. Образи А. Веберн дар силсилаи es-moll (№14) атоналӣ, сабки додекафонӣ-пуантилистӣ бо фугаи дорои сароҳанги серияӣ, асоси оҳангии серияӣ ва асоси зарбии хоссаи пуантилистӣ муаррифӣ мегардад. Шахсияти О. Мессианро Баҳор аз ду паҳлуи эҷодӣ – ҳамчун композитор-авангард ва композитор-орнитолог дар силсилаи F-dur (№23) кушодааст. Дар он василаҳои лаҳнии атоналӣ, техникаи модернии серияӣ бо прелюдияи импровизатсионӣ ва фугаи дорои сароҳанги серияӣ, асоси оҳангӣ бо тақлид ба сароиши паррандагон, асоси зарбии хеле озоди импровизатсионӣ, ҳамзамон фаровонии унсурҳои рушди полифонӣ – контрапункт, ракоход, стретто ва дигарро истифода намудааст.

Дар умум, силсилаҳои академӣ қариб кулли равияҳои волои мусиқавӣ-бадеии полифонияи ғарбиро фаро гирифтаанд. Дар талқини жанри полифонӣ Баҳор аз хусусиятҳои полифонияи замонҳои Ренессанс, барокко, класситсизм, романтизм, советӣ ва авангардӣ истифода бурда, гӯё роҳи рушди таърихи полифонияро таҷассум намудааст.

# БОБИ 3. ТАРКИБОТИ ЖАНРӢ ВА ҲАЛЛИ КОМПОЗИТСИОНӢ-ДРАМАТУРГӢ ДАР СИЛСИЛАҲОИ ХУРДИ НАВЪИ МИЛЛӢ

## 3.1. Силсилаҳои хурд бар асоси мусиқии суннатии тоҷик

Жанри бузургсилсилаи полифонӣ барои композитор Фирӯз Баҳор боз як имконияти ба жанри сирф полифонӣ даровардани хусусиятҳои мусиқии миллӣ, хусусан, модарии тоҷикии худ гардид. Бо вуҷуди табиати полифонии жанр, асари ӯ саршор аз вазну зарб, оҳангу интонатсияҳои мусиқии тоҷикӣ аст. Композитор кӯшидааст, аз як тараф, тафаккури муосиру серпаҳлуи худро дар мусиқии ин бузургасар ҳарчӣ саҳеҳтар пешниҳод намояд ва аз тарафи дигар, ин жанри мураккаби полифониро ҳамчун композитори тоҷик талқин бидиҳад.

Дар силсилаи «Нақши паранд» робитаи хеле зичи мусиқии суннатии тоҷик ҳамеша эҳсос мешавад. Симои оҳангҳои тоҷикӣ аз ибтидо то охири силсила дар силсилаҳои a-moll (№2), e-moll (№4), D-dur (№5), fis-moll (№8), E-dur (№9), cis-moll (№10), Des-dur (№15), B-dur (№21) ва g-moll (№22) намудор мегарданд. Вале дар бузургсилсила аз мусиқии тоҷик ҳамагӣ як иқтибос (cis-moll, №10) истифода бурда шудааст.

Композитор Баҳор иқрор мешавад, ки аз иқтибосҳои оҳанги халқӣ огаҳона дуртар меистад. Зеро ки, ба гуфтаи ӯ «... ҳар як композитор бояд андешаи шахсии худро дошта бошад... ва онҳоро бо оҳангҳои худ ифода намояд... Эҷоди оҳанг дар мусиқӣ яке аз лаёқати бузург аст» [6, с. 77]. Таваҷҷуҳи муаллиф ба мусиқии миллатҳои дигар низ, аз ҷумла, арманӣ (h-moll, №6) ва венгерӣ (f-moll, №18) дар бузургсилсила ҷой дорад.

Прелюдияи силсилаи fis-moll (№8) дар сохтори одии дуқисмаи такрорӣ бо рушди ягона навишта шудааст. Баёни прелюдия ҳамеша дуовоза аст. Дар хатҳои овозии прелюдия аз ибтидо ду тарзи гуногуни оҳангбанди ҷо дорад. Аз онҳо якеро статикӣ ва дуюмро – динамикӣ муайян кардан мумкин аст.

Дар қисми якуми прелюдия (периоди сохтори такрорӣ) оҳанги ҷумлаҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Ҷумлаи якум аз чор ибора – се ибораи аввали

болоравандаи гаммамонанд, ки феълан гаммаи табий, гармонй ва мелодии fis-moll ҳастанду зимни як набзи зарбй бо таъкиди терсия, кварта ва квинта дар тагнавозй нишон дода шудаанд.

1) табий:




2) гармонй:




3) мелодй:




*Мисоли 125. Се ҷумлаи аввали гаммамонанд дар прелюдия.*

Ибораи чорум ҳалқачаи секвенсиониро асос гирифта, дар ҳудуди пентахорди поёнии гаммаи гармонй бо фарогирии дараҷаи поёнии воридотй рушд ёфтааст:



*Мисоли 126. Ҷумлаи чоруми секвенсионй*

Қисми дуюми прелюдия низ сохтори периоди такрориро дорад. Феълан, он варианти қисми якум аст. Ҷумлаҳои он навъи гаммаи fis-moll-ро дар овози болоӣ бо тагнавозии серрангтари лаҳнӣ-оҳангӣ нишон додаанд:




*Мисоли 127. Се гунаи гаммаи минорӣ дар қисми дуюми прелюдия.*

Прелюдия бо кодаи хурдакак анҷом меёбад. Байни ду овози он мавзунии зарбӣ мушоҳида мешавад. Дар ҳарду овоз намунаҳои гуногуни тақсими сезарбаии вазни дувоздаҳзарбаӣ дида мешавад. Дар рафти прелюдия ин набзи зарбӣ танҳо дар се ҷой тағйир меёбад. Ҳар се мавориди рушди кулминатсионии оҳанг мебошад:




*Мисоли 128. Ибораҳои авҷӣ дар прелюдия.*

Фугаи чоровоза дар талаботи фугаи классикӣ навишта шудааст. Дар экспозитсия сароҳанг чор маротиба (тоналностҳои асосӣ ва доминантӣ), дар қисми озод се маротиба (e-moll – тоналности VII табиӣ ва асосӣ – fis-moll) ва дар хотима (тоналности асосӣ) меояд. Дар фуга ҳафт интермедия ҷо дорад:

*Ҷадвали 35. Сохтори композитсионии фуга.*

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | хотима | | | |
| | М яковоза | $И_1$ | C(D) | $И_2$ | М сеовоза | $И_3$ | C (e-moll) | C (e-moll) | $И_1$ | М яковоза | $И_2$ | М яковоза | $И_3$ | | $И_4$ |
| | | | | | | | М яковоза | М яковоза | | М дуовоза | | М дуовоза | | М дуовоза | |
| C(T) | C(D) | | М дуовоза | | C(T) | | C (e-moll) | C (e-moll) | | C (e-moll) | | C(T) | | C(T) | |
| Экспозитсия | | | | | | | Қисми озод | | | | | | | | |

Дар тули се гузароии аввал муқобилбаён тадриҷан аз яковоза ба сеовоза табдил меёбад. Ин ба гузароии чорум, ки дар экспозитсия кулминатсионӣ аст, меоварад.

Сароҳанги фуга дар диапазони пентахордӣ, ба воситаи трихордҳои болоиву поёнӣ тоникаи fis-moll-ро бо ду ибора сурудааст. Он дар асоси мусиқии суннатии тоҷикӣ қарор мегирад:




*Мисоли 129. Сароҳанги фугаи fis-moll.*

Муқобилбаёни риспостаи воқеӣ аз ибораи аввали сароҳанги фуга гирифта шудааст:




*Мисоли 130. Гузароии дуюми фуга.*

Гузароии сеюми доминантии сароҳанг бо муқобилбаёнҳои боздоштӣ ва муҳаррик омадааст:




*Мисоли 131. Гузароии сеюми фуга.*

Гузароии чаҳоруми тоникӣ ҳам дар хати поёнӣ зимни баёни чоровоза бо муқобилбаёнҳои боздоштиву муҳаррик контрапунктӣ омадааст:




*Мисоли 132. Гузароии чаҳоруми фуга.*

Ҳамин тариқ, дар чаҳор гузароии сароҳанг баёни фуга аз яковоза ба чаҳоровоза табдил меёбад. Интермедияҳои экспозитсия низ бо ҳамин равол рушд ёфтаанд.

Қисми озод аз панҷ гузароии сароҳанг ва чаҳор интермедия иборат аст. Пайиҳамии гузароиҳо аз ҷиҳати тоналӣ чунин аст: се бор дар тоналности e-moll, ду бор дар тоналности fis-moll. Гузароии якум ва дуюми қисми озод стреттоӣ аст:




*Мисоли 133. Гузароии аввали стреттоӣ дар қисми озоди фуга.*

Хотимаро гузароии октаваии басии сароҳанг хеле бошукӯҳ оғоз мекунад. Муқобилбаёнҳо ба ҳамин равол шукӯҳу шаҳомати сароҳангро фузунтар мегардонад:




*Мисоли 134. Гузароии сароҳанг дар аввали хотима.*

Гузароии охирини сароҳанг (панҷум) фарохтар буда, бо суръати аввала ва тоналности асосӣ фугаро мутантан анҷом медиҳад.

«Прелюдия ва фугаи fis-moll (№8)» [3, с. 57-63] намунаи равшани омезиши нозуки мусиқии суннатии тоҷик бо принсипҳои жанри академӣ мебошад. Композитор бо истифодаи унсурҳои лаҳнӣ, зарбӣ ва фазои миллӣ ифодаи драматургии жанриро муттаҳид карда, ба ин силсила симои тоҷикона бахшидааст.

Сохтори дуқисмаи прелюдия, истифодаи гунаҳои гаммаҳои минорӣ бо такя ба зарби анъанавӣ, инчунин рушди кулминатсионӣ, хусусиятҳои барҷастаи мусиқии суннатиро таҷассум мебахшанд. Дар фуга контрапункти классикӣ бо сароҳанг ва муқобилбаёнҳои таҳияшудаи миллӣ якҷо гардида, хеле хуб садо медиҳад. Ҳамин тавр дар асар композитор заминаи устувори анъанаи мусиқии тоҷикро нигоҳ дошта, онро дар қолаби жанрии ғарбӣ бо маҳорати баланди касбӣ таҷассум кардааст.

Дар силсилаи «Прелюдия ва фугаи cis-moll (№10)» [3, с. 69-81] тазодӣ дар табиати сароҳанг бо суръати шӯхи прелюдия ва муътадилу хирадмандонаи фуга дида мешавад.

Прелюдия дар сохтори дуқисмаи одӣ бо дороии муқаддима ва кода навишта шудааст. Сароҳанги прелюдия аз суруди халқии «Гулпарӣ» иқтибос аст. Зарби он тақсими дутоӣ ва сетоии синкопии вазни панҷзарбаиро нишон медиҳад. Мавзунии зарбӣ аз оҳанги халқии иқтибосӣ аст. Ин зарб дар мусиқии суннатии тоҷик бо номи равона маълум аст. Дар анъанаи фалаки кӯлобӣ дар

асоси он жанри Фалаки равона пайдо шудааст. Композитор зарби равонаро дар прелюдия нигоҳ доштааст. Асоси зарбии оҳанги иқтибосӣ ба набзи зарбии прелюдия табдил мегардад:




*Мисоли 135. Муқаддимаи иқтибосии сароҳанг дар прелюдия.*

Ҳарду қисми прелюдия (AB) дар шакли период бо сароҳангҳои иқтибосӣ меоянд:



*Мисоли 136. Сароҳанги иқтибосии прелюдия.*

Композитор оҳанги суруди халқиро бидуни ихтисор бар асоси оҳанги прелюдия гузоштааст. Охири ибораоҳангҳоро композитор ҳар дафъа бо тагнавозии триолӣ фаъол мегардонад:

а) *бори аввал:*



б) *бори дуюм:*



*Мисоли 137. Иловаи хотимавӣ ба хатҳои сароҳанг.*

Чунин фаъолшавӣ тақлид ба мусиқии халқӣ аст. Дар манбаи халқӣ онро дойра менавозад. Бо нигоҳдошти оҳанги суруди халқӣ, асоси лаҳни прелюдия хеле серранг баромадааст. Прелюдия дар лаҳни фригӣ қарор гирифта, дар ибораоҳанги дуюм тобиши лаҳни иониро низ дар бар мегирад:




*Мисоли 138. Ибораоҳанги дуюми сароҳанг.*

Қисми дуюми прелюдия репризаи ихтисорӣ аст. Композитор дар ибораи авҷии он аз маводи иқтибосӣ даст кашида, хотимаро бо иловаҳои триолии қаблӣ рушд медиҳад:




*Мисоли 139. Ибораи авҷии прелюдияи cis-moll.*

Кода бо оҳанги поёнраванда дар pianissimo хотима меёбад. Ва бо чунин фаровард шароити хуберо барои оғози фуга муҳайё мегардонад.

Фугаи дуқисмаи сеовоза ботамкину хирадмандона (Grave) оғоз мешавад. Сароҳанг дар фуга шаш маротиба – се бор дар экспозитсия (t – D) ва се бор дар қисми озод (dis-moll (дараҷаи II), ais-moll (дараҷаи VI) ва дар тоналности асосӣ – cis-moll) мегузарад:

*Ҷадвали 36. Сохтори композитсионии фуга.*

| ЭКСПОЗИТСИЯ | | | ҚИСМИ ОЗОД | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | |
| T | D | T | dis-moll | ais-moll | cis-moll | Интермедия |

Фугаи ин силсила ғайриклассикӣ аз он лиҳоз ба шумор меравад, ки дар қисми якум як ҷузъи асосии фуга – интермедия ҷо надорад.

Вароҳанги хеле бузурги фуга характери импровизатсиониро дорад. Он хеле озод, бо истифодаи вазнҳои гуногун, зарбҳои пунктирӣ, секстолӣ ва хроматизмҳои садоӣ (дар мобайн) бо фарогирии дараҷоти пурраи лаҳнӣ-тоналӣ муаррифӣ гардидааст. Композитор мавқеи тоналностро дар ибтидо ва интиҳои вароҳанг ҳифз намудааст:




*Мисоли 140. Сароҳанги фугаи cis-moll.*

Аз ҷиҳати семантикӣ қисми мобайнии сароҳанг рушддиҳанда аст. Оҳанги ин қисм то ба авҷ расида, тавассути ибораи рушддиҳандаи импровизатсионӣ ба тоника бармегардад. Иборасозӣ дар прелюдия ба тарзи импровизатсия қарор мегирад.

Гузароии дуюми доминантӣ бо муқобилбаёни яковоза, гузароии сеюми басӣ бо муқобилбаёни дуовоза контрапунктӣ кардааст.

Дар қисми озоди фуга се гузароии сароҳанг пайиҳам омадаанд. Сароҳанг аввал дар овози мобайнӣ бо баёни сеовоза оғоз гардида, дуовоза анҷом меёбад:




*Мисоли 141. Гузароии чоруми сароҳанг.*

Дар гузароии хотимавии октаваии сароҳанг шукӯҳу шаҳомати рушдро ба кулминатсияи умумии фуга табдил медиҳад:



*Мисоли 142. Гузароии хотимави (шашум)-и сароҳанги фуга. (Ибтидо).*

Интермедияи ягонаи фуга дар асоси тобишҳои оҳангии сароҳанг сохта шудааст:





*Мисоли 143. Интермедияи фуга.*

Он дар фуга нақши хотимадиҳандаро бозидааст.

Дар силсилаи офтобии «B-dur (№21)» [3, с. 139-145] прелюдия (Andantino) дар сохтори периоди ғайримураббаи такрорӣ, бо ҷумлаҳои аз якдигар регистрӣ ва ҳаҷман фарққунанда ва бо сукут ҷудошуда, омадааст.

Сароҳанги прелюдия тасвири шӯълаҳои ҷилвазанандаи офтоби субҳро дорад, бидуни шак ба кишвари азизи офтобӣ – Тоҷикистон монанд аст. Гумон аст, ки бо ин силсила композитор ватани азизаш – Тоҷикистонро васф мекунад. Ба ин шӯълаҳо тагнавозии прелюдия дар регистри болоӣ ва бо зарби равони шонздаҳзарбаии тагнавозӣ мутобиқ карда шудааст:




*Мисоли 144. Сароҳанги прелюдияи B-dur (№21).*

Такрори сароҳанг дар октаваи поёнтар қарор мегирад. Сароҳанг дар такрор як октава поён садо медиҳад. Он асарро бо васеъшавӣ ва сустшавии суръат, сониян, таваққуф кардан дар фермата ба охир мерасонад. Ва дар зарбаи заифи стаккато ногаҳон зуд прелюдияро хотима медиҳад:




*Мисоли 145. Хотимаи прелюдия дар хотима.*

Агар ҳаракати сароҳангро дар ду маврид дараҷа ба дараҷа дида бароем, аён мешавад, ки онҳо дар таносубияти аксуламалӣ (симметрӣ) қарор гирифтаанд. Композитор бо ин васила дар прелюдияи мухтасар, образи тулуъ ва ғуруби офтобро таҷассум карда, рушди ягонаро нигоҳ медорад.

Ба ҳаҷми хурд нигоҳ накарда, дар умум прелюдия ба кас хушбинона таъсир мекунад ва ба офаридани ҳолати хушнудиву хотирҷамъӣ аз ҳаёти орому сулҳи устувор меоварад.

Фугаи чоровоза (Allegretto) сохтори дуқисмаи одиро дорад. Он ҳашт гузароии сароҳанг, ҳафт муқобилбаён ва ҳафт интермедияро дар бар гирифтааст:

*Ҷадвали 37. Сохтори композитсионии фугаи B-dur.*

| Экспозитсия | | | | | | | | Қисми озод | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| С$_{(Т)}$ | Кодетта | М (яковоза) | $И_1$ | М (дуовоза) | $И_2$ | М (дуовоза) | $И_3$ | С$_{(S)}$ | $И_4$ | М (яковоза) | $И_5$ | М (яковоза) | $И_6$ | М (яковоза) | $И_7$ |
| | | С$_{(D)}$ | | С$_{(Т)}$ | | С$_{(D)}$ | | М (яковоза) | | С$_{(S)}$ | | С$_{(Т)}$ | | С$_{(Т)}$ | |

Аз ҷиҳати тоналӣ гузароиҳо дар тартиби муқаррарӣ омадаанд. Ин фуга пурра ба талаботи фугаи классикӣ ҷавобгӯ аст. Образи фуга идомадиҳандаи образи равшани прелюдия аст.

Сароҳанги фуга низ тасвири хуршедро дорад. Дурахши хеле устувори хуршед ба симои умумии силсила табдил мегардад. «Ба вуҷуд омадани ин

тасаввурот шояд аз он аст, ки композитор онро дар фазои мусиқии суннатии тоҷик бо тавсифи зиндадилӣ ва накумандии тоҷикона эҷод намудааст» [2]. Фуга хушбиниро афзуда, ба кас эътимод ва шодӣ мебахшад. Ба ин тоналности хуршедии асар – B-dur низ мусоидат менамояд:




*Мисоли 146. Сароҳанги фуга.*

Сароҳанг аз ҷаҳиши октаваӣ оғоз гардида, тавассути ибораи дуюми секвенсиямонанд ба ибораи сеюм мегузарад. Он рушди ҳардуи аввалро ба тоникаи болоӣ меоварад. Зиндадилии оҳанг аз ҳаракати равони болоравандаву устувори тоникии он аст.

Асоси оҳангӣ-интонатсионии муқобилбаён, интермедия ва кодетта аз сароҳанги фуга гирифта шудааст.

Кодеттаи болораванда дар тоналности F-dur гузароии якум ва дуюми фугаро мепайвандад:




*Мисоли 147. Кодетта байни гузароиҳои якум ва дуюм.*

Оҳанги интермедияи дуюмии экспозитсия аз кодетта гирифта шудааст, вале он дар тоналности асосӣ қарор мегирад ва дар бузургсилсила интермедия аввалин маротиба қайди тоналности асосиро кардааст. Барои композитор он мақсаднок аст, зеро ки ин васила гузароии охирини сароҳангро дар экспозитсия шиддатнок менамояд:



*Мисоли 148. Интермедияи дуюми фуга.*

Гузароии охирини сароҳангро композитор дар лаҳни равшани лидӣ пешниҳод кардааст. Ду муқобилбаён терсияи доминантиро, ки дараҷаҳои V ва VII тоналности асосианд, сурудаанд. Муқобилбаёнҳо бо сароҳанг хеле хуб контрапунктӣ мекунанд:




*Мисоли 149. Гузароии хотимавии сароҳанг дар фуга.*

Интермедияи хотимавӣ бо қайди дараҷаҳои тоналности асосӣ зоҳир гардида, фугаи мазкурро хотима медиҳад ва ҳукмфармоии тоналности асосиро таҳким мебахшад.

Силсилаи прелюдия ва фугаи B-dur (№21) – мисоли равшани омезиши лексикаи анъанаи академӣ бо семантикаи мусиқии суннатии тоҷик мебошад. Прелюдия бештар ба эҳсосоту тасвир консепсияи асосии силсиларо талқин додааст. Фуга бо қатъиёти услуби классикӣ ва баёни контрапунктии хатҳои оҳангӣ бештар асоси жанрии полифониро таҳким бахшида бошад ҳам, дар ҳарду қисми силсила ҳаракат ба сӯи равшанист. Ва ин равшаниро композитор дар симои Тоҷикистон – Ватани азиз талқин додааст.

### 3.2. Силсилаҳои хурд бо асоси мусиқии халқҳои дигар

Ин силсилаҳо ба композитори маъруфи арманӣ Комитас ва композитори машҳури венгерӣ (маҷорӣ) Барток бахшида шудаанд. Ин ду композитор бо фаъолияти ҷамъоварии мусиқии халқи худ низ маълуманд. «Силсилаи h-moll

(№6)» [3, с. 45-51] ба Комитас бахшида шудааст. Дар он прелюдия статикӣ ва фуга динамикӣ пешниҳод гардидаанд.

Прелюдия дорои сохтори дуқисмаи одӣ ва баёни гомофонӣ-гармонист. Хусусияти статикии прелюдия дар набзи синкопии он аст. Ин набзи «нигоҳи шахшуда ба як нуқта» мебошад.

Набзи прелюдияро аз аввал то охир ибораи дуаккорда дар вазни сезарбаӣ бо зарби синкопии ♩ 𝅗𝅥 ташкил мекунад. Чунин набз бо ҷойивазкунӣ – аввал дар бас, сониян, дар овозҳои болоӣ ва дар охир бори дигар дар бас нишон дода шудааст. Зимни он оҳанги яковоза мутобиқ ба зарби синкопии он баён мегардад:




*Мисоли 150. Ибтидои сароҳанги прелюдия.*

Фугаи ин силсила дар си-дорӣ қарор гирифтааст. Ба гуфтаи композитор сароҳанги ин фуга иқтибосе аст аз оҳангҳои халқии арманӣ: «Портрети мусиқии эҷодкардаи ман пешниҳоде буд, ки тавассути он ман шавқмандӣ ва мафтуншавии худро аз мусиқии композитор Комитас изҳор кардам» [6, с. 65].

Лекин композитор Баҳор ба иқтибоси арманӣ, образи нав додааст[1]. Ба гуфтаи Торджян ин «суруд унвони “Тсирани тсар” (“Дарахти зардолу”)-ро

[1] Дар мақолаи Торджян Х. се варианти оҳангии ин суруд оварда шудааст. Варианти аввали он халқист, ки онро Комитас ба нота гирифтааст:



Варианти дуюм пешниҳоди худи Комитас аст. Тафовути он аз сарчашмаи халқӣ дар зарби афзудаву суръати хеле суст мебошад:




Варианти сеюм такмили худи Х.Торджян мебошад [141, с. 44]:

дорад» [141, с. 44]. Оҳанги суруди лирикии халқиро Баҳор бо василаҳои тезонидани суръат, зарб ва иборабандии хоси жанрӣ ба оҳанги скертсоӣ табдил додааст:




*Мисоли 151. Сароҳанги фугаи h-moll* (№6).

Дар силсилаи h-moll (№6) композитор барои ворид кардани ин оҳанги халқӣ қаблан дар прелюдия тайёрӣ мебинад. Ӯ сароҳанги прелюдияро дар руҳи оҳанги суруди лирикии арманӣ эҷод намуда, мантиқи воридшавии сароҳанги фугаро дар жанри зудсуръати скертсоӣ пешбинӣ менамояд. Бо истифодаи зарбу василаҳои агогии дигар, композитор гӯё сароҳангро ҳаҷман хурд мекунад. Дар қиёс бо оҳанги халқӣ, ӯ сароҳангро дар як ибораи мусиқӣ, бо хоси жанри фуга пешниҳод карда, зуд ба коркарди полифонии он мегузарад.

Фугаи сеовоза сохтори дуқисма дорад ва ҳафт гузароии сароҳангро дар бар мегирад. Ин фугаи навъи классикӣ аст:



*Ҷадвали 38. Сохтори композитсионии фугаи h-moll.*

| Экспозитсия | | | | | Қисми озод | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| T | | | T | | | | S | T | | |
| C | M | И1 | C | И2 | M | И3 | C | C | M | И4 |
| M | C | | M | | C | | M | M | C | |
| | D | | | | S | | | | T | |
| | | | | | | | Хотиман фуга | | | |

Гузароиҳои сароҳанг бо якдигар бо чаҳор интермедия (дуто дар экспозитсия ва дуто дар қисми озод) пайваст мешавад. Қисми озоди фуга аз чаҳор гузароии сароҳанг ва ду интермедия иборат аст. Ҳарду гузароии хотимавӣ тоникианд. Силсилаи h-moll (№6) дар бузургсилсила яке аз намунаҳои хуби силсилаи хурд бо асоси мусиқии халқҳои дигар мебошад. Дар силсила прелюдия абстрактӣ буда, фуга бо ҳалли композитсионӣ-драматургии классикӣ образи композитори бузурги арманиро хуб инъикос намудааст.

Композитор Баҳор бо маҳорати баланд, аз иқтибоси халқӣ сароҳанги инфиродии худро офарида, силсиларо бо доираи образҳои ягона ҳамҷоя мекунад. Бо силсилаи худ Баҳор эҳтироми худро ба халқи дигар хеле равшан ифода кардааст.

Дар «Прелюдия ва фугаи f-moll (№18)» [3, с. 120-124] низ композитор мусиқии халқиро асоси оҳангӣ-интонатсионӣ интихоб менамояд. Сароҳанги прелюдия лирикӣ аст. Ба гуфтаи композитор «решаҳои оҳанги ин силсилаи хурд бештар ба оҳангҳои халқии аврупоишарқӣ алоқаманд» [4].

Прелюдия дар шакли периоди одии ғайримураббаи сохтори такрорӣ омадааст. Ба сароҳанги прелюдия тагнавозии созии фосилавӣ-аккордӣ хос аст. Ва ҷо-ҷо оҳангбандакҳои тагнавозӣ хотимаҳоро пурра мегардонанд:




*Мисоли 152. Сароҳанги прелюдияи f-moll (№18).*

Табиати сурудии сароҳанги прелюдия бо суръати Largo бо характери оромона ва фарохии нафаси оҳангӣ ба иборасозии композитсионӣ нуфуз пайдо мекунад. Дузарбаии худро (4/2) ӯ на танҳо дар суръати суст нигаҳ медорад, балки онро парастиш менамояд. Чунин муносибат ба фарохии оҳангӣ дар прелюдия низ ҷой дорад. Дар ин саъй сароҳанг диапазони нонаро ба даст меоварад. Ва ниҳоят, сароҳанги прелюдия аз ҷиҳати тоналӣ ҳам устувор аст.

Композитор кулминатсияи прелюдияро дар кода ҷо мекунад, ҳарчанде дар он ба оҳанги поёнраванда афзалият медиҳад.

Рамзист, ки прелюдия дар як мотив оғозу хотима ёфтааст:




*Мисоли 153. Оғозу хотимаи прелюдия.*

Тазодии фуга бо суръат, зарб ва сароҳанги он ворид мешавад. Дар фугаи f-moll Фирӯз Баҳор ба ҳайси сароҳанг «иқтибосеро аз мусиқии рақсии венгерӣ истифода мебарад» [4]. Асли ин оҳанг дар маҷмуаи «Махзани 100 суруди халқии венгерӣ оварда шудааст» [135, с. 20]:




*Мисоли 154. Оҳанги аслии легенеш.*

Ин рақси машҳури венгерӣ зери унвони «*легенеш* (аз забони венгерӣ – “рақси ҷавонмард”) рақси якка аст. Онро бо тақ-тақи мӯзаҳо дар вазни чорзарбаӣ, зарби омехтаи равону синкопӣ, бо суръати тез иҷро мекунанд» [58, с. 226].

Ба ҳайси сароҳанги фуга ин оҳанги венгериро композитор бо зарби афзуда, ҳаҷман бузургтар ва форшлагҳои зиёдтар интихоб кардааст. Бо вуҷуди ин табиати рақсии оҳанги аслиро композитор дар фуга нигоҳ доштааст ва ба дараҷае таҳким бахшидааст. Ҳаҷми бузурги сароҳангро муаллиф ба воситаи такрори сeбораи ибора-иқтибос ба даст меоварад:




*Мисоли 155. Сароҳанги фугаи f-moll.*

Дар мусиқии халқӣ рақси легенеш ҳамеша чаҳор маротиба такрор мешавад, яъне чаҳорзарбаии он ба чаҳорибораии он ҳамсадо аст. Шояд ҳамин хусусияти манбаи халқӣ омили сохтори композитсионии фуга гардидааст. Дар экспозитсия композитор сароҳангро чаҳор бор мегузаронад (1) ва ҳамаи гузароиҳо дар тоналности асосианд (2).

Сохтори умумии композитсияи фуга аз қисмҳои таркибии экспозитсия ва хотима иборат аст:

*Ҷадвали 39. Сохтори умумии фуга.*

| ЭКСПОЗИТСИЯ | | | | | | | ХОТИМА |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **С(Т)** | **М (яковоза)** | **И1** | **М (дуовоза)** | **И2** | **С(Т)** | **И3** | **С(Т)** |
| | **С(D)** | | **С(Т)** | | **М (дуовоза)** | | **М (сеовоза)** |

Чунин таҳияи композитсионӣ ин фугаро ба навъи ғайриклассикӣ мансуб менамояд.

Дар фуга муқобилбаёнҳои боздоштӣ ва муҳаррик истифода мешаванд. Онҳо ҷиҳати оҳанг ба якдигар вобастагӣ надоранд ва ба дараҷае мустақиланд. Ин имкон додааст, ки онҳо бо сароҳанг хеле хуб контрапункӣ бикунанд:




*Мисоли 156. Гузароии сеюми сароҳанг.*

Се интермедияи фуга дар ҳудуди як доираи оҳангӣ-интонатсионӣ қарор доранд. Онҳо аз якдигар бо ҳаҷм фарқ мекунанд. интермедияҳо дар асоси сароҳанги фуга навишта шуда, нақши васлиро байни гузароиҳои сароҳанг ва қисмҳои фуга иҷро кардаанд.

Ҳамин тавр, дар силсилаи f-moll, композитор оҳанги иқтибосиро аз рақси мардонаи венгерӣ истифода бурдааст, вале бо иқтибоси оҳангӣ иктифо накардааст. Ӯ асоси жанрии манбаи халқиро ба тарзи барҷаста дар силсилаи хурди полифонӣ таҷассум намудааст. Композитор асоси жанрии легенешро на танҳо ҳифз кардааст, балки бо талқиноти нав пешниҳод намудааст. Бо вуҷуди ин, ӯ аз ҳудуди жанри рақсии манбаи халқӣ намебарояд (1). Асоси композитсионии рақси венгериро, ки аз қисми сустсуръат ба шиддатноки дуюм мегузарад, асоси композитсионии силсилаи полифонӣ интихоб намудааст (2). Вазну зарби хоссаи легенеш ҳам дар прелюдия ва ҳам дар фуга ҷо дода шудаанд (3).

### 3.3. Силсилаҳои хурди навъи декламатсионӣ-импровизатсионӣ

Дар бузургсилсила силсилаҳои хурди навъи миллӣ бо жанри шохавии декламатсионӣ-импровизатсионӣ низ эҷод шудаанд. Аз ҷумла, бидуни вазни муайян, озод (№9) ва декламатсионӣ-импровизатсионӣ – бо вазни мушаххас (№2, №4, №5, №15, №22).

Дар «Прелюдия ва фугаи E-dur (№9)» [3, с. 64-69] ҳам прелюдия ва ҳам фуга озод, бидуни нишондоди вазн навишта шудаанд.

Прелюдияи сеовозаи ҳаҷман хурд аз ибтидо сароҳангро дар овози болоӣ бо тагнавозии поёнии кластерӣ нишон медиҳад. Суръати суст онро гӯё фарохтар мегардонад. Сароҳанги прелюдия дар пайравии оҳангҳои кӯҳистони тоҷик эҷод шудааст.

Прелюдия дар шакли периоди сохтори такрории ғайримураббаъ пешниҳод гардидааст. Хати рушди ягонаи он аз сароҳанг сар мезанад:




*Мисоли 157. Сароҳанги прелюдия.*

Идомаи рушди оҳанг дар пайдошавии вариантҳои дигари он қарор гирифтааст. Феълан ин услуби импровизатсионист, ки онро композитор дар оҳангсозӣ ба ҳайси асосӣ интихоб намудааст:




*Мисоли 158. Ду навъи ибора-вариант.*

Ибораҳо дар онҳо бо фермата ва кома ҷудо гардидаанд.

Дар қиёс бо хати оҳангӣ хати тагнавозии кластерӣ доимо садодиҳанда аст[1]. Ибтидои аксарияти аккордҳои тагнавозӣ дар мутаносибии сукути хати оҳангӣ қарор мегирад.

Дарачоти умумии прелюдияро гексахорди нимпардаӣ (e – f – fis – fisis – gis – a) дар ҳудуди квартаи холис ташкил медиҳад. Ин дарачот аз дарачоти тетрахордии сароҳанг сар зада, дар чараёни драматургии амалигардонӣ дар асар бо шохаҳои фаръӣ бо чунин шаклҳо намудор мегардад:

- e – f – gis – a;
- d – e – f – gis – a;
- e – f – fis – fisis – gis – a;
- f – fisis – gis – a;
- e – f – fis – fisis – gis – a.

Тоналности прелюдия E-dur шартист, зеро ки талқини лаҳнӣ-тоналӣ аз доираи дарачотии гексахорди фавқуззикр берун намебарояд ва диапазони дарачаҳои канории он дар ҳудуди квартаи холис мемонад.

Фуга (Rubando molto espressivo)-и чоровозаи дуқисма бо қоидаҳои фугаи классикӣ шакл гирифтааст:

*Чадвали 40. Сохтори умумии фугаи E-dur.*

| ЭКСПОЗИТСИЯ | | | | | | ҚИСМИ ОЗОД | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| С (T) | М яковоза | $И_1$ | М дуовоза | $И_2$ | М сеовоза | М сеовоза | $И_3$ | С (Cis-dur) | С (E-dur) | $И_4$ | С (H-dur) | С (T) |
| | С (D) | | С (T) | | С (D) | С (D-dur) | | М дуовоза | М сеовоза | | М сеовоза | М яковоза |
| | | | | | | | | | | | | хотима |

Суръати фуга тезтар аст. Хатҳои оҳангии он дар дерандҳои хурдтар (триолӣ, шонздаҳякии триолӣ ва одӣ, иборахои алоҳидаи сивудуякӣ) сохта

[1] Композитор дастури зеринро дар повараки асар овардааст: *Die Note. Die im Ineren des Kreises ist, soll bis nechste gleiche Note oder bis zu dem Zeichen ❟ gehalten warden*, яъне «нотаҳоеро, ки дар дохили доира мебошанд, мебояд то нотаи дигари ҳамдеранд ё то аломати ❟ нигоҳ дошт».

шудаанд. Композитор ин василаро ҳамчун яке аз василаҳои ҳамҷояшавии силсила ва офаридани ягонагии силсила истифода бурдааст.

Сароҳанги фуга ду ибораро дар бар мегирад. Дар ибораи дуюм, аз ҳисоби ивазшавии дараҷаҳои II ва III тоналности асосӣ, оҳанг рангу бори нави лаҳниро пайдо карда, сароҳанги зебову мустақилеро ташаккул медиҳад, ки аз дараҷаи воридотии поёнӣ оғоз шуда, баъди сайри трихордиву тетрахордӣ ба дараҷаи якум мерасад:




*Мисоли 159. Сароҳанги фугаи E-dur.*

Дар экспозитсия гузароии дуюму сеюм бо як муқобилбаён, гузароии чоруми сароҳанг бо се муқобилбаён ҳамҷоя садо медиҳад:



*Мисоли 160. Гузароии чаҳоруми фуга.*

Экспозитсияро интермедияи сеовозаи сеюмӣ хотима медиҳад.

Қисми озоди фугаи E-dur панҷ гузароии сароҳангро дорад. Дар қисми озод гузароии (якум) стреттоӣ бо қадами кӯтоҳи имитатсионӣ дар овози поёнӣ ва мобайнӣ садо медиҳад:



*Мисоли 161. Гузароии якуми стреттоӣ дар қисми озоди фуга.*

Гузароии чоруми сароҳанг дар fortissimo дар овози болоӣ бо муқобилбаёни сеовоза нуқтаи баландтарини фугаро муаррифӣ карда, ба кулминатсияи умумии фуга табдил ёфтааст.

Фугаро гузароии сароҳанг бо муқобилбаёнҳои соноръӣ дар баёни чаҳоровоза (нуҳум) хотима медиҳад:



*Мисоли 162. Гузароии хотимавии сароҳанги фуга.*

Дар Прелюдия ва фугаи E-dur (№9) композитор бо сароҳанге, ки дар пайравии мусиқии суннатӣ эҷод намудааст (дар прелюдия), тагнавозии сонории авангардиро истифода мебарад. Ба вуҷуди ин ду манбаи синтаксисӣ, Баҳор услуби жанри полифониро ба дараҷи зарурӣ риоя карда, силсилаи хурди E-dur-ро ба намунаи истифодаи ҳамҷояи унсури суннатӣ (сароҳанг) бо техникаи авангардӣ (баёни тагнавозӣ дар прелюдия, муқобилбаёнҳои охир дар фуга), қолаби жанрҳои полифонӣ (силсилаи хурд, фуга) бо услуби рушди мусиқии суннатӣ (рушди сароҳанг дар прелюдия дар асоси асл-фаръ) ва дар умум хоссагии силсилаи хурдро дар бузургсилсила нишон дода тавонистааст.

Дар силсилаи «Прелюдия ва фугаи a-moll (№2)» [3, с. 13-18] прелюдияи импровизатсионӣ ва фугаи манзум дар мутаносибии тазодӣ қарор мегирад.

Прелюдия (Allegro impetuoso) дар ду навъи ибора – яковозаи пассажии поёнраванда (а) ва фосилавии чаҳоровозаи статикӣ (б) асос гирифтааст:




а)

б) 

*Мисоли 163. Ду навъи ибораоҳанг дар сароҳанги прелюдияи a-moll (№2).*

Вазну баён ва иборабандии гуногун, бо сукутҳои баъдии ибораҳо табиати импровизатсионии прелюдияро ба вуҷуд овардаанд, ҳарчанде ибораҳо дорои вазну ҳаҷми муайян мебошад.

Муколамаи ибораҳо дар драматургияи рушди ягонаи прелюдия пуравҷ гардида, тавассути фарогирии регистрҳои васеи болоиву поёнӣ, дар регистри поёнтарин ба анҷом мерасад. Прелюдия яктоналӣ аст. Композитор ҷараёни драматургии прелюдияро, хусусан дар бандҳои пешавҷиву авҷӣ, бо василаҳои зарбии квинтоливу секстолӣ хеле фаъол мегардонад. Дар умум, дар прелюдия хати рушди ягона муҳайё мегардад.

Сароҳанги фугаи сеовоза (a-moll) дар пайравии мусиқии лирикии тоҷик, мушобеҳ ба навоҳои яккаи нойӣ, андешамандона, бо ороишот (форшлаг) ва пайиҳамии дараҷаҳо сохта шудааст:




*Мисоли 164. Сароҳанги фугаи a-moll.*

Истифодаи ороишот, ибораи секстолӣ, деранди нуқтадор ва дигар онро ба оҳангҳои импровизатсионии озод наздик менамоянд. Чунин характери сароҳанг ба ҷараёни фуга нуфуз пайдо мекунад.

Фуга бо сохтори одии дуқисма дар навъи фугаи классикӣ навишта шудааст.

Экспозитсияи фуга се гузароии сароҳанг ва ду интермедия дорад, яке аз ин интермедияҳо хотимавист. Гузароиҳои сароҳанг тоникӣ (дуто) ва доминантӣ (якто) мебошанд:

*Ҷадвали 41. Сохтори экспозитсияи фуга.*




Муқобилбаёнҳо ва интермедияҳо бо сароҳанг робитаҳои оҳангӣ-интонатсионӣ доранд.

Қисми озоди фуга панҷ гузароии сароҳангро ва ду интермедияро дар бар гирифтааст. Дар ин қисм се гузароиҳои аввал дар тоналностҳои дигар (d-moll, b-moll, fis-moll) ва ду гузароии охир дар тоналности асосӣ (a-moll) оварда шудааст:

*Ҷадвали 42. Сохтори қисми озоди фуга.*




Муқобилбаёнҳо ва интермедияҳои фуга дар асоси сароҳанг сохта шудаанд.

Фуга дар услуби баёни прелюдия навишта шудааст ва аз ин лиҳоз хати драматургии прелюдияро пурра мегардонад.

«Прелюдия ва фугаи e-moll (№4)» [3, с. 24-30] яке аз саҳифаҳои пурҷилои лирикии бузургсилсила маҳсуб меёбад.

Прелюдия дар сохтори одии дуқисма (AB) бо Coda навишта шудааст. Сароҳанги прелюдия аз як ибора сар мезанад. Ибораи дуюм, ибораи якумро рушд додааст. Он импровизатсионӣ, саршори ороишоти форшлагӣ, дар суръати суст пешниҳод мегардад:




*Мисоли 165. Сароҳанги прелюдия.*

Композитор кодаи прелюдияро низ дар асоси сароҳанг сохтааст:



*Мисоли 166. Кода*

Ду ибораи сароҳанги фугаи чаҳоровоза низ аз якдигар бармеоянд. Сароҳанг ба навъи оҳангҳои суннатии тоҷик наздикӣ дорад. Он дар суръати суст пешниҳод гардидааст. Ҳарду ибораоҳангҳо болоравандаанд, ибораоҳанги дуюм ҳаҷман васеътар аст ва ҳамчун рушддиҳандаи якум мақбул мегардад. Сароҳанг дар дараҷаи тоникӣ анҷом меёбад.

Дар раванди дохилии сароҳанг яке аз услубҳои хоссаи мусиқии суннатӣ истифода бурда мешавад. Ин услуби рушди оҳанг ба монодияи шарқӣ хос аст ва дар мусиқишиносӣ бо унвони «“услуби васеъшавӣ” ном гирифта шудааст» [37, с. 71-86]:




*Мисоли 167. Сароҳанги фуга.*

Се гузароии минбаъдаи экспозитсия дар пайиҳамӣ бо тамоюли плагалӣ ва афзоиши теъдоди муқобилбаёнҳо омадаанд. Гузароии чаҳоруми хотимавии авҷӣ, контрапункти амудии ҳаракаткунандаро ба вуҷуд овардааст:




*Мисоли 168. Гузароии охирини сароҳанг.*

Дар интермедияҳо унсурҳои рушди секвенсионӣ ба назар мерасанд:




*Мисоли 169. Тобишҳои секвенсионӣ.*

Дар қисми озоди фуга се гузароии аввал дар лаҳни фригӣ ва ду гузароии хотимавӣ тоналности асосиро қайд кардаанд:

*Ҷадвали 43. Сохтори композитсионии қисми озоди фуга.*




Дар гузароии дуюм сароҳанг ба шакли афзуда оварда шудааст:



*Мисоли 170. Гузароии сароҳанги афзуда.*

Гузароии сеюм тафовути регистрӣ дорад. Гузароии чаҳорум характери мардонаворро пайдо карда, дар fortissimo бо баёни октаваӣ ва муқобилбаёни

сеовоза дар октаваҳои поёнӣ садо медиҳад. Ва ниҳоят гузароии панҷуми сароҳанг аз fortissimo ба piano гузошта, фугаро хотима медиҳад.

Прелюдия ва фугаи e-moll (№4) низ ба зумраи силсилаҳои лирикӣ тааллуқ дорад. Дар он композитор Баҳор дараҷаи баланди ҳамоҳангии анъанаи шарқиро дар услуби классикии полифонӣ нишон додааст.

Прелюдия бо табиати озод, импровизатсионӣ ва ороишоти форшлагӣ, фазои ботамкин ва лирикиро ифода менамояд.

Дар фуга композитор бо истифодаи контрапунктҳои серқабата, динамикаи пуртазод, як сохтори равони драматургиро месозад. Композитсияи фуга бо гузароиҳои секвенсионӣ ва тағйироти регистриву динамикӣ, дорои кулминатсияи баланд аст.

Дар «Прелюдия ва фугаи D-dur (№5)» [3, с. 31-44] прелюдия ҳамчун жанри мусиқии созӣ талқин шуда, фуга – бештар полифонӣ, муҳофизи жанри канонӣ ва бо асоси созӣ-вокалӣ пешниҳод гардидааст. Дар ин силсила ба унсурҳои мусиқии суннатии тоҷик хеле афзалият дода мешавад. Дар натиҷа ин силсилаи прелюдия ва фуга хеле рангин баромадааст.

Прелюдия дар асоси худ муколамаи ду ибораи мустақилро дар бар мегирад. Гуногунрангӣ ва тазодии ибораҳо ба хати ягонаи рушди импровизатсионӣ мусоидат менамоянд.

Ибораи якум бо набзи сезарбаии тагнавозӣ (бо функсияи муқаддима) оғоз мегардад. Зимни он дар октаваи хурд бо суръати хеле тез дар техникаи этюдӣ сароҳанг баён мегардад:




*Мисоли 171. Ибораи якуми сароҳанги прелюдияи D-dur.*

Иборaи дуюм лирикист. Он яковоза, бо иборaҳои алоҳидаи импровизатсионӣ бо ферматаҳои сершумори мобайнӣ, ороишоти форшлагӣ ва трелӣ дар суръати сусту озоди ивазшаванда (Lento improvisazione – Andante – Lento improvisazione), бидуни нишондоди вазн хеле гӯё баён гардидааст:




*Мисоли 172. Иборaи дуюми сароҳанги прелюдия.*

Иборaҳои сароҳанг бо асоси жанрӣ низ аз якдигар фарқ мекунанд: яке этюди техникӣ асту дигарӣ – романси лирикӣ. Вале зуҳуроти лаҳнӣ-тоналӣ якхела аст.

Фугаи сеовоза дорои сохтори одии дуқисма бо ҳашт гузароии сароҳанг аз навъи фугаи классикӣ аст:

*Ҷадвали 44. Гузароиҳои сароҳанги фугаи D-dur (№5).*

| экспозитсия | | | қисми озод | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | хотима | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| T | D | T | S | VI | S | T | T |

Сароҳанг ба оҳанги суруди лирикии тоҷикӣ монанд аст. Он хеле мавзун сода ва ҳаҷман бузург аст:




*Мисоли 173. Сароҳанги фуга.*

Ба гуфтаи композитор «ин оҳангро ӯ аз сароиши модари худ, сарояндаи номии тоҷик Мулук Баҳор шунидааст» [6, с. 65]. Он дар лаҳни дорои секундаи афзуда қарор мегирад. Ва он хоси мусиқии минтақаҳои кӯҳистони Бадахшон ва Кӯлоб мебошад.

Ба ғайр аз асоси лаҳнӣ, ин сароҳангро ба мусиқии суннатии кӯҳистони тоҷик истифодаи пайиҳамии дараҷавӣ, тобишҳои оҳангӣ-интонатсионӣ низ наздик мекунанд.

Сароҳанги фуга табиати кӯҳистони Тоҷикистонро хеле равшан ифода мекунад. Ҷаҳиши квартоӣ ба сӯи тоника дар аввали сароҳанг, нишондоди такяи поёнии лаҳнӣ мебошад, ки ба мусиқии куҳистониён хеле хос аст.

Фугаи ин силсила аз навъи фугаи монодӣ-импровизатсионист. Сеовозагии фуга аз ҳисоби пурра кардани баёни амудии он бо фосилаҳои октаваӣ, квартоӣ ва квинтоӣ ба вуҷуд омадааст.

Одатан суруди халқии тоҷикӣ бо нидоҳо аз қабили «Эй!», «Ҷон!» ва дигар сар мешавад. Аксари чунин нидоҳо дар мусиқӣ дараҷаи тоникиро қайд мекунанд.

Дар ин ибора тоника ба таври бутун ва таъкид муаррифӣ мегардад.

Дар идома баёни импровизатсионӣ бартарӣ пайдо карда, ба воситаи «*услуби васеъшавӣ* (истилоҳи Н. Тагмизян)» [37, с. 71-86] доираи фарогирии сароҳангро хеле фарох мегардонад.

Дар ибтидо ва охири сароҳанг нақши квартаи поёнӣ хеле равшан аст: дар ҳарду маврид он тоникаро ҳифз намудааст. Дар ҷараёни васеъшавӣ сароҳанг ҳаҷман бузург намешавад, васеъшавии он на ба сӯи ҳаҷм аст, балки бештар тафсирист. Аввал бо хусусиятҳои секвенсионӣ ибораҳои сароҳанг ҳар дафъа болотар рафта, дар ибораи охирин пардаҳои болоиро муфассал таъкид менамояд. Сониян, якбора регистри поёниро фаро гирифта, дар тоника қарор мегирад. Ба ин тариқ дар рафти оҳангсозӣ сароҳанг хеле муфассалтару саҳеҳ мегардад.

Композитор дар фуга ҳафт интермедияи ҳаҷман гуногун ва ҷиҳати оҳангӣ-интонатсионии ҳам ба сароҳанги прелюдия (а) ва ҳам ба сароҳанги фуга (б) наздикро навишта аст:

а)




б)



*Мисоли 174. Интермедияҳои наздик ба сароҳанги прелюдия (а) ва фуга (б).*

Дар сатҳи силсилаи хурд ягонагии драматургӣ-композитсиониро композитор бештар ба василаи ягонаи табиати импровизатсионии сароҳанги дуюми прелюдия бо сароҳанги фуга ба даст меоварад.

Дар силсилаи «Прелюдия ва фугаи g-moll (№22)» [3, с. 146-152] импровизатсия бештар ба прелюдия мансуб аст, фуга дорои баёни анъанавист. Ин тафовути баёнӣ омили серрангии силсила гардидааст.

Прелюдия (Allegro impetuoso) дар сохтори дуқисмаи одӣ, ба таври муколамаи ду унсури оҳангӣ якумӣ – токкатоӣ (а), дуюмӣ – этюдӣ (б) навишта шудааст:




а)




б)

*Мисоли 175. Ду иборaи сароҳанги прелюдияи g-moll.*

Ин ду манбаи жанрӣ дар драматургияи прелюдия то охир пайиҳам омада, дар ҷараёни асар тафовути жанрӣ, баёнӣ ва василаҳои оҳангиву зарбӣ зоҳир намудаанд.

Дар баёни импровизатсионии прелюдия композитор аз мушахассиёти вазнӣ-зарбӣ даст накашидааст. Табиати импровизатсионии оҳанги худро композитор бо гуногунвазнӣ пешниҳод мекунад. Ӯ ибораҳои таркибиро пайиҳам дар шонздаҳ-, ёздаҳ-, ҳашт-, чаҳор-, даҳ-, ҳафт-, нуҳ- ва шашзарбаӣ ($\frac{16}{4}$, $\frac{11}{4}$, $\frac{8}{4}$, $\frac{4}{4}$, $\frac{10}{4}$, $\frac{7}{4}$, $\frac{9}{4}$, $\frac{6}{4}$) оварда, чунин ивазшавии вазниро мақсаднок, ҳамчун василаи ба вуҷуд овардани табиати импровизатсионии прелюдия истифода мебарад.

Фуга (Andante)-и сеовоза ягона фугаи сохтори сеқисмаи одӣ дар ин бузургсилсилаи полифонӣ аст:

*Ҷадвали 45. Сохтори композитсионии фугаи g-moll.*

<table>
<tr><td></td><td>C(D)</td><td>M дуовоза</td><td rowspan="2">И</td><td>C(c-moll)</td><td>C(gis-moll)</td><td>M дуовоза</td><td rowspan="2">И</td><td>C(T)</td><td rowspan="2">И</td><td>M яковоза</td><td rowspan="2">И</td><td>C(T)</td><td rowspan="2">И</td></tr>
<tr><td>C(T)</td><td>M яковоза</td><td>C(T)</td><td>M яковоза</td><td>M дуовоза</td><td>C(fis-moll)</td><td>M яковоза</td><td>C(T)</td><td>M дуовоза</td></tr>
<tr><td colspan="4">қисми якуми фуга (экспозитсия)</td><td colspan="4">қисми дуюми фуга (озод)</td><td colspan="6">қисми сеюми фуга (реприза)</td></tr>
</table>

Сароҳанги фуга дар пайравии оҳангҳои дилнишини мусиқии тоҷик қарор мегиранд. Он касро ба андешаҳо мебарад. Сароҳанг дар минори табиӣ-гармонӣ бо ороишоти дорои тобишҳои минорӣ-мажорӣ қарор гирифтааст:




*Мисоли 176. Сароҳанги фуга.*

Қисми якуми фуга дорои пайиҳамии се гузароии сароҳанг ва интермедия аст.

Қисми озоди фуга вазифаи қисми рушддиҳандаи фугаро иҷро кардааст. Дар ин қисм гузароиҳои тоналии ғайрирегламентӣ ва порашавии сароҳанг ҷой доранд.

Дар қисми сеюми фуга (реприза) чун дар қисми аввали он се гузароии сароҳанг ҷо дорад. Дар ин қисм композитор ҳукмфармоии тоналности асосиро нишон медиҳад: ҳар се гузароиҳои ин қисм тоникӣ мебошанд.

Панҷ интермедияи фуга дар як унсури оҳангӣ-интонатсионии сароҳанг асос ёфтаанд. Ҳаҷми интермедияҳоро композитор вобаста ба мавқеъашон мутобиқ кардааст. Дар фуга интермедияҳо пайвасткунандаи қисмҳо ва сароҳанг мебошанд.

Интермедияи сеюми он дар асоси оҳанги муқобилбаёни боздоштӣ дар регистри поёнӣ ва тоналности асосӣ ягонагии фугаро таҳким бахшида, хотима медиҳад:




*Мисоли 177. Интермедияи сеюми фуга.*

Фуга бо техникаи фуганависии одӣ ва баёни шаффоф навишта шудааст. Дар он унсурҳои фугаи классикӣ пурра риоя шудаанд.

Дар баён силсилаи Прелюдия ва фугаи g-moll (№22) ду услубро – импровизатсионӣ ва анъанавиро дар худ ғунҷондааст. Дар умум, силсила заминаи эҳсосотӣ ва ақлониро ба вуҷуд оварда, бо андешаронии фалсафӣ

ҳолати хоссаро ба вуҷуд меоварад. Ва ин бори дигар маҳорати баланди композитор Баҳорро нишон медиҳад.

## 3.4. Силсилаҳои хурди портретӣ

Прелюдия ва фугаи Des-dur (№15) «дар бузургсилсила ягона силсилаест, ки ба шоир бахшида шудааст. Ва ин шоир Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ (940–1020) мебошад» [2, с. 208]. Бо ин иқдом композитор нишон додааст, ки эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ барои ӯ яке аз сарчашмаҳои илҳомбахши эҷодӣ ба шумор меравад. Барои таҷассуми симои шоир ва шоҳасари ӯ «Шоҳнома» композитор ду шакли баёнро истифода мебарад: нақлӣ (прелюдия) ва шеърӣ (фуга).

Аз ин рӯ, василаи пайвасти ин силсилаи хурдро тазодӣ ҳисобидан мумкин аст. Силсилаи хурди Des-dur (№15) дар системаи мажорӣ-минорӣ бо риояи талаботи классикӣ эҷод шудааст.

Прелюдия дорои шакли дуқисмаи одиест бо кода-эпилог [3, с. 104-106]. Прелюдияи ин силсилаи хурд характери тасвирӣ дорад. Дар қисми якум ва кода-эпилог сароҳанги симои шоир таҷассум ёфтааст, дар қисми дуюми прелюдия бошад, шоҳону ҷанговарон. Сохтори прелюдия шартан чунин пешниҳод шудааст – A B Кода-эпилог.

Сароҳанги қисми аввали прелюдия оҳанги дилнишину хушоянд аст. Бо шунидани он ҳиссиёти меҳру дилбастагӣ барои иқдом гирифтани оғози коре, тасвир мешавад. Дар ин оҳанг образи шоир таҷассум ёфтааст. Дар он ботамкинӣ, хирадмандӣ ва андешаронии амиқи шоир дарҷ гардидаанд. Дар сароҳанг тадриҷан аз забони шоир нақл оғоз мегардад. Чунин мушоҳида мешавад, ки дар сароҳанги прелюдия образи шоир таҷассум ёфта (а), нақли ӯ аз мизони баъдӣ оғоз мешавад (б):

а)



б)



*Мисоли 178. Сароҳанги аввали прелюдияи Des-dur.*

Дар қисми дуюми прелюдия симои шоҳон – ба тарзи аккордӣ бо зарби мушаххаси фанфарии мутантан ва дарбориёни таъзимкунанда – бо ибораҳои качҷаки квинтолӣ-трелӣ дар баёни октаваӣ хеле равшан инъикос шудаанд:



*Мисоли 179. Оҳанги шоҳу дарбор.*

Рамзист, ки тавоноии шоҳон дар прелюдия аз банди кулминатсионӣ хеле бошукӯҳ оғоз шуда, тадриҷан тира мегардад, гӯё дар қаъри асрҳо гум мешавад. Ва квартаи поёнравандаи таъкидии басӣ, рафта-рафта ба хомӯшӣ мерасад. Ин унсури тасвирӣ бараъло намоён аст:



*Мисоли 180. Тадриҷан нобудшавии оҳанг.*

Дар хотимаи прелюдия бори дигар симои шоирро пеши назар меоварад. Асар дар тоналности Des-dur бо таъкиди тоникаи он анҷом мерасад. Бояд қайд кард, ки прелюдия дар каданси комили мутлақ ба анҷом намерасад, ҳарчанд ки секстаи охирини он садоҳои сесадоии тоникианд:



*Мисоли 181. Сароҳанги шоир дар охири прелюдия.*

Рамзист, ки композитор прелюдияро бо фермата хотима медиҳад. Зеро ки «Шоҳнома» ба маънои «амали шоҳон» поён надорад. Тавре, ки муҳаққиқ қайд кардааст: «Мазмунан прелюдия дар ин силсила барои фуга воқеан "сарахбор" аст. Он симои муаллиф ва қаҳрамонҳои асосии ин шоҳасари безаволро мухтасар намудор карда, аз заминаи қаблии навиштани он дарак медиҳад» [44, с. 209].

Фуга бо мазмуни бевосита аз «Шоҳнома» оғоз мегардад. Прелюдия дар жанри нақлӣ, ҳамчун пешомад қарор гирифта, худи мазмуни «Шоҳнома»-ро ба фуга месупорад.

Фугаи сеовоза дар шакли дуқисмаи одӣ навишта шудааст [3, с. 107-111]. Сароҳанги фуга образи қаҳрамононаи Абулқосим Фирдавсӣ, образи шоиреро, ки таърихи миллатро навиштааст, таҷассум менамояд. Композитор фугаи мазкурро дар вазни «Шоҳнома» – *мутақориби мусаммани мақсур* навиштааст:

V – – / V – – / V – – / V – ~
фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯл

*Мисоли 182. Қолаби (таъфилаи) мутақориби мусаммани мақсур.*

Сароҳанги фугаро композитор дар шакли байт эҷод менамояд. Маълум аст, ки «байт воҳиди хурди сохтори жанрҳои адабӣ мебошад» [165. II, с. 26]. Ба гуфтаи муҳаққиқ «фугаро ба ҳаҷми байт баробар карда, ба қонуни шаклсозии арӯзӣ пайравӣ мекунад» **[**44, с. 210]:



V – – / V – – / V – – / V – ~

фаъӯлун фаъӯлун фаъӯлун фаъӯл

*Мисоли 183. Сароҳанги фуга дар шакли байт.*

Ҳарчанд ки сароҳанг дар вазни сезарбаӣ навишта шуда аст, воқеан ин сезарбаӣ бо зарби маршӣ-пунктирӣ, тақлид ба набзи шеъри Фирдавсӣ, мебошад. Дар ҳақиқат сароҳанг дорои тавоноии хосса аст. Ва дар идомаи он муҳаққиқ чунин ақидаро пешниҳод мекунад, ки «ин оҳангро композитор аз замзамаи ҳамсари шоир Лоҳутӣ, Ситсилия Бону шунида, дар он тавоноии сароҳанги фугаро дидааст. Ба андешаи мо ин оҳанги худи Лоҳутист. Зеро ки маҳз шоир Лоҳутӣ мусиқиро хуб мефаҳмид. Ва ӯ муаллифи суруду оҳангҳои сершумори дилнишин аст» [44, с. 186-213; 121].

Сароҳанг дар фуга нуҳ маротиба омадааст:

*Ҷадвали 46. Сохтори умумии фугаи Des-dur.*




Интермедияҳо дар фуга бо функсияи васлӣ ба тартиби афзудани хатҳои оҳангӣ қарор мегиранд.

Дар экспозитсияи фуга талқини хосса ҷо дорад. Гузароиҳои дуюми сароҳанг бо муқобилбаёни характери фанфарии прелюдия (қисми дуюм, образи шоҳон) пешниҳод гардидааст:




*Мисоли 184. Гузароии дуюми сароҳанг дар экспозитсияи фуга.*

Гузароии сеюм бо муқобилбаёнҳои муҳаррик ва боздоштии фанфарӣ омадааст:




*Мисоли 185. Гузароии сеюми сароҳанг дар экспозитсия.*

Гузароиҳои қисми озод сайри сароҳангро дар як қатор тоналностҳои нав нишон медиҳанд: E-dur, Es-dur, E-dur, H-dur, C-dur ва Des-dur. Дар гузароиҳои якум ва дуюм муқобилбаёни фанфарӣ бо сароҳанг контрапунктӣ омадааст. Гузароии сеюми қисми озод (дар тоналности E-dur) гузароии дуовоза буда, дорои муқобилбаёни нав аст:



*Мисоли 186. Гузароии сеюми қисми озод.*

Дар гузароии чоруми сароҳанг ба он муқобилбаёни фанфарӣ боз ҳамроҳ шуда, сеовозагии зеборо дар тоналности H-dur ба вуҷуд меоварад.

Дар гузароии панҷум (C-dur) сароҳанг дар бофти октаваӣ-басӣ қарор гирифта, тадриҷан тавоно шудани худро бараъло нишон медиҳад:



*Мисоли 187. Гузароии панҷуми сароҳанги фуга дар қисми озод.*

Гузароии панҷум дар раванди композитсионӣ-драматургӣ нақши банди пешавҷиро иҷро кардааст.

Гузароии нуҳуми сароҳанг дар фуга дар тоналности асосӣ (Des-dur) – кулминатсионӣ аст. Ба ҳайси муқобилбаёнҳо оҳанги фанфарӣ ва навъи муҳаррик дар хатҳои болоӣ омадаанд. Сароҳанг дар хати басӣ қарор дорад. Он октаваӣ дар *ff* саршуда, дар *fff* анҷом ёфтааст:




*Мисоли 188. Гузароии шашуми сароҳанг дар қисми хотимавии фуга.*

Ҳамин тавр, ин фугаи мураккаб бо суръати суст (Largo) ва фарогирии регистрҳои болоиву поёнӣ, бо тамоюли васеъшавӣ хеле мутантан хотима меёбад.

Прелюдия ва фугаи Des-dur (№15) то имрӯз ягона асарест, ки дар жанри полифонӣ ба Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и безаволи ӯ бахшида шудааст.

Тавре ки муҳаққиқ Ф.А. Азизӣ қайд кардааст, композитор Баҳор хуб дарк мекунад, ки «консепсияи Ҳаким Фирдавсӣ башариятро ба муросоӣ даъват менамояд» [2, с. 18] ва ба табиати полифония таваҷҷуҳ карда идома медиҳад: «жанри полифонӣ бо рушди ҳамҷояи хатҳои оҳангии мустақили гуногун низ зери худ ҳамин маъноро дар бар гирифтааст. Ин хусусияти полифония ба диди

Ҳаким Фирдавсӣ ҳамсадо аст. Ин ҳамсадоиву ҳамоҳангӣ саъйю кӯшиши композитор Баҳорро дар полифония таҷассум намудани ин бузургасари шоири маҳбубро тезонид» [2, с. 20].

Дар бузургсилсила унсурҳои гармонӣ хеле ғани истифода шудаанд. Вобаста ба ин дар кори диссертатсионӣ гуфтаи як муҳаққиқ хотиррасон карда мешавад: «ҳарчанд ки гармония дар бофти полифонии мусиқии муосир асосан дар ҳадди сохторӣ зуҳурот пайдо мекунад, гармонияи асри XX бо васеъшавии имконоти василаҳо, аз ҷумла, “эмансипатсияи диссонанс”, ба ғановатмандии усулҳои оҳангии полифония низ мусоидат намуд» [96, с. 237].

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба истифодаи forte-piano дар бузургсилсила таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Диссертант қайд мекунад, ки дар бузургсилсилаи Фирӯз Баҳор талқини фортепиано симоҳои нави садоӣ пайдо кардааст. Дар он фортепиано баъзан ба таври симфонӣ, бо тавоноии хати басӣ, одатан октаваӣ-аккордӣ, серқабатии уфуқӣ садо медиҳад, масалан:




*Мисоли 189. Гузароии нуҳуми сароҳанг дар фугаи Des-dur (№15).*

бори дигар рушди якхатӣ новобаста ба бофти бисёровоза бо фортепиано монологӣ-монодӣ шунида мешавад:



*Мисоли 190. Интермедияи дуюми фугаи D-dur (№5).*

бори сеюм – бо таъкиди баҳри арӯзӣ ва тавоноии оҳангӣ-интонатсионии шеъри Ҳаким Фирдавсӣ – декламатсионӣ-шеърӣ дар мутақориб аз асрҳои қадим ба мо мерасад:



V – – / V – – / V – – / V – ~

ф а ъ ӯ л у н   ф а ъ ӯ л у н   ф а ъ ӯ л у н   ф а ъ ӯ л

*Мисоли 191. Сароҳанги фугаи Des-dur (№15) дар вазни мутақориб.*

Доир ба ин нукта диссертант ба хулосае меояд, ки дар умум садои хосса ва ғайримуқаррарии фортепианоро дар бузургсилсила метавон дар услуби ҳамҷояи полифонӣ-гаммафонӣ-монодӣ бишунавид. Дар бофти он услуби полифонӣ, гомофонӣ-гармонӣ ва монодӣ ҳамҷо садо додаанд:




*Мисоли 192. Гузароии гомофонӣ-гармонӣ (ҳафтуми) сароҳанги фугаи c-moll (№20)*

Хулоса, фугаи навъи миллӣ дар бузургсилсила чаҳор гуна омадааст: бар асоси мусиқии суннатии тоҷик, бо асоси мусиқии халқҳои дигар, навъи декламатсионӣ-импровизатсионӣ ва портретӣ.

Қабл аз ҳама бояд гуфт, ки Баҳор қолаби мафҳуми «фугаи миллӣ» ва умуман, «полифонияи миллӣ»-ро дар бузургсилсила якбора чанд зина бардоштааст. Пешниҳоди ӯ аз пешниҳодҳои ҷо дошта фарққунандааст. Ӯ унсури «миллӣ»-ро на ба таври анъанавӣ, балки тибқи фалсафаи композитори аввали асри XXI нишон медиҳад. Дар консепсияи худ Баҳор манбаи миллиро на танҳо дар иқтибоси оҳангӣ ва зарбӣ, балки дар баён, ғояи асар, талқини фалсафӣ бо истифодаи василаҳои услуби эҷоди авангардӣ, классикӣ, романтикӣ, халқӣ, дар умум шакли нави талқин пешниҳод менамояд. Шахсиятҳоро дар силсилаҳои навъи миллӣ ба монанди силсилаҳои навъи академӣ ба воситаи яке аз паҳлуҳои эҷод, таҷассум менамояд. Мафҳуми «миллӣ» барои ӯ на танҳо тоҷикӣ аст, ӯ иқтибосҳои мусиқии венгерӣ ва арманиро низ нишон додааст. Ва ҳар дафъа ӯ ин мафҳумро бо шахсиятҳои он халқ нишон медиҳад, масалан венгериро бо Барток, арманиро бо Комитас, тоҷикиро бо Ҳаким Фирдавсӣ. Образи Б. Бартокро композитор Баҳор дар силсилаи f-moll (№18) бо прелюдияи лирикӣ ва фугаи рақси мардонаи серҳаракат дар системаи лаҳнии мажорӣ-минорӣ, сабки неофолклоризм, жанри сурудӣ-рақсӣ бо оҳанги миллӣ ва полиритмияи фолклорӣ, бо фугаи ғайри классикӣ пешниҳод намудааст. Симои Комитас дар силсилаи h-moll (№6) бо сабки романтикӣ-лирикӣ, унсури жанрии полифонӣ-фолклорӣ, асоси оҳангии серороиш бо тақлид ба оҳангсозии халқии арманӣ ва асоси зарбии номуназзам пешниҳод гардидааст.

Силсилаи бахшида ба Ҳаким Фирдавсӣ аз он ҷиҳат нодир аст, ки композитор Баҳор ба жанри полифонӣ системаи шеърии арӯзиро ҷалб намудааст. Эҳтимол ин нахустин таҷриба аст дар полифония. Чунин роҳкушоӣ ба композитор Баҳор офаридани жанри фугаи нав – «фугаи арӯзӣ» ё «фуга-мутақориб» имкон додааст. Дар навбати худ композитор Баҳор анъанаи

шоҳномахониро дар мусиқии композитории тоҷик идома дода, онро нахустин бор дар силсилаи хурди полифонӣ татбиқ менамояд. Бо вуҷуди ин, силсилаи хурди Des-dur (№15) дар системаи мажорӣ-минорӣ бо риояи талаботи классикӣ эҷод шудааст.

Ҳамин тавр, раво аст, ки пешниҳоди фугаи навъи миллӣ дар бузургсилсила ҳамчун консепсияи нави «фугаи тоҷикӣ» дар мусиқишиносӣ арзёбӣ гардад. Ва ин талқини нави фугаи тоҷикӣ ба аввали асри XXI тааллуқ дорад. Зеро ки таърихи худро фугаи тоҷикӣ ҳанӯз аз солҳои 1940 асри гузашта оғоз карда буд (ниг. боби I ҳамин кори диссертатсионӣ).

Композитор Баҳор диди истифодаи баробарҳуқуқи унсурҳои мусиқии миллӣ ва академиро дорад. Ӯ ҳамеша саъй мекунад, ки василаҳои содаро корбарӣ намояд, масалан дар Прелюдия ва фугаи fis-moll (№8) се гунаи гаммаи минориро ба ин раванд ҷалб намудааст. Дар фугаи cis-moll (№10) сароҳанги бениҳоят бузургро меофарад, дар силсилаи B-dur (№21) унсурҳои тасвирӣ зиёданд. Барои навиштани силсилаҳои h-moll (№6) ва f-moll (№18), ҳарчанде иқтибосро истифода бурдааст, услуби «натиҷагирӣ ба воситаи жанр» (Алшванг)-ро ба эҷоди силсилаҳо ҷалб менамояд.

Пешниҳоди силсилаи E-dur (№9) – нишондоди шаклҳои кушодаи мусиқии суннатии тоҷик аст. Вале композитор онро ҳамҷоя бо дид ва техникаи авангардӣ (сонорӣ, алеаторӣ) пешниҳод намудааст. Шакли ин навъи силсиларо (a-moll, №2) бори дуюм тамоман бо дигар шакл пешниҳод менамояд. Дар он дараке аз истифодаи унсурҳои авангардӣ нест. Ва он бештар ба шакли силсилаи классикӣ монанд аст. Вале прелюдияи озод ба он дурахши миллӣ медиҳад. Силсилаи e-moll (№4) бо асоси лирикӣ эҷод мешавад ва ин хусусияти мусиқии суннатӣ дар он афзалият пайдо мекунад.

Талқини «созӣ»-и силсилаи D-dur (№5) низ омехташавии унсурҳои академӣ ва миллиро пешниҳод мекунад ва композитор на танҳо дар фуга, балки дар прелюдия низ онро истифода бурдааст.

Дар китобҳои дарсии мусиқӣ-назариявии муосир муҳаққиқон чунин гунаҳои бофтро қайд мекунанд:

1. «бофти монодӣ;
2. бофти органум;
3. бофти гетерофонӣ;
4. бофти полифонӣ (иборат аз бофти имитатсионӣ ва ғайриимитатсионӣ);
5. бофти гомофонӣ-гармонӣ;
6. бофти гомофонӣ-полифонӣ;
7. бофти полифонияи серқабата;
8. бофти беш аз бисёровоза – моҳиятан бофти полифонист;
9. бофти пуантилӣ» [46, с. 267].

Дар ин радабандӣ шатои он ба бофти полифонӣ тааллуқ дорад. Композитор Фирӯз Баҳор устодона ҳамаи ин бобҳоро дар бузургсилсилаи полифонии фортепианоии худ истифода бурдааст.

Оид ба истифодаи гаммаҳо онро бояд қайд, ки композитор Баҳор ҳамаи гаммаҳоро баробарҳуқуқ талқин медиҳад, вале дар ин баробарҳуқуқӣ табиати онҳоро хеле хуб таҷассум менамояд. Масалан дар китобҳои мусиқӣ-назариявӣ шарҳи гаммаи додекафонӣ чунин омадааст: «Гаммаи додекафонӣ – (аз юн. “дувоздаҳсадо”) ба мисли гаммаи хроматикӣ аз нимпардаҳо сохта шудааст. Ин гамма то асри XX танҳо дар китобҳои назарияи мусиқӣ мавриди баҳс ва баррасӣ қарор мегирифт ва дар оҳангсозӣ мустақилан ба кор гирифта намешуд. Аммо аз оғози ин садсола баъзе аз оҳангсозони навпардоз ... аз гаммаи хроматикӣ ба ҳайси манбаи заминавӣ дар танзими назарияи мактаби хеш (ба номи “додекафония”) суд ҷустанд. Асоси мактаби додекафонӣ бар он аст, ки бар хилофи гаммаҳои диатоникӣ, ҳеҷ як аз савтҳои дувоздаҳгонаи мусиқӣ дар як асар саҳме ва функсияи болотар ва бештар аз савтҳои дигар надорад. Матни мусиқии додекафонӣ аз равишҳои пайҳамии дувоздаҳ садо дар пастубаландии гуногун бо истифодаи ҳамаи садоҳои дувоздаҳгонаи гаммаи хроматикӣ бидуни

такрори онҳо сохта мешавад» [46, с. 112-113]. Яъне композитор хосагии гаммаи додекафониро дар баробарҳуқуқии дараҷаҳои он мебинад. Ва тибқи ин хусусият дар силсилаҳои хурди полифонӣ оҳангсозӣ менамояд. Ин муносибат хеле муҳим аст, зероки дар ҳамон китобҳои мусиқӣ назариявӣ чунин шарҳи гаммаи хроматикиро вомехӯрем: «... ҳар гаммаи хроматикӣ (бо оғози мушаххас) ҳамон нотаҳоеро ба кор мебарад, ки дигар гаммаи хроматикӣ бо оғози дигар. Бинобар ин гаммаҳои хроматикӣ бо нотаҳои мухталифи оғози худ нисбат ба ҳамдигар мустақилият надоранд ва ба ин далел нотаи оғоз дорои “марказият”-ро надорад, ки дар гаммаҳои диатоникӣ ба назар мерасад» [46, с. 78]. Аз ин бар меояд, ки гаммаи додекафонӣ ва гаммаи хроматикӣ новобаста ба сохтори якхела бо табиати худ бар хилофи якдигаранд. Дар силсилаҳои полифонии хурди Фирӯз Баҳор ин фарқият хеле равшан аён гардидааст.

Хулоса, дониши дақиқи назариявӣ, малакаи баланди амалии ин композитор ба ӯ имкон додааст, ки чунин падидаҳои аз якдигар дур, ба монанди фуга ва арӯз, мутақориб ва муқобилбаёну интермедия, сароҳанги фугаву байти шеъриро ҳамҷо карда, асари барҷастаро ба забони муосири замонавӣ эҷод бикунад. Ё дар асоси як оҳанг-иқтибос асаре офарад, ки манбаи мардумиро дар шакли нав дурахшон намояд. Ва ба ин тариқ асарҳое офарад, ки ҳамсадои замон мебошанд.

Бо бузургсилсилаи худ Фирӯз Баҳор мусиқии композитории Тоҷикистонро як қадами устувор пеш бурд. Композитори на ҳар миллат дар ин жанр асар дорад. Жанри бузургсилсила тавоноии санъати мусиқии академиро дар Тоҷикистон бори дигар пурифтихор намудор менамояд.

# ХУЛОСА

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ қайд мешавад, ки композитори тоҷик «Фирӯз Баҳор дуюмин композитори осиёимарказӣ аст, ки ба ин жанр рӯ овардааст» [3]. Бузургсилсилаи худро дар 24 тоналности мажорӣ ва минорӣ қарор дода, дар тартиби давраи квинтоӣ эҷод намудааст. Муносибати Фирӯз Баҳор ба тоналност шартӣ аст. Бисёри нишондодҳои тоналӣ рамзӣ буда, дар дохили онҳо лаҳнҳои диатоникии дорӣ (№6), фригӣ (№4, №10), лидӣ (№17), инчунин, ҳатто силсилаҳои хурди атоналӣ ва дигар вомехӯранд. Эҷоди бузургсилсилаи полифонӣ аз тавоноии композитор шуморида мешавад, ки «мушкилоти рӯзмарраи ҷаҳонро дар эҷодиёташ инъикос карда, таърихан дарҷ мекунад» ва “дар он имкони васеъ кушодани мавзуи эстетикиро пайдо мекунад, онро хубтару пурра мекушояд”» [61, с. 57]. Ба ин бояд илова кард, ки дар таърихи мусиқӣ ин жанри мазкур таҷассумкунандаи системаҳои мусиқӣ гардидааст. Сарфи назар аз зиёд шудани таваҷҷуҳ ба полифония дар асри XX, пайдоиши силсилаи нави полифонӣ ҳамеша як воқеаи муҳим хоҳад монд, зеро он аз маҳорати композиторӣ, камолоти бадеӣ ва аз ҷиддӣ будани мақсадҳои эҷодии композитор дарак медиҳад.

Асари 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» пешниҳоди хулосавӣ дар мусиқии фортепианоии композитор Фирӯз Баҳор маҳсуб меёбад. Дар он Баҳор тавонистааст, аз дастовардҳои ҷаҳонӣ ва Мактаби композиторecho Тоҷикистон баробар истифода барад. Ӯ муаллифест, ки ҳар як композитсияи мусиқиро мақсаднок меофарад ва мутаносибии андозаи таърихӣ ва назариявиро дар он хуб риоя мекунад. Асари мазкур падидаест, ки ба ҷаҳониён арзишмандии мусиқии композитории тоҷикро хеле хуб муаррифӣ мекунад. Композитор дар он унсурҳои гуногуни мураккаби полифониро бо василаҳои ифодаи содаву равон пешниҳод мекунад. Аз васеъии доираи жанрӣ, серташаббусии композитор маълум мегардад, ки ӯ дар авҷи камолоти эҷодист. Аз ин ҷиҳат силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и Фирӯз Баҳор асарест, ки

маҳорату малакаи касбӣ, фаҳмиши фалсафӣ, тафаккури полифонии композиторро бараъло нишон додааст. Ва дар эҷодиёти ӯ ин яке аз қуллаҳои натиҷавиест, ки Баҳор дар мусиқии фортепианоӣ фатҳ карда аст. Ин асар нишон медиҳад, ки Фирӯз Баҳор ҳамқадами замон, ҳамқадами ҳамаи пешравиҳои ҷаҳони мусиқӣ мебошад. Аз дарёфтҳои ин бузургсилсила Фирӯз Баҳорро дар мусиқии тоҷик композитор-навовар ҳисобидан раво аст.

Таҳлили муфассали муқоисавии бузургасари Фирӯз Баҳор бо таълифоти композиторони дигар бо ҳадафи кори диссертатсионии мазкур мустақим вобаста нест. Вале ҳатто шиносоии сатҳӣ бо таҷрибаи композиторон-муаллифони бузургсилсилаҳо имкон медиҳад, ки нодиротии бузургсилсилаи Фирӯз Баҳорро бо хоссагии он хусусан дар ҳалли композитсионӣ қайд намоем:

1. дар ҷодаи лаҳнӣ**:**
   - бузургсилсила, ҳарчанде ба меъёри лаҳнӣ-тоналӣ такя карда, аз рӯи принсипи мажору минорӣ сохта шуда бошад ҳам, он на танҳо системаи мажорӣ-минорӣ, балки системаҳои лаҳнҳои табиӣ (фригӣ – №4, №10, дорӣ – №6, лидӣ – №17), системаи чормуқоми Фалак (фригӣ – №4, фригӣ – №10, дорӣ – №6, лаҳни дорои секундаи афзуда – №5, лидӣ – №17) асоси атоналӣ (№7, №13, №14, №20, №23)-ро низ фаро мегирад;
   - талқини лаҳн-тоналност дар бузургсилсила хосса – шартӣ – аст, аз он лиҳоз, ки он бо *пардаи марказӣ* нишон дода мешавад. Қисман чунин талқин ба услуби асл-фаръи мақомот тақлид аст. Вале бо он маҳдуд нест, зеро ки дар ҷараёни асар хусусиятҳои системаҳои дигари лаҳнӣ низ вомехӯранд;
   - дар интихоби системаҳои лаҳнӣ баробарҳуқуқии системаи мажор-минор (№1, №2, №3, №8, №11, №12, №15, №16, №18, №19, №21, №22, №24), системаи лаҳнҳои миллӣ, аз ҷумла, чормуқоми фалаки тоҷикӣ (№4, №10, №6, №5, №9, №17) ва системаи дувоздаҳпардаии додекафонӣ (№7, №13, №14, №20, №23) ҷо дорад;

- дараҷоти сароҳангҳои фугаҳо дар баробари ҳафтдараҷаӣ инчунин панҷ-, чаҳор-, се- ва ҳатто дудараҷаӣ вомехӯранд. Ба андешаи мо ин вазъ аз фаҳмиши лаҳнҳои мусиқии суннатии тоҷик, аз ҷумла, фалаки помирӣ аст;
- ягонагии бузургсилсила дар принсипи риояи тартиби давраи квинтоӣ аст. серрангии лаҳнӣ (мажорӣ-минорӣ (№1, №2, №3, №8, №11, №12, №15, №16, №18, №19, №21, №22, №24), фригӣ (№4, №10), дорӣ (№6), лидӣ (№17), хроматикӣ (№9), атоналӣ (№7, №14, №20, №23) [4-М].

2. дар асоси зарбӣ-вазнӣ:
   - истифодаи фаровони зарбҳои жанрӣ;
   - зарбҳои мусиқии суннатӣ: равона (прелюдияҳои №10 (cis-moll), №12 (gis-moll), уфар (прелюдияи №1 (C-dur), фугаи №7 (A-dur), бепарвофалак (прелюдияи №6 (h-moll), фугаи №22 (g-moll), баҳри арузии мутақориб (фугаи Des-dur (№15) ворид гардидаанд;
   - дар баробари зарбҳои муқаррарии мусиқии академӣ, зарбҳои миллии уфар (№1, №2), равона (№10, №12), бепарвофалак (№6, №22) вазни озод (№9, №20, №22, №23), баҳри арӯз (№15) ва дигар вомехӯрад [3-М].
3. дар ҷодаи жанрӣ:
   - дар жанрҳои мусиқии суннатии тоҷик: фуга-мутақориб ё фугаи арӯзӣ (№15); дар жанрҳои фалак – фуга-равона (№12), фуга-рапо (№1), фуга-бепарвофалак (№6, №22)-ро офаридааст;
   - дар жанрҳои мусиқии академӣ: скертсоӣ (фугаҳои h-moll (№6), A-dur (№7), ҷазӣ (силсилаи H-dur (№11), рондо (прелюдияи C-dur (№1), токкатоӣ-этюдӣ (прелюдияи g-moll (№22), зеровозӣ-имитатсионӣ (силсилаи A-dur (№7), вариатсия (прелюдияи As-dur (№17), импровизатсионӣ (прелюдияҳои a-moll (№2), e-moll (№4), D-dur (№5), Des-dur (№15), c-moll (№20), g-moll (№22), силсилаҳои E-dur (№9), F-dur (№23) [5-М, 7-М, 8-М].

